**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ИЛМ ВА АМНИЯТ»-И**
**МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 1 (3), 2023**

**МУАССИС –** Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: № 253/МҶ-97 аз 21 июни соли 2022. Маҷалла аз соли 2018 бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

**Раиси Шӯрои мушовара:**
**Ятимов С.С.** – узви вобастаи АМИТ,
доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор

**Ҳайати Шӯрои мушовара:**
**Меликзода М.Э., Валиев Н.М., Ҳамробоев Ф.М., Бегназаров А.С., Йигитов Р.Т., Шарипов И.З., Назаров У.Қ., Ҳамидов Ҳ.С.**

**Сармуҳаррир: Салихов Р.С.**

**Муовини сармуҳаррир: Абдуллоев А.А.**

**Ҳайати таҳририя:**
**Мальцева Г.Ю., Ахмедов П.У., Боев З.У., Сафоев А.А., Амонов А.Г., Раҷабов А.С., Салимов Б.А., Давлатов С.И., Зарифов Ф.Б., Саидов К.И., Аминов Ф.А., Ғуломова Ф.А., Худойназарова З.Ч., Назарова П.А.**

**Муҳаррири техникӣ: Раҳмонов Н.А.**
**Масъули нашр: Камолов С.А.**

© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.

---

*Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ»**
**ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**№ 1 (3), 2023**

**УЧРЕДИТЕЛЬ** – Высшая школа Государственного Комитета национальной безопасности Республики Таджикистан. Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 253/ЖР-97 от 21июня 2022 года. Издается с 2018 года на таджикском, русском и английском языках.

**Председатель редакционной коллегии:**
**Ятимов С.С.** – член-корреспондент НАНТ,
доктор политических наук, профессор

**Члены редакционной коллегии:**
**Меликзода М.Э., Валиев Н.М., Хамробоев Ф.М., Бегназаров А.С., Йигитов Р.Т., Шарипов И.З., Назаров У.К., Хамидов Х.С.**

**Главный редактор: Салихов Р.С.**

**Заместитель главного редактора: Абдуллоев А.А.**

**Редакционная коллегия:**
**Мальцева Г.Ю., Ахмедов П.У., Боев З.У., Сафоев А.А., Амонов А.Г., Раджабов А.С., Салимов Б.А., Давлатов С.И., Зарифов Ф.Б., Саидов К.И., Аминов Ф.А., Гуломова Ф.А., Худойназарова З.Ч., Назарова П.А.**

**Технический редактор: Рахмонов Н.А.**
**Ответственный за печать: Камолов С.А.**

© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2023.

---

*Взгляды редакционного состава могут не совпадать с мнением авторов. Авторы несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

**SCIENTIFIC JOURNAL OF «SCIENCE AND SECURITY» OF HIGH SCHOOL OF THE SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**№ 1 (3), 2023**

**FOUNDER –** High school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan. Journal has been registrated by Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate of regisration No. 253/MF-97 dated june 21, 2022. Journal is published since 2018 in Tajik, Russian and English languages.

**Chairman of consultation board:**
**Yatimov S.S.** – the corresponding member of National Academy of Sciences of Tajikistan, doctor of political sciences, professor

**The member of consultation board:**
**Melikzoda M.E., Valiev N.M., Hamroboev F. M., Begnazarov A.S., Yigitov R.T., Sharipov I.Z., Nazarow U.Q., Hamidov H.S.**

**Chief Editor: Salikhov R.S.**

**Deputy Chief Editor: Abdulloev A.A.**

**Editorial board:**
**Maltseva G.Yu., Akhmedov P.U., Boev Z.U., Safoev A.A., Amonov A.G., Rajabov A.S., Salimov B.A., Davlatov S.I., Zaripov F.B., Saidov K.I., Aminov F.A., Ghulomova F.A., Khudoynazarova Z.Ch., Nazarova P.A.**

**Technical editor: Rahmonov N.A.**
**Responsible of publish: Kamolov S.A.**

© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2023.

---

*The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

# МУНДАРИҶА

1. **Ятимов С.С.** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) ........ 7

2. **Ятимов С.С.** Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор ........ 21

3. **Шарифзода А.** Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъсис ва таҳкими Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон ........ 26

4. **Зарифов Ф.Б.** Омил ва шароитҳои мусоидаткунанда дар мубориза бар зидди тахрибкории идеологии терроризми муосир ........ 34

5. **Расулов Қ.С.** Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ташкил ва амалисозии «инқилобҳои ранга» ........ 42

6. **Салимов Б.А.** Хусусиятҳои ошкор ва сабти изҳои электронӣ-рақамӣ, ки дар захираҳои шабакаи интернет мавҷуданд ........ 49

7. **Маҳмадёров Б.М.** Сабабҳои пайдоиши терроризм ва омилҳои инкишофи он ........ 58

8. **Назаров У.Қ.** Олами дунявӣ, ҳофизаи таърихӣ ва фалсафаи вуҷудии миллати тоҷик ........ 68

9. **Худойназарова З.Ч.** Тарзи синтаксисии луғатсозӣ ва истилоҳоти «амният» дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ ........ 75

10. **Илёсова Ф.Т.** Назаре ба масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забони тоҷикӣ ........ 84

## СОДЕРЖАНИЕ

1. **Ятимов С.С.** Кто умён, тот и силён (размышления о Послании Лидера нации) ........ 7

2. **Ятимов С.С.** Смотри на этого прославленного воина ........ 21

3. **Шарифзода А.** Роль Эмомали Рахмона в создании и Укреплении Пограничных войск Таджикистана ........ 26

4. **Зарифов Ф.Б.** Факторы и условия, способствующие в борьбе с идеологической диверсией современного терроризма ........ 34

5. **Расулов К.С.** Роль информационных технологий в организации и осуществлении «цветных революций» ........ 42

6. **Салимов Б.А.** Особенности обнаружения и фиксации электронно-цифровых следов, содержащихся на ресурсах сети интернет ........ 49

7. **Махмадёров Б.М.** Причины возникновения терроризма и факторы его развития ........ 58

8. **Назаров У.К.** Светское мировоззрение, историческая память и экзистенциальная философия таджикского народа ........ 68

9. **Худойназарова З.Ч.** Синтаксический способ образования лексики и терминологии «безопасности» в современном таджикском и английском языках ........ 75

10. **Илёсова Ф.Т.** Некоторые взгляды на проблему термина и терминологии в таджикском языке ........ 84

# CONTENT

1. **Yatimov S.S.** If you are wise - you are powerful (thoughts about the Message of the Leader of the nation) ... 7

2. **Yatimov S.S.** Look at - this famous army ... 21

3. **Sharifzoda A.** The role of Emomali Rahmon in the establishment and strengthening of Border troops of Tajikistan ... 26

4. **Zarifov F.B.** Facilitating factors and conditions in the fight against the ideological devastation of modern terrorism... 34

5. **Rasulov Q.S.** The role of information tehnology in the organization and implementation of «color revolutions» ... 42

6. **SalimovB.A** Features of detection and fixation of electronic digital traces contained on internet resources ... 49

7. **Mahmadyorov B.M.** The origins of terrorism and the factors of it's development ... 58

8. **Nazarov U.Q.** The secular outlook historical memory and existential philosophy of tajik s nation ... 68

9. **Khudoynazarova Z.Ch.** Syntactical way of formation of vocabulary and terminology of «security» in modern tajik and english languages ... 75

10. **Ilyosova F.T.** Looking at the problem of termin and terminology in the tajik language ... 84

# ТАВОНО БУВАД, ҲАР КИ ДОНО БУВАД
**(*андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат*)**

# КТО УМЁН, ТОТ И СИЛЁН
***(размышления о Послании Лидера нации)***

# IF YOU ARE WISE - YOU ARE POWERFUL
***(thoughts about the message of the leader of the nation)***

**Ятимов С.С.**
**Yatimov S.S.**

*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана.*
*Doctor of political science, corresponding member of National academy of science of Tajikistan.*

**Аннотатсия:** Муаллиф андешаҳои худро дар бораи моҳияти аслӣ, аҳаммияти баланди сиёсӣ-идеологӣ ва ҳуқуқии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар ва дар ин замина, баланд бардоштани сатҳи худогоҳию худшиносии миллӣ, ҳисси масъулиятшиносиро дар иҷрои дастуру супоришҳои дар Паём ироадоштаи Сарвари давлат пешниҳод кардааст. Таъкид мегардад, ки дар Паём раванди ташаккули давлатдории миллии тоҷикон, талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳайё сохтани шароити шоистаи зиндагӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокӣ ба манфиати рушди устувору босуботи кишвар таҳти роҳбарии Сарвари давлат дар марҳилаҳо ва шароитҳои мураккаби рушди ҷомеаи миллӣ, дар асоси таҳлили амиқи тамоюли инкишофи вазъияти сиёсии ҷаҳони муосир муайян гаштааст.

**Калидвожаҳо**: Паём, моҳияти сиёсӣ-идеологӣ ва ҳуқуқӣ, Сарвари давлат, худогоҳию худшиносӣ, дастуру супоришҳо.

**Аннотация**: Автор излагает свои мысли об основной сущности, высокой политико-идеологической и правовой значимости Послания Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли страны и в этом контексте выдвигает поднятие уровня национального самопознания и самосознания, чувства ответственности при выполнении поручений и распоряжений Главы государства, упомянутых в Послании. Подчёркивается, что в Послании определён процесс формирования национальной государственности таджиков и усилия Правительства Республики Таджикистан по созданию достойных условий жизни, повышению уровня грамотности и образованности ради устойчивого и стабильного развития страны под руководством Главы государства поэтапно и в сложных условиях развития национального общества на основе глубокого анализа тенденций развития современного мира.

**Ключевые слова:** Послание, политико-идеологическая и правовая значимость, Глава государства, самопознание и самосознание, указания и распоряжения.

**Annotation:** The author expresses his thoughts about the main essence, high political, ideological and legal significance of the Message of the President of the Republic of

Tajikistan to the Majlisi Oli of the country and in this context, puts forward raising the level of national self-knowledge and self-awareness, a sense of responsibility when fulfilling the instructions and orders of the Head of State mentioned in the Message. It is emphasized that the Message defines the process of formation of the national statehood of the Tajiks and the efforts of the Government of the Republic of Tajikistan to create decent living conditions, increase the level of literacy and education for the sake of sustainable and stable development of the country under the leadership of the Head of State in periods and in difficult conditions for the development of the national society based on a deep analysis of the trend development of the modern world.

**Key words:** Message, political ideological and legal significance, Head of State, self-knowledge and self-awareness, instructions and orders.

Дар таърихи навтарини миллати тоҷик Паёми Роҳбари давлат – маҷмуи таҳлил, арзёбӣ, як навъ ҳисобот, инчунин, натиҷагирӣ аз фаъолияти Ҳукумат ва дар ин асос, ироаи тасмимҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшаҳои ҳаётан муҳимми мақомоти олии мамлакат мебошад.

Нуқтаи архимедӣ – такягоҳии ҳуҷҷат баҳогузории кори ҳукумат дар соҳаи иқтисод аст.

Вобаста ба ин, дар Паём, дар робита бо равандҳои бузурги ҷаҳонишавӣ таъкид мегардад: **«Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд» [4, 23].**

Чунин хулоса бо далелҳои эътимодбахш тасдиқ карда мешавад: **«Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт» [4, 4].**

Аз муҳимтарин масъалаҳои дигаре, ки дар Паём мавриди баррасӣ қарор дода шуд, вазъи соҳаи маориф ва рушди маърифатнокӣ дар солҳои наздик ва дарозмуддат мебошад. Мавзуи баҳси мо ҳамин ҷанбаҳоро дар бар мегирад.

### Эҳёи манзалати хирад

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳанӯз аз рӯзҳои аввали интихоб шудан ба мақоми Сарвари давлат, ба масъалаи рушди илм, мактаб ва маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Давраи роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба бахти миллати тоҷик, зиёда аз чоряк асрро дар бар мегирад, замони гул – гулшукуфии асосҳои бунёдии давлати миллии тоҷикон, аз ҷумла, соҳаи мактабу маориф мебошад.

**Агар ба қавли таърихнависон, асри X – замони салтанати Сомониён, давраи тиллоии тараққиёти илм, адабиёту фарҳанг ёдоварӣ шавад, замони роҳбарии Пешвои миллат дар шароит ва имконоти навин, бидуни шак, муассиртар, самараноктар ва бузургтар аз он аст. Чунин амал, бо мантиқи сухани Отто фон Бисмарк, ки ҳангоми муколамааш ба халқ гуфта буд: «Мо нисбати падарони худ беҳтар кӯшиш ва натиҷабардорӣ хоҳем кард!», ҳамоҳангӣ мекунад.**

Ин дастовардҳо дар Паём возеҳ тафсир гаштаанд.

Муҳимтарин таъйиноти давлат ва давлатдорӣ таъмини амният (1) ва сиёсати иҷтимоӣ (2) мебошад. Сабаб ва

натиҷаи ин ду ҷузъиёти бо ҳам дар алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобастагӣ ва муайянкунандагӣ буда, дар Паём инъикос меёбад: **«дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард» [4, 5].**

Беҳтарин инъикоси далелнокии хулосаҳои мантиқӣ рақамҳо ҳисобида мешаванд. Исбот кардан, асоснок намудан тавассути аёният, нишон додани натиҷаҳои фаъолият бозгӯкунандаи ҳақиқат мебошанд. Дар Паём ин усул эътимодбахш баён мегардад: **«Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст» [4, 5].**

Аз дигар лиҳоз, далелнокии мантиқӣ он аст, ки худи ҳақиқати воқеӣ хосияти дарки мустақилро касб мекунад. Тасдиқи он ба сарфи вақт ва кӯшиши маҳз ниёз надорад. Ба забони одӣ, инфрасохтори соҳаи маориф зина ба зина, бо ташаббуси Роҳбари давлат сохта ва дар истифодаи муаллимон, наврасон, ҷавонон, падару модарон қарор дода шудааст. Яъне, ин натиҷаҳо ба ҳамагон маълуманд.

Чунин дастовардҳо дар роҳи рост, худ ба худ ба даст намеоянд.

Худи таърих ҳам дар асл падидае нест, ки аз он амал рӯяд. **«Таърих ҳеҷ коре намекунад. Вай ягон хел бойигарии беохир надорад». Он «дар ягон ҷабҳа мубориза намебарад!». На «таърих», маҳз инсон, инсони воқеӣ, зинда – ана ҳамин аст, ки ҳамаи ин корҳоро анҷом медиҳад. Ҳамаи чизро дорад. «Таърих» ягон шахси алоҳида нест, ки инсон аз он ҳамчун восита барои амалӣ кардани мақсадҳои худ истифода намояд. Таърих ғайр аз фаъолияте, ки одам дар он мақсади худро амалӣ мекунад, чизи дигаре нест» [2, 211].** Таърихсоз Инсон аст, ки ба вақту муҳит муҳтаво мебахшад. **Шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номи миллати тоҷик, давлати миллии тоҷиконро машҳури олам сохт. Сиёсати маорифпарварии Пешвои миллат қисмати муҳимми ин маъруфият маҳсуб мегардад.**

Ҳамзамон, мантиқ ва усули сиёсати Роҳбари давлат, аз ҷумла, дар самти маърифати умумимиллӣ, ба андешаи мо, бар чор унсур асос ёфтааст – **ваҳдати миллӣ (1); ҷаҳду кӯшиши хастагинопазир барои рушду тараққии миллӣ (2);ояндабинӣ (3) ва навовариву навгонӣ (4).**

Ҳамагон шоҳиди онанд, ки муносибати Пешвои миллат ба соҳаи илму маориф хосияти энсиклопедӣ дорад. Бурду бохт ва тақдири имрӯзу фардои давлатро, пеш аз ҳама, дар сатҳ, сифат ва самараи фаъолияти соҳаи маориф медонад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо меорояд. Бо тамоми қишрҳои аҳолӣ - оғоз аз мактабҳои ибтидоӣ, миёна, олӣ, деҳқонон, коргарон, олимон, кормандони соҳаҳои эҷодӣ, аъзои ҳукумат бо сарфи қимматарин арзиш – вақт, батафсил, тахассусмандона, бурдборона, бо дарки хусусияти шахсӣ, дараҷаи дониш ва касбияти ҳар кас муошират мекунад. Ба муҳтавои нутқи ҳар кадом таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин восита мехоҳад, тасаввурот ва маълумоти худро оид ба ҳолу аҳвол, сатҳи маърифатнокии онон бозсанҷӣ, хулосабарорӣ ва чораҷӯйӣ кунад. Ин усул ва тарзи давлатдорӣ намунаи олии ҳидояткунандаи раҳбарист.

Он нуктаро таъкид бояд кард, ки яке аз мавзуъҳои марказии муҳокимаронии Сарвари давлат, таъкид кардани нақши илм, дониш, мактаб, маориф, касбият ва тахассусмандӣ дар ҳаёти имрӯза ваояндаи миллат мебошад.

### Ҷаҳонбинӣ, тақдир ва таърих

Бузургтарин фоҷеаҳое, ки дар тӯли асрҳо ба сари миллати тоҷик омадаанд, аз зарфияти камтарини дарки оммаи мардум дар қиболи воқеияти ҳастӣ сарчашма мегиранд. Одамон тақдири имрӯза ва фардои худро на ба қудрат, тавоноӣ, воқеият, имконоти инсонӣ, ҳолат ва вазъияти ақлонии мавҷудоти соҳибтафаккур, балки ба он тахминҳо ва ҷаҳонбиниҳое ҳавола мекунанд, ки аз доираи мавҷудоти моддӣ берунанд.

Саволе ба миён меояд, ки барои чӣ, ҳадди ақал, дар Осиёи Миёна ва умуман, Осиёи Бузурги Марказӣ, миллати тоҷик нисбат ба дигар халқияту миллатҳо майли зиёдтар ба таваккалу тақдирсолорӣ дорад? Ҳатто намояндагони аз лиҳози таҷрибаи зиндагӣ варзида ва соҳибмаълумоти он тамоюл ба фарҳангу ҷаҳонбиние доранд, ки аз рӯи моҳият, таъйиноти сиёсӣ ва идеологӣ наметавонанд, ба ормонҳои давлатдории миллӣ созгор бошанд. Дар ин ҷода бо ҳазорҳо ҷавонони гумроҳ, ки барои ҳимояи манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо дар хориҷи мамлакат ҷон медиҳанд, ҳамақидатии бунёдӣ ба намоиш мегузоранд. Агар он гурӯҳ (*ҷавонон*) *хонахез* ба «ҷиҳод» раванд, ин гурӯҳ (*зиёиёни миллӣ* – «*мағзи миллат*») дар ҷабҳаи саҷда пешсафанд.

Дар мушкилоти миллии фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии сиёсӣ афтодани миллати тоҷик фақат ҷойи таассуф аст. Аммо онро мебояд аз лиҳози илмӣ-таърихӣ дарк ва тавассути маърифатикунонӣ чораандешӣ кард.

Натиҷабардорӣ ва хулоса он аст, ки рӯҳ ва маънавиёти ғайримиллӣ натиҷаи ҳолати ғуломӣ, адами пуштибони аслӣ – ҳокимияти сиёсии миллати тоҷик дар тӯли ҳазор сол аст.

Худи муносибати ҷаҳонбинии илмӣ (*муайянкунандагӣ, воқеӣ, назарияи дар таҷрибаи зиндагӣ тасдиқгардида, заминӣ*) ва масъалаи ташаккули вазъи рӯҳӣ (*сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ*) фақат дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба тарзи механикӣ, дар ҳолати бетафовутӣ, ғайримақсаднок арзи вуҷуд мекард. Вассалом.

Падидаи давлат, хосияти синфӣ, ҳизбӣ, динӣ, гурӯҳӣ, ба таври истисноӣ, фардӣ дорад. Аммо дар ҳар ҳолат аз паси ин зуҳуроти иҷтимоӣ миллате меистад. Бо ҳамин имконот миллатҳое, ки аз пуштибонии ҳокимияти сиёсӣ бархӯрдоранд, ба хотири субот ва давомнокии ҳамин ҳокимият ақида, ҷаҳонбинӣ ва идеяҳоеро истеҳсол ва дар ақлҳои табааи (*раият, фуқаро, банда, мутеъ, фармонбардор, зердаст, хидматгор.* **[5, 753]** худ мекоранд ва парвариш медиҳанд, ки манфиати миллати ҳокимро ҳимоя мекунад. На ангезаи бештар аз онро.

Таҳкими ҷаҳонбинӣ ва ақидаи ғуломӣ умри низоми ғуломдориро дароз мекунад. Мутаассифона, мо дар ҳаёти рӯзмарра ин ҳолати асрҳо тамдидёфтаи фоҷеазоро мебинем. Аммо **«вақте расад, ғулом дарк кунад, ки ӯ воқеан ғулом аст, ӯ дигар ғулом нест»** (А. Шопенгауэр). Моҳияти пайравӣ ва саҷдагорӣ ба фарҳанги бегонаро ҳикмат ҳамин аст. Аммо озод шудан аз ғуломии ақидатӣ ва ҷаҳонбинӣ, аз лиҳози илмӣ дарк кардани сабабҳои худи бандагӣ аст. Ин вазифаи таърихии ҳокимият, омӯзгор ва омӯзанда мебошад.

Муҳтавои ҷаҳонбинӣ ва равандҳоеро, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо тоҷикон, онро дар сатҳҳои гуногун, ба тарзи одӣ «пайравӣ ба фарҳанги бегона» меноманд, падидаи маъмулӣ - ғуломии рӯҳӣ ва ақидатӣ аст. Чизи дигаре нест.

Маҳз ҳамин ҳолат, ҳамин ҷаҳонбинӣ муҳтавои гуфтор ва рафторҳои ғуломонаро тавлид, ташвиқ, тарғиб, «асоснок» ва барои мутеъшавӣ ба онҳо истодагариву якравӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки:

**Кова, ки донад задан бар сари**
**Заҳҳок путк,**
**Кай шавадаш пойбанд кӯраву**
**сандону дам.**
*(Хоқонӣ)*

Мутаассифона, ин ҳолат, батадриҷ, ҷомеаро ба мушкилоти ислоҳнопазир мебарад. Ва кор агар ин асту вазъ ину фикру пеша ин, шояд қавм як замон аз паҳлуи таҳлили таҷрибаи таърихи фоҷеабораш гузарад. Ба атроф нигарад. Вориди андеша гардад, то теша аз решаи хеш баргирад.

**Нуқтаи ниҳоии бухрони ақидатии аввали солҳои навадум пуштибонӣ аз назарияи босмачигарӣ ва хомӯшии ризоятмандонаи «мағзи миллат» – зиёиён буд, ки бо гузашти чанд моҳ, ҷомеаи тоҷик аз назария ба амалияи он – *ҷиҳодгароӣ* рӯ ба рӯ гашт.**

**Акси садои ҷаҳонбинии зиддимиллӣ дар шаклҳои гуногун имрӯз ҳамчун шабаҳ баръало ба чашм мехӯрад. Ва ба гӯшҳо мерасад.**

Яъне, масъалаи ба алангаи ҷанги шаҳрвандӣ фарогирии ҷавонони солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта, зери таъсири ақидаҳои муллоҳои ифротӣ мондани онҳо, ҳамчун камбуди бузурги давлат ва давлатдории он замон бояд ба инобат гирифта шавад.

Мусаллам аст, ки агар ҳар як нафар аз эҷодиёти адибону олимони классик ва муосири тоҷик дар доираи муҳтавои барномаи таълимии давр бахравар мегашт, ҷараёни тарбия вазифаи асосии худ – муътақидкунониро иҷро карда метавонист, назарияҳои зиддимиллӣ аз захираҳои эҳтимолии қувваҳои ҳаракатдиҳандаи худ маҳрум мегашт.

## Давлати миллӣ ва мактаби миллӣ

Таваҷҷуҳи фавқулодаи Пешвои миллат нисбат ба фаъолият, сифат, самараи мактаб ва маориф ҷанбаи бунёдӣ – таърихӣ дорад.

Бузургтарин олимони ҳама давру замон асос гузоштан ва ҳифз кардани сохти давлатдориро берун аз масъулияти мактаб шиори хушку холӣ ва амали бебунёд ҳисобидаанд.

Ҳанӯз дувуним ҳазор сол қабл, яке аз саромадони фалсафаи объективии олам Аристотел таъкид кардааст: **«Қонунгузор мебояд ба тарбияи ҷавонон аҳамияти фавқулода диҳад. Маҳз дар давлатҳое, ки чунин муносибат нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад» [1, 535].**

Файласуфи Юнони Қадим, бидуни дудилагӣ, гаштаву баргашта, хотиррасон мекунад, ки **барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, муҳтавои тарбия, умуман, сиёсати ҳукумат дар соҳаи таълиму тарбия бояд таҳти назорати қатъӣ ва корбарии давлат бошанд**.

Ӯ бо дилсӯзии маҳз таъкид месозад: **«Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқат намояд. Сифатҳои ба худ хоси ҳар як сохти давлатдорӣ, асосан, барои ҳифзи ҳамон сохти давлатдорӣ хизмат мекунанд» [1, 535]**.

Дар идомаи сухан Аристотел таълиму тарбияро ҷанин, асос, ибтидо, сабабгори тавлид ва шаклгирии муҳтавои сохти давлатдорӣ мешуморад: **«Тарбия аз оғоз бунёнгузори сохти давлатдорӣ аст»** ва чун устоди бузурги одамизод хотиррасон мекунад**: «Ҳама вакт сифати нек шакли хуби сохти давлатдориро таъмин менамояд» [1, 536].**

Фаромӯш кардан ба фоидаиояндасозӣ нахоҳад буд, ки **як сабаб дар як ҳолат, дар як шароит ва дар як вазъ натиҷаи якхела ба бор меорад.**

Фақат дар ҳар ҳолат баҳонаҳо гуногун мешаванд.

Аммо ин муҳим нест. **Ба ғайр аз ин, байни сабаб (1), натиҷа (2), шароити мувофиқ (3) алоқаи ногусастанӣ вуҷуд дорад. *Сабаб* бошад, барои он *шароит* омода гардад, *натиҷа* ба зуҳуроти бебозгашт мубаддал мешавад.**

Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистони солҳои навадум ҳодисаи осмонӣ ва ғайричашмдошт набуд. Анчари дар ҳамин сарзамин рӯидаи хосияти заҳҳокигирифта буд.

Роҳбарон ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи зиддимиллӣ дастпарварда ва маҳсули ҳамон мактабҳои аз назорати

давлат ва сиёсати давлатдорӣ дурмонда буданд.

Тасдиқи чунин натиҷаи сабабӣ кашфиёт нест. Аз **«умри Хизр дарозтар ва аз мулки Искандар фаротар»** *(таъбири Ҳофиз)* аст.

Вобаста ба ин, бори дигар муроҷиат шавад ба китоби «Сиёсат»-и Арасту, ки мегӯяд: **«Ба хотири он ки давлат, дар маҷмуъ, ҳамагӣ як мақсадро мадди назар дорад, мусаллам аст, ки барои ҳама тарбияи ягона ва якхела лозим аст. Ва ғамхориву муносибат ба чунин тарбия мебояд кори умумӣ бошад, на шахсӣ, мисли он ки дар ҳоли ҳозир ҳар касе чунин хаёл дорад ва он чизе, ки ба сари ӯ меояд» [1, 536].**

Аристотел назарияи худро дар доираи категорияи **«манфиат»**-и давлатдорӣ, ки асоси онро амният, рушд ва тараққиёт ташкил мекунад, чунин шарҳ медиҳад: **«Чизе, ки манфиати умумӣ** *(давлатмеҳварӣ – С.Я.)* **дорад, мебояд дар доираи фаъолияти дастаҷамъӣ ҳаллу фасл гардад» [1, 536]**.

Ба ибораи дигар, худи тарбия ҳамчун мафҳуми системавӣ амалест, ки барои ташаккули шахсият, дар асоси арзишҳои рӯҳӣ ва маънавию ахлоқӣ, барои таъмини манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, дар замири одамон бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ, масъулияти бузурги шаҳрвандӣ хизмат намуда, аз муҳимтарин вазифаҳои давлат маҳсуб мегардад.

Давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ наметавонад ва ҳуқуқ ҳам надорад, ки дидаву дониста ва бошуурона, дар дохили ҷомеа нисбат ба падидаҳои аз лиҳози тарбия номуваффақ, ки имкон дорад дарояндаи наздик ва дур ба сохти конститутсионӣ, суботи мамлакат хатар эҷод кунанд, бетараф бошад.

**Чунин талабот фарогири ҳама қишрҳои ҷомеа аст. Он чунин масъулияти бузургро бар дӯши падару модар, мактабҳои миёнаву олӣ, масъулони соҳаи дин, хулоса, кулли ҷомеа мегузорад. Муколамаи байни одамон мебояд дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ба мақсадҳои рушди миллӣ созгор бошад.**

Оё гуфтан мумкин аст, ки ин хулосаи нав ё фавқулода аст?

Албатта, не.

Аристотел дар ин маврид нуқтаҳои принсипиалӣ, ба андешаи мо, махсусан муҳимро таъкид месозад, ки онҳоро ҳамчун сармашқи фаъолият ба назар нагирифтан мумкин нест: «**Набояд фикр кард, ки ҳар шаҳрванд худ ба худ аст. Не, ин тавр нест. Ҳамаи шаҳрвандҳо мансуб ба давлат мебошанд. Барои он ки ҳар кадоми онҳо як ҷузъи давлат ҳастанд. Ва ғамхории ҳар кадом бояд парастории ҳамаро дар назар дошта бошад» [1, 536].**

### Шароити воқеии фаъолият

Паём барои ҷомеа ҳамчун сарчашмаи маълумоти аслӣ мебошад. Вақте одамон дар бораи соҳаҳои гуногуни давлатдорӣ донишҳои ҳамсон ба воқеият пайдо мекунанд, сарфаҳм рафтан ба моҳияти масъалаҳои ҳаётан муҳим, ки ҳукумати мамлакат барои ҳаллу фасли он тамоми нерӯ ва имконоти худро сарф кардааст, осон мегардад.

Боиси эътироф, эҳтиром ва қадршиносист, ки матни Паём дар чаҳорчӯбаи талаботи илмӣ, бо назардошти таҳаввулот ва дигаргунии мавзуъ омода гардида, нуқтаҳои аслии он бо истифода аз методи муқоисавӣ – таърихӣ асоснок карда шудаанд: **«Дар 31 соли истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта, ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд» [4, 5].**

Тоҷикистон бо вуҷуди бuҳрони сангини таҳмилӣ, имконоти ниҳоят маҳдуди захираҳои сӯзишворӣ ва мушкилоти геополитикӣ ба чунин дастоварди бузург ноил гардида бошад ҳам, дар арзёбӣ ва хулосабарории кори анҷомшуда, усул ва корбарии хирадмандонаи Роҳбари давлат – ҳеҷ вақт қаноат накардан ба натиҷаҳои

фаъолият мушоҳида мегардад: **«Бо вуҷуди ин, корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд» [4, 5]**.

Яъне, нақшаҳои бузург ҳоло дар пешанд.

Ҳукумати мамлакат мекӯшад, ба инкишофи ҳаматарафаи шахсият – бойгарии маънавӣ, покизагии ахлоқ ва инкишофи ҷисмонӣ, ки бунёди он дар шароити таҳсилоти миёна гузошта мешавад, минбаъд ҳам таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд.

### Инсон – маҳсули ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ

Агар одам аснои ба дунё омадан мафҳум ва падидаи биологӣ бошад, мартабаи «инсон», «шахс», «шахсият» қисмат ва маҳсули ҷомеаи инсониву муҳити иҷтимоӣ аст. Тибқи хулосаи олимони маъруф **«...моҳияти инсон истилоҳи мавҳум, номуайян нест, ки ба як шахс мансуб бошад. Воқеан, одам маҷмуи кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ аст».**

Одам офаридаи ҷисмонӣ, моводи олии табиат аст. Хосияти анатомӣ – физиологӣ ва қонунмандиҳои биологиро дар худ таҷассум мекунад. Ҳамзамон, бо ин, **табиат дар шаклгирии мӯҳтавои ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии инсон нақш дошта наметавонад.** Аммо на танҳо забон, шеваи гуфтор, ҷаҳонбинӣ, муносибат ба олами ҳастӣ – муҳити атроф, балки аз «чорпоӣ» ба ду по истода роҳ гаштанро ҳам одам аз одам меомӯзад.

Аз тарафи дигар набояд гумон кард, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳуроти аз инсон дур ва ҷудогонаанд. Баръакс, худи муносибатҳои ҷамъиятӣ моҳият, мағз андар мағзи инсонро ташкил мекунанд.

Натиҷаи муносибати худи одамон дар асоси фаъолияти дастаҷамъӣ *(ҳамкорӣ, муомила, муошират, табодули афкор, ҳамраъйӣ,)* шакл мегирад. Маҳз дар аснои муносиботи ҷамъиятӣ ҷанбаҳои дарк (*сарфаҳм рафтан, фаҳмидан*)-и олами атроф (*табиат, ҷамъият, давлат, тамаддун, фарҳанг, дин ва ғ.)* ба вуҷуд меоянд.

Ҷаҳонбиниҳо, идеяҳо, ормонҳо, нияту мақсадҳои ақидатӣ ба инсонҳо зарурати гурӯҳбандии иҷтимоиро дар ҳар шакл ҳидоят мекунанд. Асос мегузоранд.

**Пас ин террористҳо, ифротгароён, худкушҳо – диишиҳо, ансоруллоҳиҳои наҳзатӣ, салафиҳо, таҳририҳо, унсурҳои зиддимиллӣ кай? Дар кадом ҳолат? Аз куҷо пайдо шуданд?**

Надоштани дониши бунёдӣ, раҳгумиҳои зиддимиллӣ, фосилагирӣ аз ҷаҳонбинии маорифпарварона дар муҳити муайян – оила, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, алоқа бо шахсони ифротгаро сабаб шуд, ки садҳо ҷавон ба гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ ҳамроҳ гашта, миллат ва давлати Тоҷикистонро дар арсаи олам бадном созанд. Ва ин ҷараён шиддат гирифта истодааст.

Дар назария ва амалияи таъмини вазъи амнияти давлат, ҳам дар дараҷаи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ, се мафҳум ҳамчун истилоҳи қолабӣ (формула) истифода мешаванд: рақиб (1); мақсад ва ниятҳои рақиб (2); қувва ва воситаҳои таъмини амнияти давлати миллӣ (3).

**Таҳлилгар, масъул ва тасмимгир мизон ва таносуби ин се ченакро мебояд пайваста пайгир бошанд. Дар муддати 24 соат.**

Аммо «амният» мафҳуми фардӣ, идоравӣ, соҳавӣ, махсускунонида ва маҳдуд нест. Таъмини амнияти давлат мафҳуми занҷиравӣ аст. Низоми ягонаи дар меъёрҳои конститутсионӣ муайяншуда мебошад. Он фаъолияти маҷмуи дастгоҳҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маърифатӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад. **Дар занҷир ҳалқаи сусттарин оқибат мешиканад. Ва занҷир таъйиноти худро аз даст медиҳад.**

Агар аз рӯйи назарияи воқеият, ҳамчун категорияи мантиқ назар кунем – **бадтарин ҳақиқат беҳтар аз беҳтарин раҳгумзаданҳост**. Яъне системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, ки қисмати асосии онро **мактаб ва маорифи умумӣ**

**ташкил мекунад, дар муқобили идеологияи геополитикии нооромсохтан ва шикаст додани давлатҳои миллӣ, номутаносиб будани худро дар амал, дар таҷриба нишон дода истодааст.**

Албатта, ҷанг ҳамчун истилоҳ мафҳуми сиёсӣ, ифодакунандаи мақсад ва ҷараёнҳои сиёсӣ барои тағйир додани вазъ ва андозаи истифодабарии манфиатҳост. **Ҳамчунон, ҷанг ягона воситаест, ки сифат ва самаранокии системаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва идеологии як давлат дар он имтиҳон карда мешавад.** Набудани ҷанг сулҳ аст. Аммо вазъи минтақа ва ҷаҳон, ки Тоҷикистон ҷузъи он аст, ниёз ба шарҳи иловагӣ надорад.

Агар вазъияти маънавӣ – идеологии насли ҷавон дар чаҳорчӯбаи мафҳумҳои баёншуда тафсир гардад, ба манфиати суботи пойдори давлатдорӣ арзёбӣ кардани он мушкил мешавад.

Фаъолияти мактаб, маориф - кӯшишҳои ташаккули ҷаҳонбинии мардум, махсусан ҷавонон, мебояд ба он нуқтае равон карда шавад, ки маҳз худи инсон, дониш, хирад, ақл ва фаросати ӯ омили хушбахтии ӯст. Халқҳои пешқадами олам, ки имрӯз мусулмонҳо пойбанд ва вобастаи онҳо ҳастанд, барои худ афсона, тасаввуроти ғайриодӣ намебофанд. Саҷда ба донишу хирад мекунанд. Ба умеди фазилат ва донишҳои заминӣ ҳастанд. **Ба гуфти Абуалӣ Сино, агар ба чароғ равған ҷон бахшад, ба инсон илм.**

Инсоне, ки ба илму хиради одамӣ бовар дорад ва ба он такя мекунад, барои худ ва ҷомеа муфид, ҳадди ақал, безарар аст.

## Ҳолат, муносибат, вазъият

Тавре таъкид гардид, мактаб муҳимтарин ҳалқа дар занҷири ташаккули ҷаҳонбинии давлатдории миллӣ мебошад. Он муҳтаво ва тарзи фаъолияти шуури ҷамъиятиро асос мегузорад (1), наврасон ва ҷавононро барои шинохти олам, фаъолияти амалӣ – шакли ҳастии ҷомеа ва қонунҳои амалкарди он омода месозад (2).

Аз эҳтимол дур аст, ки бакамолрасии инсон ҳамчунин давраро дар зарфияти синнусолӣ, бори дигар пайдо мекарда бошад. Ин масъулияти бузург дар Паём, тавассути рақамҳо дар тағйироту қиёс хотиррасон мегардад: **«Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод» [4, 5].**

Сиёсати Роҳбари давлат дар созмондиҳии шароити таълимӣ ин воқеиятро ҳам ба назар гирифтааст. Ва дар шумора, суръат ва сифати бунёди боргоҳҳои маърифатӣ, бидуни шак, Тоҷикистон дар минтақа аз ҷумлаи беҳтаринҳост.

**Ба тарзи дигар, Ҳукумат вазифаи худро барои муҳайё сохтани имконоти воқеии тарбияи насли наврас ва ҷавонон иҷро мекунад.**

Аммо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки сифати кори мактаби имрӯза, дониши хонандагон, мутаносибии маърифатнокии шогирдон бо зарфияти синну сол ва дараҷаи таҳсил, бо шароити ҳақиқие, ки барои муаллимону талабагон омода гардидааст, дар мувофиқати пурра нест.

Аслан, сухан на танҳо дар бораи донишҳои бунёдӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ меравад. Ин масъала ниёз ба баҳси алоҳида дорад.

Мавриди назар маълумот, тасаввурот, дарки мавзуъ дар бораи маҷмуи ҷаҳонбинӣ оид ба таърихи миллат, фарҳанг, тамаддун, адабиёт, меъёрҳои грамматикии забони модарӣ, ҳуқуқ, умуман, фанҳои гуманитарӣ дар доираи барномаи мактабӣ аст. Маҳз ҳамин донистанҳо мавқеи шаҳрвандии насли наврас, ҷавонро нисбат ба мафҳумҳои Миллат, Ватан, Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллӣ муайян месозанд. Ҷаҳонбинии ояндагони ҷомеаро ба зиндагии шоиста мутобиқ ва мувофиқ мекунонанд.

Ин камбудии ҷиддӣ, ки мавриди ишора қарор гирифт, ҳатто дар рафти таълим дар курсҳои болоии мактабҳои олӣ, ки акнун омодагии донишҷӯ ба сифати мутахассис мебояд шинохта шавад, баръало мушоҳида мегардад. Охир, **«мактаб қувваи бузургро мемонад, ки он тақдири халқҳо ва давлатҳоро дар асоси фанҳо ва принсипҳое, ки дар системаи таълими мактабӣ ҳамчун таҳкурсӣ таъйин шудааст, муайян мекунад» [3, 153].**

Таваҷҷуҳ карда шавад ба иборaҳои **«дар асоси фанҳо ва принсипҳо (1)** *(асос, қонун, усул, бунёд, шарт.* **[5, 854] дар системаи таълими мактабӣ (2)»**.

Принсип, аз ҷумла, дар соҳаи маориф ҳам, талаботи моддаи 1, боби 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дар ҳамин асос, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ коркард ва роҳандозӣ шудаанд. Маҳз аз рӯи талаботи мазкур барномаи таълимӣ коркард ва китобҳои дарсӣ навишта мешаванд. Яъне, муҳтаво ва ҷараёни таълиму тарбия аз поин то боло, сарфи назар аз шакли моликият ва мансубияти молии инфрасохтори муассисаи таълимӣ, алоқамандии ногусастаниро бо масъалаҳои бунёдӣ ва суботи давлатдорӣ пайваст мекунад. Се ҷузъиёт – қонун (1) – барнома (2) – китоби дарсӣ (3) танзимгари муҳимми фаъолияти мактаби миллӣ мебошанд. Ба талаботи рӯзмарраи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ-маънавии давлатдории миллӣ мувофиқат доштани мантиқи таълиму тарбияро ҳамчун талаботи бунёдии манфиатҳои миллӣ тасдиқ менамояд.

Китоби дарсӣ офарандаи инсон аст.

Мутаассифона, замони истиқлол, то ба ҳол, натавонист насли нави муаллифони барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсиро ба майдони эҷоди илмӣ ворид созад. Онҳоро дар байни устодон, шогирдон, маорифпарварон, падару модарон, аҳли ҷомеа муаррифӣ кунад. Муассир ва соҳибэҳтиром гардонад. Номварӣ, шуҳрат ва манзалати муаллифони китобҳои то ибтидои солҳои навадумро барқарор намояд. Аз лиҳози илмӣ ба дилҳо бишинонад. **Гузашта аз он, баъзан китобҳои дарсӣ аз рӯйи мазмун ва мундариҷа, аз маводи таълимии хурофотӣ ва бегонапарастии муллоҳои бесалоҳият** (*шояд баръакс*) **фарқ намекунанд.** Баъзе олимоне ҳам, ки дар замони шуравӣ то андозае соҳибэҳтиром буданд, бо навиштани китобҳои дарсӣ, дар замони истиқлолият ҷойгоҳи худро, амалан ва бори дигар дар ботлоқи фурсатҷӯёнаи ҷаҳонбинии асримиёнагӣ ва хурофотӣ нишон доданд.

Мушкил он аст, ки тасаввуроти ғайриилмӣ ва бардурӯғ ақлҳоро дар муҳосира ва сарбастагӣ нигоҳ медоранд. Сӯиистифодаи наврасону ҷавононро, аз ҷониби унсурҳои зиддимиллӣ, осон мегардонанд.

**Бидуни шак, ин ҳолат аз бемасъулиятии мансабдорони соҳаи илму маорифи мамлакат шаҳодат медиҳад, ки тӯли солҳо, такрор ба такрор, худро дар ҳамин мавқеъ ва дар дараҷаи ҳамин гуна муносибат нишон медиҳанд.**

Аз лиҳози дигар, таълифи чунин китобҳои дарсӣ аз камбуди маънавиёт ва рӯҳияи миллии муаллифоне, ки ба ҳар роҳу восита чунин ҳуқуқро пайдо мекунанд, гувоҳӣ медиҳад.

Вобаста ба ин, хотирнишон бояд кард, ки инсон соҳиби ду нутқ аст: маънавӣ, хаёлӣ, дар шакли хомӯшӣ, вақте инсон дар муколама бо худаш танҳо мемонад (1). Ва берунӣ, зоҳирӣ, шифоҳӣ (2). **Нутқи дохилии инсон афзалтар аз нутқи шифоҳӣ аст. Он худ ба худ, якка ба якка аст. Ҳисоботи Ақл, Адл, Инсоф ва Виҷдон дар назди худи Инсон.** Ҳофиз ба ҳамин муҷодала ишора карда мегӯяд:

Дар андаруни мани
хастадил надонам кист,
Ки ман хамӯшаму ӯ дар
фиғону дар ғавғост?
Аз он ба дайри муғонам
азиз медоранд,
Ки оташе, ки намирад,
ҳамеша дар дили мост.

Маликушшуаро Баҳори Хуросонӣ (1886 – 1951) «Шоҳнома»-и Фирдавсиро беш аз сад маротиба мутолиа мекунад. Гаштаву баргашта ба шоҳкории як ҳамватани худ, ки дар замони ҳокимияти мустабиди бегонагон, ҷон дар хатар, умри азизи худро ба шаъну шони миллати тоҷику форс бахшидааст, сари таъзим фуруд меорад. Аз ҳоли ҳамватанони замони худ, ки умре ба чоплусӣ ва бегонапарастӣ машғул буданд, дилаш заҳ мекашад. Ва бе қаламу қоғаз, ба дуриҳои дур менигарад. Худ ба худ, бадоҳатан ба Фирдавсӣ муроҷиат карда, мегӯяд:

Туро сано кунаму бас, ки
з- ин дағал мардум,
Ҳаме надонам як тан, ки
мустаҳиқи саност.
Дареғ, ки аз паси умр
хизмати ватанӣ,
Надид чашмам як ҷузв аз он
чӣ дил мехост.
**Зи пухтакории ағёру**
**хомтабъии қавм,**
Чунон бисӯхт димоғам, ки
дуд аз он бархост.
Барқасди хурофотпарастони
замони худ мефармояд:
**«Шоҳнома» ҳаст беиғрок**
**Қуръони Аҷам,**
**Рутбаи донои Тӯсӣ,**
**рутбаи пайғамбарист.**

Ва андешаи худро ҷавонмардона хулоса мекунад:

**Ба сад нишон, ҳунар**
**андеша карда Фирдавсӣ,**
**Наузиббилаҳ, пайғамбар**
**аст, агар на Худост.**

Муҳиммияти сухани Фирдавсиро барои ҳама давру замон ва то абад бар зидди андешаи ғуломӣ таъкид месозад:

**Эй ҳакими номӣ, эй**
**Фирдавсии сеҳрофарин,**
**Эй бар ҳар фан дар сухан**
**чун марди як фан устод,**
**Шӯру эҳёи Ватан гар дар**
**дили покат набуд,**
**Рафта буд аз турктозӣ**
**ҳастии Эрон ба бод.**

Аз ин лиҳоз, вақте сухан дар бораи тарбия ва таълим меравад, маънои омӯхтан, омӯзонидан, роҳнамоӣ, сарварӣ, ғамхорӣ ва ҳимоя кардани ҳамватанро дорад. Чунин ҷараён мебояд тамоми ҳаёти инсонро фарогир бошад. Муваффақияти миллат, таъмини амният ва рушди он ба раванд ва натиҷаи ҷамъиятикунонии (милликунонии) андешаи аъзои он вобаста аст.

Дар навиштани китобҳои дарсӣ дар соҳаҳои забон ва адабиёти тоҷик, солҳост, ки вазъият ба нафъи манфиати илмӣ ҳалли худро намеёбад. Дар ин самт мақсаднокӣ, ба талаботи сохти давлатдорӣ пурра мувофиқат кунонидани мундариҷа ва муҳтавои китобҳои дарсӣ ва албатта, масъулиятнокӣ ва иродатмандии миллӣ камтар ба чашм мерасад. **Аммо ҳаррӯза кӯдакону наврасон маҳз аз ҳамин мавод дарс мегиранд.**

Магар дар сӣ сол категорияҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, услубӣ, таркиб ва захираи луғавии забони тоҷикӣ ниҳоятдараҷа тағйир ёфтанд? Муносибат ба мазмун ва муҳтавои эҷодиёти инсонпарваронаи адибони классикӣ таҳаввулот пайдо кард?

Дуруст. Давра ба давра дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дигаргунӣ ба амал меояд. Ин тағйирот мебояд дар асоси усулият дар ҳар соҳа инъикос ёбад.

Модоме ки дарки мутахассис, фарзияи беҳтар ва хубтар аз пешинаро пайдо карда наметавонад, магар зарурат барои шикастани он чизе, ки солҳо омода гашта, дар амалия тасдиқи илмӣ пайдо кардааст, ба талаботи ҷаҳонбинӣ, бо андак кӯшиш, мутобиқ кунондани он имкон дорад, нобуд кардани чунин ганҷина ба мақсад мувофиқ аст?

Бошад имрӯз олиме, ки дар сатҳи китобҳои дарсии барои мактаби миёна навиштаи донишмандони маъруф – устод Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат, Сайид Ризо

Ализода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим, Ҳамид Бақозода, Ҳилол Каримов, Холиқ Мирзозода, Шарифҷон Ҳусейнзода, Додоҷон Тоҷиев, Абдусалом Деҳотӣ, Воҳид Асрорӣ, Маҳмадуллоҳ Лутфуллоев, Носирҷон Маъсумӣ, Юрий Бобоев ва бисёр дигарон аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ, далелнокии таърихӣ, муносибати системавӣ, сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, мантиқӣ, дар асоси ҷаҳонбинии пешқадам ва созанда асар офарида тавонад? Дар сурати ҷавоби мусбат, мақолаву асарҳои онон бояд намуна бошанд.

Ба андешаи инҷониб, зарур аст, ки китобҳои дарсии нобиғаҳои маъруфро ҳамчун асос, бунёд ба ҳисоб гирифта, бо онҳо «шогирдӣ ва ҳаммуаллифӣ» кард.

Китоби дарсӣ навиштан дар илми тоҷик, анъанаи беш аз садсола дорад. Дар ин ҷода бояд чунон саҳм гузошт, ки мисли муаллифони номдори пешин «ангушт газидане ба ёрон монад» (*Абусаиди Абдулхайр, асри XI*), на таассуфу афсӯс.

Маҳз мутобиққунонии манфиатҳои ҳар шахс ба манфиатҳои умумимиллӣ эҳсоси бузурги ҳамраъйии ватанпарваронаро эҷод мекунад. Мардумони содаро аз ҳолати бешууронаи пойбандӣ ба он зуҳуроте, ки ба манфиати миллат ва Ватани ӯ нестанд, бозмедорад, берун меорад.

### Манфиати миллӣ ва маорифи динӣ

Вақте сухан дар бораи манфиатҳои миллӣ меравад, бидуни шак, **таъмини амнияти миллӣ аз лиҳози сиёсӣ-ҳудудӣ, рушди посухгӯ ба ниёзҳои иҷтимоӣ, ҳифзи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, сатҳу сифати маънавиёт ва ҷаҳонбинии миллии мувофиқ ба таъмини давлатдории миллӣ, пешбинӣ, сари вақт ошкор ва хунсо кардани таҳдидҳои ба амнияти миллӣ хатарзо** дар назар дошта мешавад.

Дар ҳар сурат таъмини амният ва инкишофи давлат бидуни хосияти меҳварӣ пайдо кардани ҷаҳонбинии миллӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Намунаҳои он дар ноороміҳои баъзе кишварҳои минтақа тасдиқи ин гуфтаҳост.

Албатта, фарҳанг зинаи аввали расидан ба манзалати тамаддунии миллат аст. Ва ҷузъи таркибии он маҳсуб мегардад.

Фақат беҳтарин, устувортарин, машҳуртарин намунаҳои фарҳангӣ метавонанд вориди манзалати тамаддунӣ гарданд.

Ҳангоми омӯзиши гузаштаи халқу миллатҳо мафҳумҳои антропологӣ ва таърихӣ мутаносибан истифода мешаванд. Антропология дараҷаи ҷараёни мутобиқ гардидани халқҳоро ба шароити муайяни муҳити табиӣ ва маданӣ меомӯзад. Таърих бошад, доира ва мавзуи васеи таҳқиқот дорад. Миллатҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки аз чаҳорчӯбаи мутобиқшавии одӣ ба табиату ҷамъият пештар рафтаанд.

Тоҷикон миллати худкифо ва соҳибтамаддун ҳастанд. Ҳанӯз ду ҳазор сол қабл, ба ҳоли халқе, ки «зи шири шутур хӯрдану сусмор, тахти каёнӣ орзу кардан»-ашро хандида, бо ғурур ба истеҳзо кашидаанд.

Мавзуи омӯзиши таърих халқҳоеанд, ки соҳиби орзуву ормон ва нақшаҳоиояндасоз мебошанд. Ва амалӣ кардани онҳо фарҳангу хиради ин мардумонро боз ҳам сайқал мебахшад. Зиндагии инсонро ба беҳбудӣ ва сулҳу оромӣ раҳнамун мекунад.

Умуман, тасаввурот ва нияту мақсадҳое, ки метавонанд як чизи идеалиро ба фоидаи пешрафти ҳаёти воқеӣ амалӣ гардонанд, барои таърих муҳим мебошанд.

Ормонҳое, ки амният ва рушду тараққии миллатро дар шароити рақобатҳои глобалӣ таъмин месозанд, обрӯву манзалати онро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин менамоянд, метавонанд, як шакли эътиқод ва боварӣ гарданд.

**Дар бисёре аз динҳои миллӣ мақсадгузорӣ барои пешрафти миллат ва кӯшиши амалӣ кардани он як чизи**

**одӣ, муқаррарӣ мисли нафаскашӣ, гардиши хун ва табодули моддаҳо дар организми инсон аст.**

Ҳамзамон бо ин, ба роҳибон ва муридон тавсия дода мешавад, ки таҳлилгар бошанд. Омӯзанд, муайян созанд, ки чӣ чизе дар тӯли таърих сабаби пешравӣ ва ё баръакс, боиси қафомонии миллати онҳо дар рақобат бо намояндагони халқҳо ва дину оинҳои дигар шудааст? Тавсеаи илму маърифат дар эътиқодоти ин динҳои миллӣ муайянкунандаи дараҷаи наздикшавии диндорон ба эътиқодоти Осмонӣ ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, мо наметавонем ба андешаи баъзе олимон, ки рушду тараққӣ, ҷаҳонбинии давлати миллиро зуҳуроти мухтор ва эътиқодоти диниро ҷудо аз он мешуморанд, розӣ шавем.

Истиқлолияти давлати миллӣ мафҳуми муқаддас аст. Тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар давлати мустақил ҳуқуқи ҳузур доранд. **Аммо онҳо бояд дар доираи эътироф ва дастгирии манфиатҳои миллӣ, ҳамчун мафҳуми мустақили этникӣ-фарҳангӣ, ҳудудию сиёсӣ, шинохт ва ҳифзи арзишҳои аслии тамаддуни миллӣ, эҳсоси дурусти таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ ба ин ниҳодҳову арзишҳо, таъмини шароити воқеии нигоҳдорӣ ва рушди пояҳои тамаддунӣ амал кунанд.**

Бояд ба инобат гирифт, ки **давлати миллӣ ҳамчун организми зинда дар фазо, ҳама вақт таъйиноти гузаштан аз монеаҳоеро дорад.** Чунин мушкилот ҳам дар дохил ва ҳам дар арсаи байналхалқӣ бешуурона ва аксари вақт бошуурона барои ин ниҳод эҷод мешаванд. **Идеяҳои устувори давлатии миллӣ ва субъектҳои пешбарандандаи он, бояд ҳаммароми ин муассисаи умумимиллӣ – давлат бошанд.**

Ходимони дин, ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, оромиву осудагӣ, имкони риояи кулли рукнҳои таъйиншудаи ибодатиро доранд. Аз беҳтарин шароит ва имконоти василавӣ бархӯрдоранд. **Зарур аст, ки онҳо дар сафи пеши тарғибгарони манфиатҳои миллӣ – ҳамчун омили муҳимми шаклгирии ҷаҳонбинии миллӣ бошанд. Дар ин роҳ масъулияти бузурги ватандорӣ эҳсос намоянд. Хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро дар саргаҳи имондорӣ гузоранд. Бо ягон баҳона, шиор, назария ва ҷаҳонбинӣ, зери шубҳа мондани манфиатҳои миллӣ – амнияти миллӣ ва рушди давлатдорӣ, аз ҷаҳолат беш нест.**

Ҳодисаҳои атроф – дар минтақа ва ҷаҳон, хусусан, дар панҷ соли ахир, бори дигар ҳақиқатеро исбот кард: миллатҳои зирак динро пеш оварда, намояндагони миллатҳои хурду бузургро сарҷамъ ва дар якҷоягӣ ҳокимияти сиёсиро ғасб мекунанд. Чун ба мақсад расиданд, дар тақсими ҳокимият на аз рӯйи мазҳаб, тариқату шариат, балки аз диди манфиатҳои этникӣ ва миллӣ амал мекунанд.

**Содагии мазҳабӣ, қавмӣ, этникӣ, миллӣ ва ҳизбӣ набояд ба ҳазорсолаҳо идома ёбад**. Умқи фикронӣ ва тавони арзёбӣ дар илму дониш аст:

**Киро дар ҷаҳон ҳаст ҳушу хирад,**
**Куҷо ӯ фиреби замона хӯрад.**
*(Фирдавсӣ)*

## Хулоса

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати таърихӣ ва ҳидояткунанда барои рушди миллат дар самтҳои ҳаётан муҳимми мамлакат мебошад.

Дар он камолоти инсонӣ, ташаккули ҷаҳонбинии бар пояҳои таърихи миллат ва давлатдории миллӣ бунёдгардида, худшиносӣ ва меҳандӯстӣ, бозпаснигарӣ ва ояндабинӣ бо содабаёнӣ ва ифодаҳои рӯшану фасеҳ ифода гардидаанд.

**Паём, ки мисли ҳамешагӣ, бо суханҳои озоду муколамавӣ сайқал ёфтааст, сарчашмаи бузурги омӯзиш ва баҳрабардорӣ аз мактаби давлатдории Пешвои ҷовидмақоми тоҷикон аст.**

Дар ин ҳуҷҷати роҳнамо, мавқеъ ва манзалати инсон, маданият ва маърифати ӯ тавассути мактабу маориф – хамирмояи

ҷавҳари одамӣ дар шоҳроҳи андешаи миллӣ ва бунёди давлати миллӣ дар ҷойи аввал меистад.

Дар мамлакат шароити воқеӣ барои рушди маорифи миллӣ, асосан, омода шудааст. Аммо омили инсонӣ, масъулияти мудирият дар соҳаи мафкурасозӣ ҷавобгӯи талаботи замон нест. Натиҷаҳои фоҷеабори адами тафаккури миллӣ дар ҷаҳонбинии теъдоди ҳангуфти ҷавонон, пайвастани онҳо ба созмонҳои ифротиву зиддимиллӣ камбуди ниҳоят ҷиддӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеаи тоҷик – оила, мактаб, донишгоҳ, корхонаҳо ва муҳит зуҳур меёбад.

Кори Вазорати маориф, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи ҷавонон, муассисаҳои марбути тадқиқоти илмии Академияи миллии илмҳо, Маркази тадқиқоти стратегӣ, Маркази исломшиносӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд ба шароити **«мубориза барои ҳаёт»** посухгӯ, баробарвазн ба вазъ буда, фаъолияти онон на ба ҳисоботдиҳӣ, балки ба натиҷагирӣ равона гардад.

Мебояд таъсиррасонӣ ба ҷаҳонбинии насли наврас, ҷавонон, қишрҳои гуногуни аҳолӣ, на танҳо мувофиқ ва мутаносиб ба таҳдиди душман, балки пурзӯртар аз он бошад.

**Таълим ва тарбия – муътақидгардонӣ ба ҷаҳонбинии миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллист. Вагарна сарфи беҳудаи вақт аст.**

Дар маҷмуи ақидаҳои олам, ки миллатро ба истиқлол, ваҳдат, субот, оромӣ ва осудагӣ ҳидоят мекунанд ва рушди мамлакатро таъмин месозанд, идеяи давлати миллӣ, албатта, дар ҷойи аввал мебошад. Ин нуктаи ҳаётан муҳим дар таълимоти Пешвои миллат нақши муайянкунандагӣ дорад.

Консепсияи давлати миллӣ – маҷмуи ҷаҳонбинӣ ва амалҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки дар асоси арзишҳои миллӣ – таърихӣ ва умумибашарӣ бунёд ёфтаанд. Ин таҷрибаи дар амал тасдиқгардидаи миллатҳои пешқадами дунё, собиқаи, ҳадди ақал, чорсадсола дорад.

Ворид гаштан ба татбиқи консепсияи тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ, худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ аз муҳимтарин вазифаҳои ҷомеа, аз ҷумла, ходимони дин мебошад.

**Дар ин раванд олимоне, ки ба навиштани китобҳои дарсӣ ҷалб карда мешаванд, бояд на танҳо донишманди соҳибтаҷриба, дар байни аҳли илм эътирофгардида, ҳамзамон боҷасорат, худогоҳ, хештаншинос, ватанпараст, соҳибтакбири худшиносии миллат, рӯҳбахш, вассофи рӯҳи тоҷикият, хирадситой, масъул, афзояндаи ғурур ва ифтихори миллӣ бошанд**.

Китоб дар ҳар шакле – назмӣ, насрӣ, илмӣ рӯҳ, тинат, сифати шахсият ва муаррифгари табиати муаллиф аст. Аз дидгоҳи масъулиятшиносонаи Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ (1868-1917), ки дар ҳаққи Аблқосими Фирдавсӣ гуфтааст, нависандаи китоб офаридгори қаҳрамонҳо ва созандаи рӯҳи инсонҳост:

Гар намезад сухан суханвари Тус,
Куҷо будӣ Кайқубоду Кайковус?

Агар мардум, аъзои ҷомеа дар муқобили эҳсосот ва андешаҳои бегонапарастӣ, хурофотзадагӣ ҳувияти миллӣ пайдо накунад, ба таърихи гузаштаи хеш, эътиқод ва эҳтироми фавқулода нагузорад, маҳз бар давлатдории миллӣ афзалият набахшад, оқибат бозичаи дасти бегонагон хоҳад гашт.

**Тоҷикон дар тӯли таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Он дар маҷмуъ, беш аз 2236 солро дар бар мегирад. Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии сукути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод.**

Давлатдории охирони мо низ метавонист ба вартаи нестӣ ва ин дафъа ба садсолаҳои номаълум ба фано равад. Миллати тоҷикро бори дигар ба ғуломӣ кашад. Онро ҳам сабаб қатъан ҷаҳолат мебуд.

Аммо бо талошҳои ҷоннисоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ин давлат барқарор ва пойдор шуд. Акнун даҳсолаи чоруми он оғоз ёфт. Донишу маърифат асоси пойдории давлати навин эълон гардид.

**Ҳамин тариқ,** ҷавҳари Паёми Пешвои миллат дар соҳаи маориф аз тарбияи инсони худогоҳ, соҳибхирад, эҳёкунандаи фарҳанг ва ифтихори миллӣ, мардони пуркору накукор, мубориზу фидокори Ватани мо – Тоҷикистони азиз иборат аст.

## АДАБИЁТ:


1. Аристотель. Политика. – М.: РИПОЛ классик, 2010. – С.535.

2. Малинин В.А. «Философия революционного народничества». –Москва, Наука, 1972. – С.211.

3. Менделеев Д.И. Сочинения. Т.1. – Москва, 1934. – С.153.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе. Дониш, 2023. – С. 23.

5. Русско-таджикский словарь. – М.: Русский язык, 1985. – С.753.

# НИГАҲ КУН БАД-ИН ЛАШКАРИ НОМДОР

# СМОТРИ НА ЭТОГО ПРОСЛАВЛЕННОГО ВОИНА

# LOOK AT - THIS FAMOUS ARMY

**Ятимов С.С.**
**Yatimov S.S.**

*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана.*

*Doctor of political science, corresponding member of National academy of science of Tajikistan.*

**Аннотатсия:** Дар мақола намунаи баланди мардонагӣ, шуҷоат, қаҳрамонию фидокорӣ дар роҳи ҳифзи марзу буми кишвар дар симои сарбози ҷоннисору вафодори Ватан – Муҳаммадҷон Одинаев нишон дода шудааст. Дар ин ҷода, муаллиф хусусияти хосси эҳсосоти баланди ватандӯстии ҳимояи Ватанро бо фикру андешаҳои файласуфону адибони тоҷик, ба монанди Абулқосим Фирдавсӣ, илман асосонок менамояд. Муаллифи мақола ҳар як узви ҷомеаро водор намудааст, ки ватандӯсту ватанпарвар бошанд ва барои муҳофизати марзу буми кишвари худ мардонагию ҷасорат нишон диҳанд.

**Калидвожаҳо**: мардонагӣ, шуҷоат, қаҳрамонию фидокорӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, сарбоз, ҷоннисору вафодорӣ, Ватан, миллату давлат, тоҷик, ватанпарвару ватандӯст.

**Аннотация**: В статье показан высокий пример мужественности, отваги, героизма и самопожертвования на пути защиты рубежей страны в образе отважного и верного солдата Родины – Мухаммаджона Одинаева. В этом контексте автор научно обосновывает особенность высокого чувства патриотизма по защите Родины от врага мыслями и мнениями таджикских философов и литераторов, в числе которых Абулкасим Фирдоуси, Хабиб Юсуфи, Абусаид Абулхайр, роль руководителя в воспитании кадров. Автор статьи побуждает каждого члена таджикского общества стать патриотом Родины и проявить мужество и отвагу в деле защиты страны.

**Ключевые слова:** мужественность, отвага, героизм и самопожертвование, защита границ страны, солдат, самоотверженность и верность, Родина, народ и государство, таджик, патриот.

**Annotation:** The article shows a high example of masculinity, courage, heroism and self-sacrifice in the way of protecting the country's borders in the form of a brave and faithful soldier of the Motherland - Muhammadjon Odinaev. In this context, the author scientifically substantiates the peculiarity of high feelings of patriotism to protect the Motherland from the enemy, with the thoughts and opinions of Tajik philosophers and writers, such as Abulkasim Firdousi. The author of the article encourages every member of the Tajik society to become patriots of their homeland and show bravery and courageus in protecting the borders of their country.

**Key words:** masculinity, courage, heroism and self-sacrifice, protection of the country's borders, soldier, self-sacrifice and loyalty, Motherland, nation and state, Tajik, patriot.

Бузургтарин асолату аломати ҷавонмардӣ пос доштани ному нанг аст. Ва шоҳроҳи ин арзиши ҳидояткунанда хайр, нексириштӣ, худшиносӣ ва ватандӯстист.

Капитан Одинаев Муҳаммадҷон Ҳусейнович аз зумраи он фарзандони содиқи миллати тоҷик аст, ки бо шуҷоату қаҳрамонӣ номи худро ҷовидонӣ гардонид ва барои абадият дар саҳифаҳои таърих сабт намуд.

Муҳаммадҷон Одинаев соли 2018 Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, барои анҷоми вазифаҳои хизматӣ дар яке аз муҳимтарин қитъаҳои оперативӣ дар ноҳияи Дарвоз таъйин гардид. Дар муддати се соли фаъолият дар самтҳои разведкавӣ ва контрразведкавӣ беҳтарин муваффақиятҳо ба даст овард.

Бо роҳандозии чорабиниҳои махсуси оперативӣ, бо касбияти баланд дар бораи нақшаву ниятҳои душман маълумоти сариваќтӣ дастрас намуд. Пешниҳод кард, ки гурӯҳҳои оперативӣ – ҷангӣ созмон ёбад ва дастаҳои ифротгарои муайяншудаю қочоқбарони ошкоргардида дастгир карда шаванд.

Бо роҳбарӣ ва малакаи кордонии Муҳаммадҷон Одинаев чандин рахнакунандагони Сарҳади давлатӣ, ки мехостанд, нисбат ба Тоҷикистон амалҳои душманона содир намоянд, муайян, дастгир ва ё безарар гардонида шуданд.

Ӯ ҳамчунон, дар шаҳри Хоруғ дар мубориза ба муқобили дастаҳои муташаккили ҷиноятӣ, шуҷоат ва мардонагӣ нишон дод. Дар таъмини тартиботи конститутсионӣ ва оромиву субот дар Вилояти Бадахшон саҳми сазовор гузошт.

Ҳангоми мураккаб шудани вазъият дар сарҳади давлатӣ дар қисмати шимоли мамлакат, Муҳаммадҷон Одинаев гаштаву баргашта гузориш пешниҳод кард, ки мехоҳад дар ҳифзи марзу бум, дар он ҷойе, ки тақдири Ватани азиз ҳал мешавад, бо рафиқони ҳамсилоҳи худ бошад.

Рӯзҳое, ки ман дар пойгоҳи низомӣ дар Бадахшон будам, бо афсарони воҳиди таъйиноти махсус суҳбат доштам. Чанд нафар аз ҳамсафони Муҳаммадҷон Одинаев иброз доштанд, ки бо супориши Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онҳо дар кӯтоҳтарин муддат гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии шаҳри Хоруғро дастгир карда, ба маҳкама кашиданд. Шаҳр аз силоҳбадастон ва қочоқчиёни маводи мухаддир пок гардид. Одамон озод нафас мекашанд. Таҷрибаи хуби ҷангӣ андӯхтаанд. Онҳо омодаанд, ки ба нуқтаҳои доғи хоки Ватан рафта, манфиатҳои мардуми хешро ҳифз намоянд.

Афсаронро як рӯҳияи баланд фаро гирифта буд.

Дар шаҳри Хоруғ ҳама якдигарро мешиносанд. Медонанд, ки ин ҷавонмардон - афсарони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ҳастанд. Ба онҳо бо ифтихор менигаранд. Сокинони миннатпазири Бадахшон дарк мекунанд, ки дар тӯли солҳо кормандони ин ниҳод дар роҳи мубориза ба муқобили дастаҳои ифротагаро, террористӣ ва ҷинояткор ба ивази ҷони ҷавони худ истодагарӣ карданд. Мардумони одии минтақаро ҳимоя намуданд. Пинҳонгоҳҳои ҷинояткорони силоҳбадастро ошкор ва зада несту нобуд сохтанд. Нагузоштанд, ки ба аҳолӣ зарар расад. Маҳз ҳаминҳо будаанд, ки ҳаёти худро дар хатар гузошта, наврасон, ҷавонон, сокинони Хоруғу Шуғнон ва Рӯшону Роштқалъаро аз фоҷеа - пойбандии сисола ба қочоқбарони маводи мухаддир, омилони куштор, бенизомӣ, қонуншиканӣ, одамрабоӣ, ифротгароӣ ва одамбадбинӣ озод карданд. Ҷон рӯйи каф гузоштанд. Ба муқобили силоҳбадастон мубориза бурданд. Ҷон доданд. Вале ҷони мардумро хариданд.

Имрӯзҳо Хоруғу Роштқалъа ва Рӯшону Шуғнон, ки ҷанги шаҳрвандӣ онҳоро ба қаламрави зери нуфузи гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мубаддал карда буд, ором у осудаанд. Хотири мардуми Бадахшон ва умуман, Тоҷикистони азиз аз ин нуқтаи доғ ҷамъ гашт.

Акнун шабу рӯз фикру зикри мардуми мо ба вазъи марзу бум дар қисмати

шимоли Ватан банд аст. Ҳабиб Юсуфӣ нафрати мардумро ба ғосибони таърихӣ, ки мехостанд сарзамини моро ғасб намоянд, гуфта буд:

**Зи хуни башар хӯрдан, эй нобакор,**
**Туро то ба он ҷо расидаст кор,**
**Ки мулки тоҷикро кунӣ орзу,**
**Тфу бар ту, эй гурги малъун, тфу!**

Ҳомиёни Ватан изҳори омодагӣ ва хоҳиш мекарданд, он ҷойе бошанд, ки душмани ғаддор барои барҳам задани озодиву ободии Ватан дасти касифи худро дароз кардааст.

Дар ҳақиқат, ҳар рӯз дар бораи омодагӣ ба ҳуҷуми навбатии ғосибон ба сарзамини аҷдодии мо маълумоти зиёд мерасид. Мардуми диёр ва бо ғосибон ҳамҷавор, то ҳол, дар биму таҳлука зиндагӣ ба сар мебаранд. Ва суҳбати мо бо ҷанговарон аз боби вазъият, ниятҳои ғаразноки аду, хатарҳои воқеӣ барои мардуми Воруху Чоркӯҳ ва иғвогариҳои ҳамарӯзаи душман мерафт.

Ин замон як ҷавонмарди қоматбаланди чашму абрӯсиёҳ бо китфони паҳлавонона ва дасту бозуи қавӣ пеш даромада, худро муаддабона муаррифӣ кард ва ин шеърро бовиқор хонд:

**Вақти он аст, эй қалам,**
**буррандатар гардӣ зи теғ!**
**Вақти он аст, эй сухан,**
**ғуррандатар гардӣ зи барқ!**
**То ба душман ҳамла орам,**
**решааш бурӣ зӣ бех!**
**То расӣ манҳус анчарро кунӣ**
**бешоху барг!**
**Як ҷаҳон ишқи Ватан дорад,**
**дили халқи азим,**
**То Ватанро дӯст дорад, дӯст**
**дорад то абад!**

Сухангӯ Муҳаммадҷон Одинаев буд.

Ҳамин тариқ, ин фарзанди вафодори Ватан хизмати худро дар Ҷамоати деҳоти Ворухи Исфара оғоз кард. Дар тартибу низом, машқҳои ҳарбӣ, дарсҳои сиёсиву ватандӯстӣ барои ҳамсафони худ намунаи ибрат буд.

Чандин маротиба дар назди ҳамсафон, мактаббачагони Ҷамоати деҳоти Ворух ва сокинони он аз боби сарҳадшиносиву меҳанпарастӣ, оини ҷавонмардиву қарзи ватандорӣ баромад карда, ҳифзи сулҳу оромиро мароми аслии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон тафсир менамуд. Омодагӣ барои ҳимояи ҳар як ваҷаб хоки муақаддаси Ватанро вазифаи аслии ҳар як шаҳрванд талқин мекард.

Командири қисми низомие, ки дар он Муҳаммадҷон Одинаев сардори шуъба буд, гузориш медод, ки ӯ на танҳо барои ҳамагон дар тайёрии касбӣ, ахлоқу интизом намуна аст, балки ҳамчун ватандӯсти асил ба тарбияи насли нави ҷанговарон саҳми босазо дорад. Муҳаммадҷон доимо сухан аз ватандорӣ ва ному нанг мегуфт:

**Ки ном аст дар ҷаҳон ёдгор,**
**Намонад ба кас ҷовидон рӯзгор.**

Субҳи 14-уми сентябри соли 2022 навбатдори қисми низомӣ бонги хатар эълон кард. Ҷанговарон саф оростанд. Командир гузориш дод, ки душман аҳдшиканона ба дидбонгоҳи сарҳадии мо ҳуҷум кардааст. Дар натиҷа як сарбоз ба ҳалокат расида, сарбози дуюм сахт маҷруҳ гаштааст. Тибқи маълумоти дастрасгардида, душман дар тамоми хати сарҳад сафарбарии ҷангӣ эълон доштааст ва эҳтимолияти задухӯрди шадид вуҷуд дорад.

Сардори қисми низомӣ, ҳамзамон, таъкид намуд, ки ҳама таъҷилан мавқеъҳои ҳарбии худро ишғол намоянд. Аммо шарти асосӣ он аст, ки ба иғвогариҳои душман дода нашаванд. Бидуни оташкушоии адӯ аз силоҳ истифода нанамоянд. Вазифаи аслӣ ҳимоя кардани қаламрави мамлакат, марзу буми он ва, пеш аз ҳама, аҳолии осоишта мебошад.

Бо гирифтани мавқеъҳои ҷангии таъйиншуда, маълум гашт, ки душман дар ҳар қисмати сарҳад бо истифода аз тамоми намуди силоҳ ба иғвогарӣ сар карда, мехоҳад макони истиқрори нерӯҳои худро мустаҳкам намуда, ба ҳуҷуми ғосибона гузарад. Сарбозону афсарони тоҷик дар кулли самтҳои низои мусаллаҳона ҷавонмардӣ ва истодагарӣ

нишон медиҳанд. Ба хотири нигоҳ доштани сулҳу оромӣ вориди ҷанги муташаккилона ва дастаҷамъӣ нагаштанд. Фармондеҳони ситод тибқи супориши Роҳбари давлат амал карда, кӯшиш менамуданд, ки мунокиша байни ду мамлакат хусусияти умумӣ нагирад. Минтақа сернуфус аст. Аз иштибоҳоту нофаҳмиҳо одамони ҳарду ҷониб талаф меёбанд.

Аммо ба ҷойи гуфтушуниди сулҳҷӯёна ва музокироти солеҳ душман роҳи фитнаву хиёнатро пеш гирифт.

Шоми рӯзи 15-уми сентябр эълон кард, ки субҳи рӯзи 16-ум омодаи гуфтушунид мебошад. Вақт ва макони мулоқот ҳам муайян гардид. Бо ҳамин восита хост, моро дар ғафлат бимонад.

Аммо субҳи барвақти рӯзи таъйингардида соати 04:30 дақиқаи субҳ душман аҳдшиканона, дар тамоми тӯли хати Сарҳади давлатӣ, бо истифода аз ҳамаи қувваи дар ихтиёраш қарордошта, ба ҳуҷуми мусаллаҳона гузашт. Объектҳои ҳарбӣ, дидбонгоҳҳо, постҳои сарҳадӣ ва деҳаҳоро зери оташ қарор дод.

Сарҳадчиҳо ва дастаҳои таъйиноти махсуси мо маҷбур шуданд, ки барои ҳимоя аз марзу буми Ватани азизамон ва хунсо намудани ҳамлаи фурсатталаб бархезанд.

Дар муддати шаш соати ҷанги шадид, сарҳадчиён ва воҳидҳои таъйиноти махсус, дар кулли хати фронт, ҳуҷумҳои ваҳшиёнаи адуро зада гардонданд. Самтҳои асосие, ки душман мехост зарари харобкорона расонад, маҳалҳои аҳолинишин маҳсуб мегаштанд.

Дар хатти пеши ҳимояи Ҷамоати Ворух Муҳаммадҷон Одинаев масъули ҷангӣ буд. Дастаи ӯ дар муддати чор соати ҷанги беамон тавонист, на танҳо зарбаҳои пайдарҳами душманро мардонавор зада баргардонад, балки нагузошт, ки осеби ҷиддӣ ба сокинони деҳаи Ворух бирасад.

Ду нафар аз ҷангиёни гурӯҳи Муҳаммадҷон маҷрӯҳ шуда бошанд ҳам, онҳо ҷабҳаро тарк накарданд ва бо вуҷуди доштани камтарин қувва, бо шуҷоату мардонагӣ, амали қаҳрамонона ба душман посух медоданд, ки: **«Ҷангҳои рустамона андар ин майдон кунем, даст агар аз тан биафтад, ҷанг бо дандон кунем»** ва ба хасми ҳамлагар зарбаҳои ҳалокатбор мезаданд.

Оқибат дастаҳои одамхори душман силоҳу муҳиммоти худро дар майдони разм партофта, рӯ ба гурез ниҳоданд.

Гурӯҳҳои дар баландиҳо камингирифтаи душман вақте ҳис карданд, ки маҳз ҷанговарони гурӯҳи Муҳаммадҷон Одинаев бартарияти ҷангиро дар мавқеи ҳарб ба даст оварда истодаанд, тирандозони касбии худро барои тахти нишон гирифтани онҳо сафарбар намуданд.

Тири душмани бадхоҳу хунҷӯ оқибат ҷавонмарди шуҷои Ватанро аз по афтонд.

Ҳамсангарҳои Муҳаммадҷон бо эҳсоси дард дар қалби хеш ва ҳисси интиқом дар сар, командири худро зери оташи тир аз майдони ҷанг берун бароварда, ба ақибгоҳ равон карданд.

Вале афсӯсу сад дареғ! Аз талафи хуни зиёд, дили сарбози ҷоннисору вафодори Ватан Муҳаммадҷон Одинаев аз тапидан бозмонд. Ватан боз як фарзанди содиқу қаҳрамонашро аз даст дод.

Ҳамсилоҳони қаҳрамон дар пайравӣ ба командири далери хеш бо тамоми қувва болои душмани қаттолу ғаддор ҳамла намуданд, лонаи чуғзони ҷангро ошкор карда, ба онҳо зарбаҳои ҷонкоҳу ҳалокатбор заданд.

Родмардони Ватан ҳамсафони Муҳаммадҷон Одинаев то охири рӯз дар тамоми ҷабҳаҳо хасмро дар камингоҳи хунинаш несту нобуд сохтанд. Сарзамини аҷдодии худро соҳиб гаштанд.

Корномаҳои чунин фарзандони Ватан ба мисли Муҳаммадҷон сабаб шуд, ки тарафи муқобил бо эҳсоси хиҷолату сари паст байрақи сафеди мағлубият бардошта, бо илтиҷои гуфтушунид вориди Тоҷикистон гашт.

Ин ғолибият фақат бо мубориза ву ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаи Ватан, ба монанди Муҳаммадҷон Одинаев, ба даст омад.

Дар мафҳумҳои давлат ва давлатдорӣ, Ватан ва ватандорӣ ҷавҳари ин исти-

лоҳот, муборизаҳо, ҷонбозиҳо, азхудгузаштанҳо маҳфуз аст.

Халқе, ки қаҳрамон надорад, халқи бадбахт хоҳад буд. Оне, ки имрӯз кишвар дар сулҳу субот ва рушду тараққӣ ба сар мебарад, натиҷаи қаҳрамониҳои фарзандони ҳамин миллат аст.

Далериву шуҷоат мебояд моҳияти рӯҳу равони ҳар як узви ҷомеаро ташкил кунад. Бидуни қаҳрамониву мардонагӣ миллат наметавонад орому осуда бошад. Истиқлолият ва тамомияти сарзамини худро ҳифз намояд. Дар оилаи бузурги халқҳо сарбаланд бошад. Аммо оғози ҳама гуна ғолибият шуҷоат ва азхудгузаштанҳост.

Ҷавонмардони Ватани бузурги мо дарки амиқи меҳанпарастӣ доранд. Ин эҳсос аз умқи дили онон, дарки масъулияти худшиносӣ ва хештаншиносӣ сарчашма мегирад. Аҷдодони мо ҳанӯз дувуним ҳазор сол қабл **шаш унсури сабабият ва моҳияти ватандориро тавсиф кардаанд ва маҳз онро давлат** ва давлатдорӣ шуморидаанд. Абулқосими Фирдавсӣ фармудааст:

Зи баҳри **бару буму фарзанди хеш,**
**Зану кӯдаки хурду пайванди хеш**.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки **кишвар** ба душман диҳем.

Фарзандони Ватан, ки дар хизмати меҳананд, вазифаи муқаддаси худро медонанд. Онҳо бо эҳсосоти бузург, дили гарм ба таҳдиду хатар нигоҳ накарда, вазифаи хешро иҷро мекунанд. Медоданд, ки мардонагӣ дар лаҳзаҳои ҳассос зуҳур меёбад. Хатарро эҳсос менамоянд ва ҷавонмардона дар муқобили он меистанд. Дарк мекунанд, ки чӣ гуна масъулиятеро бар дӯш доранд.

Гёте, яке аз абармардон, мутафаккирони олами башар таъкид месозад: **«Агар боигариро аз даст додӣ, боке нест, андак чизро аз даст додаӣ! Шарафи инсониро аз даст дода бошӣ, бисёр чизро аз даст додаӣ! Агар мардонагиро аз даст додӣ – ҳама чизро аз даст додаӣ! Дар ин ҳолат, хуб мешуд, ки зода намешудӣ!»**

Қаҳрамоне, ки дар майдони ҷанг хун мерезад, мисли уқоби муборизест, ки қатраҳои хуни он дар набард мечакад. Аммо ин хун мисле шамъест, ки фардо ҳазорон уқоберо мепарварад ва онҳо қаҳрамонии он фидоии майдони набардро такрор мекунанд.

Худи мардонагӣ дар мубориза тавлид мегардад. Аммо дар тарбияи ҳаррӯза шакл мегирад. Худи мардонагӣ – истодагарӣ, қотеият дар бартараф кардани монеаҳоест, ки душман онро пеш меорад.

Хислати шуҷоатпешагиро, қабл аз ҳама, падару модар, хоҳару бародари далер, мактаби асили таҳсил, таҳлили таҷрибаи бузурги зиндагӣ ва масъулияти шарафмандонаи ватандорӣ ба вуҷуд меоранд.

Қаҳрамонии Муҳаммадҷон Одинаев ва ҳамсафони ӯ қаҳрамонии волидон, пайвандон, муаллимону ҳамшаҳриён ва ҳамватанони ӯст, ки ҷовидон мемонад.

Рӯзҳо, моҳҳо, солҳо паси ҳам мегузаранд. Наслҳо иваз мешаванд. Аммо қаҳрамониҳои Муҳаммадҷон ва ҳамсилоҳони ӯ ҷовидона дар лавҳи таърих сабт гардидаанд. Аз насл ба насл ҳамчун мероси бебаҳо мегузаранд.

Абусайиди Абулхайр, шоири маъруфи асри XI фармудааст:

**Ин умр ба абри навбаҳорон монад,**
**Ин дида ба сели кӯҳсорон монад.**
**Эй, дӯст, чунон бизӣ, ки**
**пас аз мурдан,**
**Ангуштгазидане ба ёрон монад**.

Барҳақ, Муҳаммадҷон Одинаев ва рафиқони ӯ, ки дар роҳи озодии Ватани азиз ҷони ҷавони худро нисор кардаанд, умри абад доранд. Умри мардонагӣ, умри ҷовидонӣ, умри бо шаъну шараф:

**Зиндаву ҷовид монд,**
**ҳарки накуном зист!**
**К-аз ақибаш зикри хайр**
**зинда кунад номро!**

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪСИС ВА ТАҲКИМИ ҚУШУНҲОИ САРҲАДИИ ТОҶИКИСТОН

# РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В СОЗДАНИИ И УКРЕПЛЕНИИ ПОГРАНИЧНЫХ ВОЙСК ТАДЖИКИСТАНА

# THE ROLE OF EMOMALI RAHMON IN THE ESTABLISHMENT AND STRENGTHENING OF BORDER TROOPS OF TAJIKISTAN

**Шарифзода А.**
**Sharifzoda A.**

*Котиби матбуотӣ – роҳбари хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*Доктори илми таърих, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

*Пресс-секретарь – руководитель Пресс-службы Президента Республики Таджикистан.*

*Доктор исторических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана.*

*Press Secretary – Head of the Press Service of the President of the Republic of Tajikistan.*

*Doctor of Historical Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.*

**Аннотатсия:** Дар мақола хизматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мустаҳкам намудани Артиши миллӣ, хусусан Қӯшунҳои сарҳадӣ, баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи таърихию ҳуқуқӣ нақши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таъсис ва таҳкими Қӯшунҳои сарҳадӣ оварда, онро аз ҷиҳати илмӣ бо далелҳои раднопазир асоснок намудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Президент, давлат, ҳокимияти давлатӣ, Артиши миллӣ, Қувваҳои Мусаллаҳ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, истиқлолият, амният, қонун, таърих, масъулият.

**Аннотация:** В статье рассматриваются заслуги Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в укреплении Национальной Армии, особенно Пограничных войск.

Автор на основе глубокого историко-правового анализа представил роль уважаемого Главы государства Эмомали Рахмона в создании и укреплении Пограничных войск, научно обосновав ее неопровержимыми доказательствами.

**Ключевые слова:** Президент, государство, государственная власть,

Национальная Армия, Вооруженные Силы, Пограничные войска, независимость, безопасность, право, история, ответственность.

**Annotation:** The article reviews the merits of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in strengthening the National Army, especially the Border Troops.

Based on a deep historical and legal analysis, the author revealed the role of the distinguished Head of State Emomali Rahmon in the creation and strengthening of the Border Troops, scientifically substantiating it with irrefutable evidence.

**Key words:** President, state, state power, National Army, Armed Forces, Border Troops, independence, security, law, history, responsibility.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати тозаистиқлоли навбунёд дар масири эъмори ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои устувор мегузорад. Тоҷикистони навин аз рӯзҳои аввали арзи вуҷуд кардани худ ҳамеша сиёсати мутавозини дохилию хориҷиро пайгирӣ намуда, ҷонибдору тарғибгари ҳалли осоиштаю сиёсии ҳама гуна мунокишаҳои дохилӣ ва минтақавию байналмилалӣ мебошад.

Артиши миллии Тоҷикистони ҷавон, ки бешубҳа аз рукнҳои асосӣ ва сипари боэътимоди дастовардҳои истиқлоли давлатӣ мебошад, бо назардошти анъанаҳои шӯҳратманди ниёгонамон ва бо истифода аз таҷрибаю дастовардҳои муосир таъсис ёфта, пайваста тақвият меёбад.

Баъд аз ҳазор соли пош хӯрдани давлати Сомониён хушбахтона ворисони оли Сомонро имкон фароҳам омад, то давлати навини худро бунёд намоянд. Вале давлате, ки баъди садсолаҳои бедавлатию нокомӣ ба мардуми тоҷик ато гардид, дере нагузашта, ба хатари парокандагию нобудӣ дучор омад.

Душманону бадхоҳон тавонистанд, ки мардуми тоҷикро дар як муддати кӯтоҳ ба ду ҷабҳа тақсим кунанд. Ҷанги шаҳрвандӣ барои бақои давлату миллати мо то ҳадде хатарнок буд, ки баъзан ҳатто бародарро бо бародар, падарро бо писар ва модарро бо духтар паси сангарҳои ба ҳам муқобил гузошт.

Мардум ҳанӯз шаҳди истиқлол ва давлатдории мустақилро начашида, аҳамияти ин неъмати бебаҳоро эҳсос накарда, аллакай вориди мунокишаҳои хунину нангини дохилӣ шуд. Беш аз як миллион шаҳрванди Тоҷикистон тарки Ватан ва ҷойҳои доимии зист карда, ба азобу укубати ғарибӣ гирифтор шуданд.

Дар ин айёми мудҳишу пурмасъулият рисолати таърихии ниёгонро абармарди баору номус ва идомадиҳандаи ойини шухратманди аҷдодӣ – мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст гирифтанд.

Роҳбари нави давлат ҳанӯз аз рӯзҳои баргузории иҷлосияи 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таърихи давлати навини тоҷикон нақши тақдирсоз дорад, барқарор намудани сулҳро аз ҷумлаи вазифаҳои асосӣ ва аввалиндараҷа медонистанд.

Бо назардошти вазъияти ҳамонвақта ва бо мақсади ҳар чи зудтар ба эътидол овардани вазъи иҷтимоию сиёсӣ бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 1992 роҳбарии фаврии вазорату идораҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ӯҳдаи Сарвари давлат, Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуд.

Ҳамон рӯз, яъне 18 декабри соли 1992 бо имзои мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии ташкили Артиши миллиро фароҳам овард.

Роҳбари ҷавони давлат бо назардошти сабақҳои талхи таърихи бостонӣ ва солҳои аввали истиқлоли давлатии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини сарварии худ ба бунёд, таҳкиму тақвият ва омодасозии Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳамаи сохторҳои қудратию ҳифзи ҳуқуқ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекарданд, то барои таъмини бақою устувории давлати навини тоҷикон нерӯи дифоии аз ҳар ҷиҳат обутобёфтаю озмоишдида дошта бошем.

Ин буд, ки дар муддати хеле кӯтоҳ заминаҳои нахустини таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон гузошта шуд ва пас аз ҳамагӣ 2 моҳи ба имзо расидани Фармони Раёсати Шӯрои Олӣ «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», 23 феврали соли 1993 нахустин расми гузашти низомӣ дар майдони «Дустӣ»-и шаҳри Душанбе баргузор гардида, аз таъсис ва ташкили Артиши миллии Тоҷикистон башорат дод ва 23 феврал расман Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд .

Қувваҳои Мусаллаҳ ё худ Артиши миллӣ аз рукнҳои асосӣ ва пойдевори устувори ҳар як давлати соҳибистиқлол

аст. Вале дар Тоҷикистон ташкил додани артиш кори осон набуд, чунки дар ҷумҳурӣ барои он ҳеҷ гуна заминаи моддию техникӣ ва шумораи кофии кадрҳои миллии низомӣ вуҷуд надошт.

Дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар Тоҷикистон оғоз ёфтани нооромиҳои дохилии сиёсӣ, ки дере нагузашта, ба муқовимати шадиди мусаллаҳона мубаддал гашт, солҳои 1991-1992 дар ҳифзи сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон низ як давраи бесарусомонию номуайянӣ ҳукмфармо буд.

Сарҳадбонони тобеи Кумитаи амнияти давлатии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар ин минтақаи сарҳад адои вазифа мекарданд, гӯё дар байни обу оташ қарор доштанд. Нобасомониҳои сарҳад, бахусус, ҳангоми ба хоки Афғонистон убур кардани гурезагони тоҷик аён мегашт, зеро сарҳадбонон дар ин миён ба мушоҳидагарони бесалоҳият табдил ёфта буданд. Онҳо наметавонистанд садди роҳи гурезагон шаванд, чунки медонистанд, ки фирориён барои наҷоти ҷони худ тарки Ватан менамоянд.

Дар ин айёми пурдаҳшат бо баргузор гаштани Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари давлат интихоб шудани фарзанди наҷотбахши миллат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин бесарусомониҳо тадриҷан хотима дода шуд.

18 декабри соли 1992, ҳамзамон бо қабули фармони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ бо қарори дигари Шӯрои Олӣ нахустин бригадаи таъиноти махсуси сарҳадӣ дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ таъсис дода шуд.

28 декабри соли 1992 дар назди ҳамин Кумита сарраёсат оид ба ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис дода шуда, барои ташкил додани Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистони мустақил замина гузошта шуд.

Дар мувофиқа бо роҳбарони давлатҳои навбунёд дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба Тоҷикистон нерӯҳои муштараки ҳомии сулҳ ворид гардид, нерӯҳои сарҳадии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар қаламрави кишвари мо боқӣ монда буданд, ба тобеият ва таъминоти Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Русия гузаронда шуд.

Моҳҳои аввали соли 1993 нахустин маркази таълимӣ барои омода кардани мутахассисони хурд аз ҳисоби сарбозон ташкил ёфт, ки дар он мактаби serжантҳо низ ба фаъолият шурӯъ намуд.

30 майи соли 1994 бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис додани Қӯшунҳои сарҳадии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва бо ҳамин фармон 28 май, расман, Рӯзи сарҳадбонон эълон карда шуд.

Таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ, ки ҳадафҳои асоси он таҳким бахшидани ҳифзи марзҳои давлатӣ, пешгирӣ кардани амалиёти террористӣ, тақвият бахшидани мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ва силоҳи оташфишон буд, дар роҳи пурзӯр намудани қудрати ҳарбии давлати ҷавони Тоҷикистон қадами устувор гардид.

Таълиму тарбияи ҳайати шахсӣ ва таҳкиму тақвияти техникии нахустин қисмҳои низомии сарҳадбонӣ ҳамзамон бо амалиётҳои шадиди ҷангӣ баҳри ҳифзи сарҳад ва ҳимояи сохти конститутсионии кишвар амалӣ мегардид.

Соли 1995 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он 4 бригадаи сарҳадбонӣ, як комендатура ва ду гузаргоҳи сарҳадӣ дар шаҳрҳои Душанбею Хуҷанд шомил буданд.

Соли 1997 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии Вазорати амният Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

28 январи соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз қисми ҳарбии рақами

2610 Қӯшунҳои сарҳадии кишвар дидан карда, дар маросими савгандёдкунии сарбозон иштирок намуданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо наваскарон ва падару модарони онҳо ҳамсуҳбат шуда, бо шароити хизмату истироҳати афсарон ва аслиҳаю техникаи низомӣ шинос гардиданд .

Солҳои 2004 – 2005 дар таърихи Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав фаро расид. Мутобиқи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, ки 16 октябри соли 2004 дар Душанбе ба имзо расид, моҳи ноябри ҳамон сол нахуст ҳифзи қитъаи 500-километраи сарҳади байни Тоҷикистону Чин дар минтақаи Мурғоб, сипас қитъаҳои Хоруғу Ванҷи сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон ва соли 2005 муҳофизати ҳамаи қитъаҳои боқимондаи сарҳади байни кишвари мо бо Афғонистон ба ухдаи Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон вогузор шуд.

11 майи соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар маросими савгандёдкунии наваскарони Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми низомии 2620 Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, дар маросими тантанавии савгандёдкунии наваскарон иштирок намуданд.

Он рӯз 500 нафар наваскарон дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои садоқат ба Ватан савганд ёд намуданд .

Рӯзи 19 октябри соли 2005 калиди рамзии сарҳади давлатии байни Тоҷикистону Афғонистон дар фазои тантанавӣ, расман, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супурда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими тантанавии гусели гурӯҳи сарҳадбонони Федератсияи Русия дар Тоҷикистон, ки дар толори Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абдулқосим Лоҳутӣ баргузор гашт, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба сарҳадбонони Федератсияи Русия ва дар симои онҳо ба роҳбарияти ин давлати ба мо дӯст арзи сипосу миннатдорӣ намуда, аз ҷумла таъкид дошт, ки хидмати онҳо барои ҳифзи сарҳади давлатии байни Тоҷикистону Афғонистон басо арзишманд аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Тоҷикистон ба ҳайси давлати мустақил имрӯз тасмим гирифтааст, ки ҳифзи марзҳои давлатиро бар ухдаи сарҳадбонони худ вогузор кунад, вале ин маънои онро надорад, ки сарҳадбонони рус марзи Тоҷикистонро пурра тарк мекунанд.

Дар маросими гусели сарҳадбонони Русия, ҳамчунин муовини аввали директори Хадамоти федеролии амният, роҳбари Раёсати сарҳадбонии Федератсияи Русия Владимир Проничев суханронӣ намуда, аз ҷумла барои саҳми арзанда дар таҳкими дӯстию ҳамкории мутақобилан судманди байни давлатҳо ва мардумони Тоҷикистону Русия ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипосу миннатдорӣ намуд ва таъкид дошт, ки Хадамоти федеролии амнияти Федератсияи Русия минбаъд низ кумаку дастгирии худро ба сарҳадбонони тоҷик дареғ намедорад, чунки ба сифати хуби кори онҳо Русия ва ҳамаи кишварҳои дигари минтақа манфиатдоранд.

Аз номи Раёсати Хадамоти федеролии амнияти Федератсияи Русия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои заҳматҳои пайвастаи таҳкимбахши ҳамкории дуҷониба, саҳмгирии амиқ дар таъмини амнияти сарҳадоти ҷанубии ИДМ бо рамзи ифтихории «Муҳофизи Ватан» мушарраф гардиданд.

Дар хотима калиди рамзии сарҳадоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ба раиси Кумитаи ҳифзи

сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник Сайдамир Зуҳуров супурда шуд.

Ҳамчунин як қатор роҳбарони соҳа, собиқадорон, афсарони шуҷоъи марзбони тоҷик бо ордену медалҳои Хадамоти федеролии амнияти Федератсияи Русия сарфароз гардиданд.

Хотиррасон бояд намуд, ки аз замони ба истиқлоли давлатӣ расидани Тоҷикистон то ин рӯзи таърихӣ бо сабаби муноқишаҳои дохилӣ, вуҷуд надоштани заминаи моддию техникӣ ва ҳам шумораи кофии кадрҳои миллӣ ҳифзи сарҳади давлатии миёни Тоҷикистону Афғонистон тибқи санадҳои дуҷонибаи дӯстию ҳамкорӣ ба уҳдаи сарҳадбонони Федератсияи Русия вогузор шуда буд. Тайи ин солҳо дар ҳамкорӣ бо Федератсияи Русия ва дигар кишварҳои дӯст ҳам заминаи кофии моддию техникӣ ва ҳам шумораи зарурии кадрҳои соҳа омода гардид ва имкон фароҳам омад, ки Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон ҳифзи ҳамаи қитъаҳои марзи давлатӣ бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро пурра ба зиммаи худ бигиранд .

2 ноябри соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз қароргоҳи отряди сарҳадии гарнизони ҳарбии Хоруғ, ки чанде пеш сарҳадбонони Русия ба марзбонони тоҷик супурда буданд, дидан карда, бо шароити будубоши ҳайати шахсии қисми низомӣ, аҳволи маишӣ ва заминаи моддию таълимии он аз наздик шинос шуданд.

Моҳи январи соли 2006 дар заминаи Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис дода шуд .

30 ноябри соли 2006 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии ҳифзи сарҳади давлатӣ барҳам дода шуда, дар заминаи он Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ таъсис дода шуд, яъне ин навъи қӯшунҳо дубора ба тобеияти мақоми марказии амнияти давлатӣ баргардонда шуд. Дарвоқеъ, фаъолияти қӯшунҳои сарҳадӣ бо корҳои иктишофӣ ва фаврӣ-ҷустуҷӯии мақомоти амнияти миллӣ робитаи ногусастанӣ дошта, фаъолияти якҷояи онҳо самараи бештару беҳтар дорад.

Ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон, ки дар обу оташи муноқишаҳои дохилӣ ва мубориза шадид бо сарҳадшиканону қочоқбарон обутоб ёфтаанд, имрӯз дар тамоми машқҳои низомии дохили кишвар ва машғулиятҳои махсуси сарҳадбонӣ фаъолона ширкат варзида, ба як нерӯи тавонои ҳифзи марзу буми кишвар табдил меёбанд.

26 майи соли 2014 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маркази таълимии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии ҷумҳурӣ ташриф оварда, бо фаъолияти он бевосита шинос шуданд.

Тавре таъкид гардид, ин маркази таълимӣ барои омодасозии мутахассисони хурди ҳайати сарбозӣ ва сержантии Қӯшунҳои сарҳадӣ пешбинӣ шуда, дар он аз рӯйи 18 ихтисос кадрҳо омӯзонда мешаванд.

Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани дарсҳои назарявию амалӣ дар ин ҷо шароити лозимӣ муҳайё гардидааст, хусусан пас аз таъмиру навсозӣ, ки ба тозагӣ анҷом дода шуда буд .

Дар солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ дар амалиётҳои гуногуни ҷангӣ дар сарҳади байни Афғонистону Тоҷикистон, дар муноқишаҳои дохилӣ баҳри ҳифзи сохти конститутсионии кишвар ва дар амалиётҳои муштараки минтақавии зиддитеррористӣ фаъолона ширкат варзида, маҳорату матонат ва садоқату мардонагӣ нишон додаанд. Даҳҳо нафар афсарону сарбозони содиқи Қӯшунҳои сарҳадӣ дар роҳи ҳифзи марзу буми Ватан ва дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ҷони худро қурбон кардаанд. 138 нафар хизматчиёни ҳарбии сарҳадбон барои хизматҳои шоён, аз ҷумла 37

нафар баъд аз марг бо мукофотҳои гуногуни давлатӣ сарфароз гаштаанд.

Фаъолияти зиддитеррористии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо дигар ҷузъу томҳои низомии махсус, аз ҷумла воҳиди таъйиноти махсуси «Алфа»-и Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар ҳамоҳангии зич ба роҳ монда шудааст. Ҷойи зикр аст, ки «Алфа»-и Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бо ибтикор ва ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 25 апрели соли 1994 ба фаъолият оғоз намудааст.

Маҳз бо дастгириҳои Сарвари давлати Тоҷикистон, имрӯз воҳидҳои таъйиноти махсуси зиддитеррористии «Алфа» аз ҷиҳати таъминоти ҷангию техникӣ дар байни сохторҳои қудратии кишвар яке аз ҷойҳои намоёнро соҳиб гардидааст.

7 августи соли 2014 Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қароргоҳи воҳиди махсуси низомии «Алфа» ташриф оварда, бо шароити нави муҳайёгардида ва омодагии касбии ҳайати шахсӣ бевосита шинос шуданд. Бо дастгирии Пешвои миллат биною иншооти ин воҳиди махсуси низомӣ пурра навсозӣ шуда, бо техникаю таҷҳизот ва силоҳу муҳимоти ҷангии муосир таъмин гардид .

Ҳайати шахсии мақомоти амнияти миллӣ дар тарҳрезӣ ва гузаронидани чорабиниҳои фаврию ҷустуҷӯӣ ва амалиётҳои ҷангӣ бар зидди дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунии Ризвон Содиров, Баҳром Содиров, Раҳмон Сангинов, Мансур Муаккалов, Аловуддин Давлатов (Алии Бедакӣ), Абдулло Раҳимов (Мулло-Абдулло), пешгирӣ аз кӯшиши табаддулоти ҳарбии ташкилоти террористию экстремистии Ҳизби наҳзати ислом аввали моҳи сентябри соли 2015 ва бисёр амалиётҳои муҳими дигар корнамоӣ ва ҷасорати беандоза нишон додаанд.

Солҳои минбаъда кормандони мақомоти амнияти миллӣ теъдоди зиёди ҷосусону тахрибкорони хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ, аъзои созмонҳои экстремистию террористии «ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистон», «Ҳизбут-таҳрир», ҷамъиятҳои «Таблиғ», «Ансоруллоҳ», «Салафия» ва ғайраро ошкор ва безарар намудаанд. Аз дастаҳои ҷиноятпеша миқдори зиёди силоҳу муҳимоти ҷангӣ, садҳо адад адабиёти моҳияти ифротгароидошта, бисёр маводи тарканда ва маводи мухаддир мусодира гардидааст.

17 октябри соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ дар қисми низомии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз навсозӣ бинои ситоди отряди сохтмониро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо шароити қисми низомӣ шинос шуданд.

Бинои ситоди отряди сохтмонии Қӯшунҳои сарҳадӣ аз ду ошёна иборат буда, дар он утоқҳои муосиру барҳаво барои кору фаъолияти ҳайати шахсӣ фароҳам оварда шудааст. Тамоми ҳуҷраҳои корӣ бо дастгоҳ ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин мебошад. Дар ҳудуди қисми низомӣ панҷ сехи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ фаъолият намуда, дар доираи корҳои навсозӣ ҳамаи коргоҳҳо бо дастгоҳ ва таҷҳизоти муосири корӣ таъмин гардидаанд. Дар коргоҳҳо симтур, симхор ва дигар маҳсулоте, ки барои ҳифзи марзҳо зарур аст, бо сифати баланд истеҳсол мешавад. Ҳамзамон дар ҳудуди отряди сохтмонӣ истеҳсоли бомпӯшҳои тунукагӣ ва дару тирезаҳои пластикиву ҷӯбӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин маҳсулот барои бунёди дидбонгоҳҳо, қисмҳои низомӣ ва отрядҳои сарҳадӣ истифода бурда мешавад.

Дастгоҳ ва таҷҳизоти корие, ки дар коргоҳҳо насб шудааст, аз хориҷи кишвар ворид шудааст.

29 сентябри соли 2020 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт шифохонаи мар-

казии ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пас аз навсозӣ дубора ифтитоҳ карданд.

Шифохонаи марказии ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ, ки аз соли 1962 дар ин ҷо фаъолият дорад, бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ пурра навсозӣ гардида, ба талаботи замони муосир мутобиқ карда шуд.

Шифохона барои табобату муолиҷаи ҳайати шахсии Қӯшунҳои сарҳадӣ махсус гардонда шудааст ва имкониятҳои васеи ташхисию табобатӣ дорад .

Манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат, имрӯзҳо дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ вазифаҳои мураккаберо ба миён мегузорад, ки ниҳоди марзбонон аз он истисно нест. Бояд қайд намуд, ки донишу малакаи ҳарбӣ ва шуҷоату худшиносӣ аз омили муҳими нигаҳдории давлати соҳибистиқлол мебошад. Зеро марзбонон бо неруҳои қавӣ ва муташаккилу мусаллаҳи фаромиллӣ рӯбарӯ хоҳанд шуд. Вазъи мураккаб дар марз бо Афғонистон бозиҳои навбатии геополитикии давлатҳои абарқудратро намоиш медиҳанд. Барои манфиатҳои миллӣ ва сиёсӣ кишварҳои бузург ҳама гуна василаҳоро истифода менамоянд.

Воқеан, ташкили Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон дастоварди бузурги таърихӣ дар ҷодаи ҳифзу ҳимояи амнияти давлат ва марзҳои кишвар ба шумор меравад.

Дарвоқеъ зарбаи аввалини душманро маҳз марзбонони шуҷоъи Ватан ба худ мегиранду намехоҳанд ҳеҷ душмане ва ё бадхоҳи аҷнабие ба хоки Ватан қадами нопок гузорад. Марзбонони тоҷик дар ҳақиқат ҷоннисори Ватан мебошанд. Онҳо дар муҳофизати марз шабу рӯз бедору ҳушёр мебошанд ва кулоҳу либоси сабзи онҳо тимсол ва рамзи сарсабзӣ ва оромии кишвари маҳбубамон мебошад.

Ба таъкиди Сарвари давлат маблағгузорӣ барои нигоҳдории Қӯшунҳои сарҳадӣ ба таври мунтазам зиёд карда мешавад. Дар давоми даҳ сол бо назардошти шароити хоси хизмат маблағгузории Қӯшунҳои сарҳадӣ 25 баробар афзудааст.

Қӯшунҳои сарҳадӣ ғамхории мудоми роҳбарияти кишварро эҳсос мекунанд. Тайи ду даҳсола 17 дидбонгоҳи сарҳадӣ, 5 нуқтаи назорати сарҳадӣ, 7 иншооти Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ ва 3 иншооти Маркази омӯзишии кормандони назорати сарҳадӣ бевосита дар қисмҳои ҳарбӣ сохта ва ба истифода дода шуд.

Бояд қайд кард, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ барои мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии Қӯшунҳои сарҳадӣ, бо техникаву дастгоҳҳои пуриқтидори низомӣ таъмин намудани ҷузъу томҳои он, дар заминаи навтарин асбобу абзори мушоҳидавию дидбонӣ роҳандозӣ гардонидани хизмату фаъолияти сарбозону афсарон Ҳукумати ҷумҳурӣ, амалҳои зиёди судмандро ба иҷро расонид, ки дар натиҷа зимни он Барномаи азнавсозии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст ва ҳадафи он таъмини ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ бо аслиҳа ва воситаҳои техникаи муосири ҳарбӣ ва боз ҳам беҳтар гардонидани шароити хизмат мебошад.

Дар баробари ин Қӯшунҳои сарҳадӣ бо дастгоҳҳои радиолокатсионӣ ва воситаҳои компютерӣ таъмин мебошанд. Дар чанд соли охир бо дастгирии Ҳукумати кишвар Қӯшунҳои сарҳадӣ куллан навсозӣ гардида, ҷиҳати пурзӯр намудани ҳифзи сарҳади давлатӣ 3 раёсати минтақавӣ, 17 отряди сарҳадӣ, ду отряди таъйиноти махсус, Донишкадаи олии сарҳадӣ, эскадрилияи алоҳидаи ҳавоӣ, 7 комендатураи сарҳадӣ, 158 дидбонгоҳи сарҳадӣ, 34 нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ, 4 маркази таълимӣ, 3 беморхонаи ҳарбӣ ва 5 қисми ҳарбии таъминоти техникӣ бунёд карда шуд.

23 феврали соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори 26-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ суханронӣ намуда, таъкид карданд, ки: Вазифаи аввалиндараҷаи мо дар вазъияти мураккаби баамаломада, пеш аз ҳама,

таъмин кардани ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ ва сафарбар намудани тамоми имкониятҳо ба ин самт мебошад.

Мо боварии қатъӣ дорем, ки Қӯшунҳои сарҳадӣ, яъне марзбонони далеру шуҷои мо минбаъд низ аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи муқаддаси худ, яъне ҳифзи боэътимоди марзҳои кишварамон бо сарбаландӣ мебароянд».

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Садои мардум, 24 декабри соли 1992. – №229(479); Ҷумҳурият, 24 декабри соли 1992. – №217(18737)

2. Шарипов А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмонов – наҷотбахши миллат (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992 – 1995). Китоби 1. – Душанбе: «Деваштич», 2006. – С. 45

3. Шарипов А., Фаттоев С. Эмомалӣ Раҳмонов – поягузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996 – 1999). Китоби 2. – Душанбе: «Деваштич», 2006. – С. 262

4. Шарифзода А., Сироҷов З. Эмомалӣ Раҳмонов: Соли фарҳанги оламгир (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2005). – Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 105

5. Шарифзода А, Сироҷев З. Эмомалӣ Раҳмонов: Соли фарҳанги оламгир (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2005).– Душанбе: Деваштич, 2006. – С. 334–336

6. Ҳамон ҷо, - С. 357

7. Боздид аз маркази таълимии Қӯшунҳои сарҳадӣ // Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/6806

8. Шарифзода А., Қосимӣ З. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Мавлоно Ҷомӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014). – Душанбе: Бухоро, 2015. – С. 200

9. Боздид аз қисми низомӣ ва пойгоҳи таъминоти моддию техникии қӯшунҳои сарҳадии КДАМ // Ҷумҳурият, 18 октябри соли 2019. – №196

10. Ифтитоҳи иншооти нав дар шаҳри Душанбе // Садои мардум, 1 октябри соли 2020. - №122.

11. Суханронӣ дар назди хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (22.07.2021) // Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/26167

# ОМИЛҲО ВА ШАРОИТҲОИ МУСОИДАТКУНАНДА ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТАХРИБКОРИИ ИДЕОЛОГИИ ТЕРРОРИЗМИ МУОСИР

# ФАКТОРЫ И УСЛОВИЯ, СПОСОБСТВУЮЩИЕ В БОРЬБЕ С ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ ДИВЕРСИЕЙ СОВРЕМЕННОГО ТЕРРОРИЗМА

# FACILITATING FACTORS AND CONDITIONS IN THE FIGHT AGAINST THE IDEOLOGICAL DEVASTATION OF MODERN TERRORISM

**Зарифов Ф.Б.**
**Zarifov F.B.**

*Сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковник.*

*Унвонҷуи Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

*Начальник кафедры общественных дисциплин Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан, подполковник.*

*Соискатель Института философии, права и политологии Национальной академии наук Таджикистан.*

*Head of the department of social sciences of the Higher school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, lieutenant colonel.*

*Candidat of academy of science of the National Academy of sciences of Tajikistan Institute philosophy-law and politology.*

***Ихтисоси илмӣ:*** *23.00.04*
***Научная специальность:*** *23.00.04*
***Scientific specialty:*** *23.00.04*

**Аннотатсия:** Дар мақола муаллиф, бо дарназардошти мавҷудияту амалкунии таҳдиду хатарҳои терроризми муосир ба амнияти миллӣ, як қатор омилу шароитҳои доимо амалкунандаро муайян мекунад, ки донистану истифодабарии онҳо дар муқобилияти идеологӣ аз тарафи шаҳрвандон муваффақиятро дар мубориза бар зидди терроризми муосир, идеологияи зараровари он, ки асосҳои динӣ дорад, таъмин менамояд.

**Калидвожаҳо:** омилу шароит, идеология, идеологияи миллӣ, идеяи миллӣ, идея-арзишҳо, системаи арзишҳои идеологӣ, тахрибкории идеологӣ, терроризми муосир, манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ.

**Аннотация:** В данной статье автор, с учетом имеющихся вызовов и угроз современного терроризма национальной безопасности и политической стабильности Республики Таджикистан, определяет ряд постоянно действующих факторов и условий, способствующих достижению успехов в борьбе с идеологической диверсией современного терроризма.

**Ключеввые слова:** факторы и условия, идеология, национальная идеология, национальная идея, ценности, система идеологических ценностей, идеологическая диверсия, современный терроризм, национальные интересы, национальная безопасность.

**Annotations:** In the article, the author, taking into account the existence of threats and dangers of modern terrorism to national security defines some factors and condition, that knowing and using them by citizens provides successes to combat against modern terrorism.

**Keywords**: threats, dangers, modern terrorism, national security, factors and conditions, success, combat.

Таҳлили маводи васоити ахбори омма ва адабиёти ватанӣ, баромадҳои олимон, мутахассисон дар конфронсҳо, воҳӯриҳо, семинарҳо нишон медиҳад, ки дар фазои иттилоотӣ-идеологии кишвар камбудӣ ва норасоиҳое ҷой доранд, ки ҳадафрасии моро дар мубориза бар зидди идеологияи зараровари терроризми муосир, ки асосҳои динӣ дорад, мушкил мегардонад ва онҳо ҳалли худро талаб мекунанд.

Яке аз сабабҳои бесалоҳиятии одамон, шахсиятҳо, ҳизбу ҳаракатҳо, сохторҳое, ки ба ҳаёти сиёсӣ, ба муборизаи сиёсӣ-идеологӣ ворид мешаванд, дониши рӯякӣ, сатҳи нокифояи савод ва умуман, набудани он дар бораи идеология ва масъалаҳои аз онҳо бавуқуъомада мебошад. Ин ҳолат ба ташкили дурусту мақсадноки мубориза бар зидди терроризми муосир, ки асосан муборизаи идеологӣ мебошад, таъсири манфӣ мерасонад.

Қайд кардан лозим аст, ки дар шароити кунунӣ, нобобаста аз иқтидори сиёсӣ-иқтисодӣ, ҳарбӣ, илмию техникии душманон-рақибон, ки муваффақияти онҳоро аз бисёр ҷиҳат дар фаъолияти тахрибкоронаи идеологиашон таъмин менамояд, мо бояд роҳҳои самаранок бурдани муборизаи идеологиро, бо дарназардошти воқеияти миллӣ, барои худ муайян кунем. Назари дурусти илмӣ-методологӣ ба ҳалли ин масъала аз мо моҳирона истифода бурдани як қатор **омил ва шароитеро,** ки муваффақиятро дар мубориза бар зидди тахрибкории идеологии терроризми муосир таъмин менамоянд, талаб мекунад.

Ҳар як узви ҷомеа ин омилу шароитро, пеш аз ҳама, бояд донад, зарурату муҳиммият, арзишнокии баланди оҳоро дарк намоянд ва фаъолона истифода намоянд.

**Якум омили доимо мусоидаткунанда ва ба афкори умум таъсирбахш** – ин мавҷудият ва амалкунии идеологияи ягона ва муттаҳидкунандаи шахс, ҷомеа ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ-Сотсиалистӣ олимон, сиёсатмадорон дар сатҳи миллӣ муддате дар ҷустуҷӯйи идея ва назарияҳое буданд, ки гузаштаро сафед кунанд ва барои ояндаи миллат-давлат роҳнамо бошад. Бояд таъкид кард, ки дар баробари идея-арзишҳои умумиинсонӣ (ба монанди адолат, инсондӯстӣ, баробарҳуқуқӣ, бародарӣ ва ғайра) ҳар як давлати миллӣ бояд **системаи арзишҳои афзалиятдоштаи идеологӣ** ва ба расмият шинохтаи худро, ки манфиатҳои аслии онҳоро ифода мекунанд, дошта бошад. Баъзе сару садоҳо оид ба он, ки дар Тоҷикистон гӯё идеологияи миллӣ (ё ин ки идеяи миллӣ) муайян нашудааст, ягон асоси илмӣ ва амалӣ надорад, хулосаи бемаънӣ аст. Савол пайдо мешавад, ки оё дар зарфи 32 соли Истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ягон идея-арзишҳои афзалиятдоштаи сиёсӣ ё миллӣ фаъолият кардааст? Албата, не!

Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар аввали солҳои 90-уми асри XX, барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ ва **пеш гирифтани роҳи бунёди ҷомеаи озоду демократӣ,** ки яке аз самтҳои асосии тараққиёти ҷомеаи муосир ба шумор меравад **ва бо роҳи конститутсионӣ** мустаҳкам намудани он аз дастовардҳои бузурги миллату давлати тоҷик ба ҳисоб меравад, ки минбаъд ба пайдоишу инкишоф ёфтани дигар идея-арзишҳои афзалиятдоштаи миллӣ замина гузоштааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии ҶТ 21-уми декабри соли 2021 хотирнишон намуданд: **«... сохти ояндаи давлатдории тоҷикон аввалин маротиба дар ҳамин Иҷлосияи 16-уми таърихӣ пешниҳод гардид, яъне ман ҳанӯз дар рӯзҳои аввали Иҷлосия иброз дошта будам, ки ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳастам» [8].** Дар воқеъ, дар он айём аз дуруст муайян кардани самти асосии инкишоф ва роҳи бунёди ҷомеа ояндаи

миллату давлати тоҷик вобастагӣ дошт, баръакси ҳол, имрӯз мо дар кадом ҳолати вазнин умр ба сар мебурдем, тасаввур карда ҳам намешуд.

27-уми ноябри соли 2021 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раиси КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковник муҳтарам Ятимов С.С. дар конференсияи илмии зиёиён-кормандони илм ва маорифи ҷумҳурӣ дар мавзуи «Фазои иттилоотии кишвар, ҳимояи дастовардҳои замони истиқлолият ва таъмини амнияти миллӣ» ба аҳли зиё муроҷиат карда, қайд намуданд: «Бисёр зиёиёну олимони мамлакат дар он ақидаанд, ки мо идеологияи миллӣ надорем. Аммо моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамчун идеологияи миллӣ хизмат кунад, ки дар он гуфта мешавад: **«Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [9].** Ин идея – арзишҳо воқеияти миллиро объективона инъикос менамоянд, манфиатдории миллату давлати моро, ҳар як узви онро ифода мекунанд, ба пайдоиши фикру ақидаҳои манфӣ роҳ намедиҳанд ва оммаро водор мекунанд, ки фиребтаи фикру ақидаҳои манфӣ нагарданд, ҳушёрию зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ҳамеша омода бошанд. Онҳо дар натиҷаи ҷамъоварӣ ва таҳлили назариявии таҷрибаи гузашта, имрӯза ва пешбинии ояндаи давлатдории тоҷикон муайян шудаанд. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифадор аст, ки идея-арзишҳои моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра аз худ карда, дар инкишофу устуворгардонии онҳо саҳми арзанда гузорад. Аз дигар тараф, фикру ақидаронӣ, рафтору кирдори ягон шаҳрванди Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ ва нафари бешаҳрванд ба арзишҳои муайянкардаи моддаи 1-уми Конститутсия, яъне асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мухолифат накунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳарсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **дар роҳи мустаҳкамгардонии пойдории асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои асосии ҷомеа ва давлатро** ҳамчун **«рушди устувор», «амният», «ҳифзи истиқлолияти миллӣ ва тамоми дастовардҳои он» муайян кардааст.** Имрӯз дар системаи манфиатҳои миллӣ ин идея-арзишҳо унсурҳои асосии онро ташкил медиҳанд.

Ҷомеа, давлат ҳамон вақт пеш меравад, тараққӣ мекунад, агар **рушди устувори** иқтисодӣ дошта бошад. Пойсутуни ҳамагуна ҷомеа ва асосан ҷомеаи демократӣ **иқтисодиёт** мебошад. **Бе ҳалли ин масъала идеология наметавонад самараовар бошад.** Самаранокии мубориза бар зидди тахрибкории идеологии терроризм ва ҳамагуна идеологияи ғайр, аз ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобастагӣ дорад. К.Маркс менависад: **«идеяҳо ҳамон вақт ҷомеаро фаро мегиранд, агар онҳо манфиатҳои ҳаётан муҳим, имтиёзҳои ҳаррӯзаи одамонро қонеъ гардонанд» [5]**. Таҳиягарони идеяи мубориза бар зидди терроризми муосир ҷомеаи инсониро водор ва таъкид мекунанд, ки дар мубориза бар зидди терроризм, ба муайян ва бартараф намудани камбудӣ ва норасоиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки ба қатори омилҳои иғвоангези пайдоиши терроризм дохил мешаванд, диққати асосӣ диҳанд.

**Муайян кардани чор ҳадафи стратегии кишвар:** «ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ», «баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ», «таъмини амнияти озуқаворӣ» ва «саноаткунонии босуръати мамлакат» **маҳз аз мақсаднок бурдани фаъолияти давлатӣ дар самти мубориза бар зидди терроризми муосир,** яъне бартараф кардани сабабҳои иқтисодӣ-иҷтимоии пайдоишу авҷгирии он, **шоҳидӣ медиҳад.** Нишондодҳои назаррас дар ин самти фаъолият дар Паёмҳои ҳарсолаи Сарвари давлат дарҷ ёфтаанд.

Аз ҳама муҳим, омма бояд дарк

намояд, оммаро таъкид кардан лозим аст, ки ҳал намудани камбудӣ ва норасоиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа масъалаи бунёдгароии (фундаментализми) исломиро аз байн намебарад. Ҳақ ҷониби профессори Донишгоҳи Гарварди ИМА А. Дершовитс мебошад, ки дар китоби худ «Барои чӣ терроризм амал мекунад?» решаҳои амиқи терроризмро дар нохунак гирифта, қайд намудааст, ки онҳоро аз доираи мусоҳиба ва муҳокима берун баровардан лозим. «Агар мо ба сабабу омилҳои амиқи иқтисодӣ-иҷтимоии пайдоиши терроризм диққати ҷиддӣ диҳем, моҳияти аслии терроризми муосирро фаҳмонда дода наметавонем» [3, 30-31]. Дар воқеъ, таъсисдиҳандагон, роҳбарони пасипардагӣ ва бунёдгароёну радикалистони динӣ мақсадҳои муғризонаи сиёсӣ дошта, ҳамагуна камбудиҳои ҷомеаро танҳо барои ба вуҷуд овардани норозигӣ дар ҷомеа ва сафед кардани амалҳои экстремистӣ-террористии худ истифода мебаранду халос. Барои онҳо фарқ надорад, ки ҷомеа дар кадом сатҳи баланди иқтисодӣ-иҷтимоӣ қарор дорад, онҳо тайёранд ҳамагуна ҷомеаҳоро барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ нобуд кунанд. Аз тарафи дигар, муҳим дарки он аст, ки **ягон хел камбудӣ ва норасоиии иқтисодӣ ба ташкилоти террористӣ, ҷалб гаштану ба амали террористӣ даст задани шаҳрвандонро сафед намекунад.**

Чӣ тавре ки дар боло қайд гардид, «**амният**» низ дар системаи **манфиатҳои миллӣ** ҷойи марказиро ишғол мекунад. Агар пешрафти ҷомеа ва давлат аз рушди иқтисод вобаста бошад, ба даст овардани он бе таъмини амният ҳеҷ имкон надорад.

Аниқ кардани идея-арзишҳои афзалиятдоштаи миллӣ имконият медиҳад, ки манфиатҳои миллӣ муайян гарданд. Аҳамияти муайян кардани манфиатҳои миллӣ дар он аст, ки ҳамаи таҳдиду хатарҳо ба он доираи масъалаҳои амниятро ташкил мекунанд. **Манфиатҳои аслии миллии мо ин ҳифзи истиқлолият, тамоми дастовардҳои он, ягонагӣ, дахлнопазирӣ ва халалдор насохтани худуди кишвар мебошад.** Дар ин матн ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва амният ҳаммаъно мебошанд. Яъне, шахс, ҷомеа ва давлати мо ҳам дар таъмини рушди иқтисодӣ ва ҳам амният манфиатдор аст. Яке аз сиёсатшиносони шинохтаи ИМА У. Липман қайд мекунад, ки «миллат ҳамон вақт амнияташро таъмин карда метавонад, агар ӯ барои гурехтан аз ҷанг манфиатҳои аслии миллӣ, қонунии худашро поймол накунад» [2].

Дар баробари ин, таҷрибаи давлатдорӣ нишон медиҳад, ки **системаи арзишҳои идеологии кишвар ҳатман як идея-арзиши муҳимми сиёсӣ, ки ба сифати омили систематашкилкунандаи идеологияи сиёсӣ баромад карда, ҳамчун шиори миллӣ хизмат мекунад, бояд дошта бошад.** Дар ҳар як давлати алоҳида онро **идеяи миллӣ** низ меноманд. Идеяи миллӣ дар баробари миллат ҳамчун як маҷмуи арзишҳое, ки дар доираи фарҳанги он ташаккул ёфтааст, арзи вуҷуд дорад. Масалан, дар ИМА ба сифати идеяи миллӣ озодӣ ва демократия баромад мекунад. Дар Ӯзбекистон фигураи асосии таърихӣ шахсияти Темурланг муайян шудааст. Дар Қазоқистон исботи решаҳои қазоқӣ доштани Чингизхонро гӯё дарёфт кардаанд. Яъне, қазоқон худро насли Чингизхон мешуморанд. Дар Қирғизистон ин масъала аз мавқеи идеалистӣ ҳалли худро ёфтааст. Дар ин ҷо ҳамчун асос ба сифати идеяи миллӣ «эпоси Манас», гирифта шудааст, ки дар он ҳаёти қирғиз дар XVIII дарҷ гардидааст. Дар Туркманистон ба сифати барандаи идеяи миллӣ шахсияти собиқ президенти ин кишвар Сафармурод Ниёзов, ки унвони «Туркменбошӣ»-ро гирифта буд, муайян шуда буд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала объективона ҳалли худро ёфтааст. Ба ҳама маълум аст, ки дар тамоми манотиқи Осиёи Миёна фақат тоҷикистониён таъриху фарҳанги бой ва куҳан доранд, чунки идеяи миллии мо бо **давлати Сомониён** алоқамандӣ дорад. Дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳёгари идеяи миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якдилона қабул гардидааст ва таҷассумгари идеяи миллӣ муҷассамаи Исмоили Сомонӣ мебошад.

**Дуюм омили дар мубориза бар зидди тахрибкории идеологии терроризм мусоидаткунанда** – бо **дарки таъсири ҷараёнҳои геополитикӣ ба суботи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.** Маҳз тезутунд гаштани муборизаҳои геополитикӣ дар олам таҳдидҳои навро ба сулҳу амнияти инсон ба вуҷуд овардааст, ки аз ҳама хатарноктаринаш терроризму экстремизми муосир мебошад. Вазъияти мураккаб ва ихтилофноке, ки имрӯз дар олам ба вуқуъ омадааст, аз таъсири бевоситаи ҷараёнҳои геополитикӣ ба амнияти давлатҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, шоҳидӣ медиҳанд. Терроризм барои бозигарони асосии харитаи сиёсӣ як усули нави пешбурди ҷанг барои расидан ба ҳадафҳои геополитикӣ хизмат мекунад. **Бинобар ин, дар рафти ташкили кор дар самти муқобилияти идеологӣ бар зидди терроризми муосир мо на танҳо сафедкунандагон ва содиркунандагони бевоситаи амалҳои террористиро, инчунин ташкилкунандагон, таҳиягарони асосии терроризми муосирро бояд донем.** Равшанӣ даровардан дар ин масъала барои дуруст ва мақсаднок ба роҳ мондани муборизаи идеологӣ бар зидди терроризм ва ба даст овардани ғалабаи идеологӣ аҳамияти калон дорад.

Фаромӯш набояд кард, ки қувваҳои абарқудрат ҳамчун бозингарони моҳир таҳти шиорҳои дастгирии пешравии демократия, ҳимояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон амал карда, дар асл рӯйирост ба корҳои дохилии дигар кишварҳо дахолат намуда, дар ҷомеа тухми кинаву адоват мепошанд. Онҳо муваффақияти худро дар роҳи ба даст овардани манфиатҳои геосиёсиашон танҳо дар ҳолати муташанниҷ, ҷангу низоъ нигоҳ доштани ҷараёнҳои миллӣ ва аз мавқеи қудрат назорат кардани ҳамин ҷараёнҳо мебинанд. Таҳлили нишонаҳои терроризми муосири байналмилалӣ, механизми ташкилкунӣ ва амалигардонии кирдорҳои террористӣ нишон медиҳад, ки аз қафои он ташкилотҳои пурқуввати сиёсӣ ва абарқудратҳо меистанд, ки мақсадҳои дурбинонаро оид ба даст овардани ҳукмрони дар ҷаҳон дунболагирӣ мекунанд [12]. Онҳо терроризмро ба як бозори калоне табдил додаанд, ки худ аз он фоидаҳои калон мерӯёнанд ва ба дигарон зарари гарон мерасонанд. Терроризми муосир ин як усули нави пешбурди ҷанги абарқудратон танҳо бо дасти дигарон аст. Дар мамлакатҳои мусулмоннишин одамон якдигарро таҳти шиорҳои динӣ нобуд мекунанд.

**Хулоса,** муқобилияти идеологӣ на танҳо муборизаро бар зидди идеологияи терроризм (яъне, маҳкум намудани зӯроварӣ) ва на танҳо бар зидди асосҳои идеологии он (маҳкум намудани асосҳои динии авҷгирии терроризм), инчунин, муборизаро бар зидди ташкилкунандагон ва таҳиягарони идеяи мубориза бо терроризми муосири байналмилалӣ бояд дар бар гирад.

**Таҳдиди ҷиддии ҷараёнҳои геополитикиро ба имрӯзаву ояндаи миллатҳои рӯ ба инкишоф метавонем чунин шарҳ дод:**

– исломгароён ҳеҷ гоҳ хилофат сохта наметавонанд, аммо муборизаҳои худро таҳти дастгирии ҳидоятгаронашон давом медиҳанд, яъне ба сифати омили муташанниҷкунандаи вазъият баромад мекунанд ва дастгирӣ меёбанд;

– «демократиясозон» таҳти идеяи дастгирӣ ва пешравии демократия дар ҷаҳон амал мекунанд, аммо худ дар бунёди демократия манфиатдор нестанд.

Вақте терроризм ва демократия мегӯем, мо ҳатман якеро ба муқобили дигар мегузорем, якеро қувваи бадӣ, дигареро қуввваи некӣ муаррифӣ мекунем. **В. И. Ленин қайд карда буд:** «демократия бо кадом маъно муаррифӣ гардад, дар натиҷа як усул дар мубориза барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ боқӣ мемо-

над» [4]. Ин асло маънои онро надорад, ки мо бар зидди терроризм бояд мубориза набарем ва демократия насозем. Маҳз дар пояи дарку фаҳмиши ҳамин гуфтаҳо мо муборизаро бар зидди терроризми муосири байналмилалӣ дучанд мекунем, фиреб намехӯрем ва бунёди ҷомеаи демократиро дар вазъияти мураккаб, нобаробар, ихтилофнок, мушкилпешбинишаванда, бо дарназардошти воқеияти миллӣ, дуруст ба роҳ мемонем.

Дарки чунин вазъият дар сатҳи шуур ва рафтор ба болоравии ҳушёрию зиракии сиёсии сокинони кишвар, ба пастшавии ҷалбшавии шаҳрвандон ба доираи терроризми муосири байналмилалӣ мусоидат менамояд.

**Сеюм омили мусоидаткунанда** дар мубориза бар зидди тахрибкории идеологии терроризми муосир, ки дар он пайи **омили ислом (-и сиёсӣ)** ҷой дорад – фаъолона истифода бурдани **исломи анъанавӣ,** идея-арзишҳои динӣ-мазҳабии **Абӯҳанифаро,** ки тоҷикистониён пайрави он мебошанд, бар зидди исломизм (решаи таълимоти ҳамагуна ТЭТ) дар бар мегирад.

Имрӯз барои тавсифи сифатан дурусти ислом ҳамчун дин ва ҷараёнҳое, ки бо терроризми муосири байналмилалӣ алоқаманданд, мафҳуми омили исломро васеъ истифода мебаранд. **Омили ислом** гуфта, мо на танҳо дин ва тарзи ҳаёти мусулмониро, **инчунин исломизм,** яъне **исломи сиёсиро,** ки решаҳои амиқи таърихӣ дорад, дар назар дорем. Исломизм имрӯз яке аз сабабҳои асосии пайдоиш ва авҷгирии экстремизму терроризми муосири байналмилалӣ ва манбаи асосии ғоявии таъсисёбии ташкилот, равия ва ҷараёнҳои сершумори сиёсӣ-исломӣ, ки онҳоро ҳамчун фундаменталистӣ, радикалистӣ, экстремистӣ ва террористии исломӣ арзёбӣ мекунем, ба шумор меравад.

Пӯшида нест, ки дар марҳилаи кунунӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи асосие, ки бо терроризм алоқаманд аст, ин таҳдид аз тарафи **исломгароён** мебошад, ки дини исломро ҳамчун силоҳи идеологӣ барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ истифода мебаранд ва дар ин роҳ ҳамагуна амалҳои даҳшатноктаринро бар зидди инсон сафед мекунанд ва содир менамоянд. Зиёда аз 20 сол мешавад, ки кӯшиши ворид кардани фикру ақидаҳои фундаменталистӣ-радикалистии исломӣ ба тафаккури ҷомеаи мусулмонони Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан ҷавонон ва ба доираи фаъолияти терроризми муосири байналмилалӣ кашидани онҳо давом дорад.

**Мақсад ва вазифаи асосии мо** дар мубориза бар зидди идеологияи зараровари терроризми муосири байналмилалӣ, ин бадном кардани идеяи исломистҳо дар назди ҷомеа **оид ба сӯиистифода бурдани дини ислом** дар фаъолияти тахрибкоронаашон бар зидди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қайд кардан лозим аст, ки ҳалли ин масъала шарҳи дурусти исломро ҳамчун дин бо дарназардошти махсусиятҳои хосси он дар рафти ташкили муқобилияти идеологӣ талаб мекунад. Дар аксар мавридҳо аз ҷой надоштани дониши зарурӣ дар бораи дин, ислом ва идеология баромадҳо дар мубориза бо идеологияи зараровари терроризми муосир натиҷаи мусбат намедиҳад, яъне таъсирбахш нестанд.

Вақте ки мо махсусиятҳои дини ислом мегӯем, ҷудоинопазирии онро бо сиёсат дар назар дорем ва таҳдиди ҷиддии чунин алоқамандии сиёсату динро мо дар ду-се даҳсолаи охир бараъло мушоҳида карда истодаем. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд донад, дарк намояд, ки исломи сиёсӣ (сиёсикунонии ислом) ба идея-арзишҳои мазҳаби динии мо мухолифат мекунад, он танҳо ифодагари манфиати бегонагон буд ва мемонад.

Хулоса, маҳз исломи сиёсӣ таваҷҷуҳи қувваҳои гуногуни манфиатҷӯ (чи исломӣ ва чи ғайриисломи)-ро насбаташ зиёд кардааст ва исломро ҳамчун дин заиф гардондааст. Қувваҳои тахрибкор дар исломи сиёсӣ ҳама он чизеро, ки барои расидан ба ҳадафҳои нопокашон лозим аст, дарёфт мекунанд. Дастгирӣ ва

истифода аз исломи сиёсӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки фаъолияти тахрибии худро ба амал баророанд. Исломи сиёсӣ сабабгори ҳамаи нокомиҳо дар ҷомеаи мусулмонон ва ҷудоӣ дар ислом мебошад, ки ба пайдоиши ду самти ба якдигар мухолиф – **анъанапарастҳо (традитсионалистҳо) ва бунёдгароҳо (фундаменталистҳо) оварда расонидааст.**

Таърих яқинан исботи онро мекунад, ки гузаштагони тоҷик бо дарназардошти нигоҳ доштани ҳувияти миллии худ мавқеи анъанапарастиро ишғол намуданд. **Анъанапарастҳо** – бар зидди урфу одатҳои анъанавии одатшуда баромад намекунанд ва дигаргуниҳоро дар соҳаи дин ва ҳаёти ҷамъиятӣ қабул надоранд ва аз ҳама муҳим, дар ризоият бо низоми сиёсии ҷойдошта амал мекунанд. Аксарияти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мусулмонон – суннатгароҳои мазҳаби ҳанафӣ буда, ба қатори анъанапарастҳо медароянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши калидии идеяарзишҳои таълимоти Имоми Аъзамро дар муттаҳидкунии ҷомеа ва мубориза бар зидди фундаментаментализму радикализми динӣ мунтазам қайд менамоянд.

Дар баробари истифода бурдани омилҳои қайдгашта, **яке аз шартҳои асосӣ – ин ҳаматарафа ва амиқ донистани терроризм ҳамчун як падидаи мураккабу номатлуби иҷтимоӣ мебошад.** Терроризм ин натиҷаи тараққиёт аст. Ва натиҷаи ин тараққиётро бе таърихи он фаҳмида намешавад. Бо истифода аз усули муоинаи таърихӣ, дар тадқиқи терроризми муосир фаҳмидан душвор нест, ки терроризм дар ҳамаи давру замон ҷой дошт ва то имрӯз **табиати аслии худро, яъне зӯроварӣ ва таҳдиди истифодаи он, инчунин таъйинотаашро ҳамчун як шакли таърихан ба вуҷуд омадаи мубориза гум накардааст,** баръакс, рӯз то рӯз фаъол гашта, таҳдидаш ба сулҳу амнияти инсон дучанд гардидааст. Таҳлили нишонаҳои терроризми муосир, технологияи ба-амалбарории амалҳои террористӣ нишон медиҳад, ки аз паси он қувваҳои пурзӯр (давлатҳо, иттиҳоди онҳо) меистанд, ки чунин ҳолат терроризмро ба соҳаи сиёсати ҷаҳонӣ, ба як таҳдид ба амнияти байналмилалӣ ва миллӣ табдил медиҳад. Аз ин рӯ, роҳҳои босамари муборизаро бо ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ бояд ҷустуҷӯ кард, то ки имконияти бавуҷудоии терроризме, ки аз тарафи давлатҳо дастгирӣ меёбад, бартараф карда шавад. Дар ин ҷода яке аз самтҳои афзалиятнок дар мубориза бар зидди терроризми муосир – ин инкишоф ва мукаммалгардонии қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ, бартараф кардани нофаҳмоиҳо дар системаи ҳуқуқии ҷаҳонӣ ва аз ҳама муҳим, даст кашидан аз **сиёсати стандартҳои духела, найрангбозиҳои сиёсӣ-идеологӣ** дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ мебошад [12, 33].

Терроризм имрӯз бо кадом маъное тавсиф наёбад, як усули зӯроварона дар муборизаи барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ боқӣ монда, аз нуқтаи назари таъмини амният яке аз шаклҳои фаъол ва ғализи фаъолияти тахрибкоронаи қувваҳои гуногуни душманона бар зидди манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, **хулоса баровардан мумкин аст,** ки самаранокии мубориза бар зидди идеологияи зараровари терроризми муосир, ки асосҳои динӣ дорад аз фаҳмиш, дарку мақсаднок истифода бурдани омилҳои мусоидаткунандаи дар боло қайдгашта, вобастагӣ дорад.

Ҳалли ин масъала оммаро ба субъекти фаъол, барандаи аслии идеологияи миллӣ табдил медиҳад.

## РЎЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Гаджиев К.С. Политология. – М., 2003.
2. Маҳмадов А. Сиёсатшиносӣ. – Душанбе, 2007.
3. А. Дершовиц. Почему терроризм действует. М.: «РОССПЭН», 2007. – С. 30,31.
4. В. И. Ленин. Государство и революция, Соч, 4 изд., т.25; его же, Тезисы и доклад о буржуазной демократии и диктатуре пролетариата. – Москва, 1958.
5. Маркс К., Энгельс Ф., Соч., Т 1, 1938, С.398
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
7. Н. В. Тузов. Ислам, этнос, политика, – Москва, изд. Палеолит, 2005.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 21-уми декабри соли 2021.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», шаҳри Душанбе, 23-юми декабри соли 2022.
10. Проблемы безопасности и противодействия терроризму. МГУ, 2006.
11. Ятимов С. С. Маводи конференсияи илмии зиёиён-кормандони илм ва маорифчиёни ҷумҳурӣ дар мавзуи «Фазои иттилоотии кишвар, ҳимояи дастовардҳои замони истиқлолият ва таъмини амнияти миллӣ», шаҳри Душанбе, 27-уми ноябри соли 2021.
12. Современный терроризм и борьба с ним. – М.: МЦНМО, 2007. – С.33.

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШКИЛ ВА АМАЛИСОЗИИ «ИНҚИЛОБҲОИ РАНГА»

# РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОРГАНИЗАЦИИ И ОСУЩЕСТВЛЕНИИ «ЦВЕТНЫХ РЕВОЛЮЦИЙ»

# THE ROLE OF INFORMATION TEHNOLOGY IN THE ORGANIZATION AND IMPLEMENTATION OF «COLOR REVOLUTIONS»

**Расулов Қ.С.**
**Rasulov Q.S.**

*Муаллими калони кафедраи махсуси Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, подполковник.*

*Старший преподаватель специальной кафедры Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан, соискатель отдела политологии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, подполковник.*

*Senior teacher of the special department of the Higher school of the State for Committee of National Security the Republic of Tajikistan, applicant for the department of political science of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of sciences of Tajikistan, lieutenant colonel.*

*Ихтисоси илмӣ*: 23.00.02 – институтҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.

*Научная специальность*: 23.00.02 – институты, процессы и политические технологии.

*Scientific specialty*: 23.00.02 – institutions, processes and political technologies.

**Аннотатсия:** Дар мақола нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ташкил ва гузаронидани «инқилобҳои ранга» таҳқиқ шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки инқилоби иттилоотӣ ба соҳаи геополитика ченаки нав – ченкунии маҷозии фазоро оварда, аз нав одамонро маҷбур кард, ки меъёрҳо ва қоидаҳои муносибатҳои сиёсӣ, муборизаи сиёсиро бозбинӣ кунанд. Таъкид шудааст, ки яке аз технологияҳои хеле самарабахш дар мубориза бо рақибони геополитикӣ дар асри XXI «инқилобҳои ранга» ба шумор меравад, ки ба ин ё он режими сиёсии давлат – ҳариф, зимнан, бехун ва бо сарфи камтарини қувваҳо ва воситаҳо дар муқоиса бо дахолати ҳарбӣ ё ҳатто инҳисори иқтисодӣ, таъсир расонида ё ҳатто онро иваз мекунанд. Хулоса карда мешавад, ки бартарияти баҳснопазири Интернет дар назди ВАО-и анъанавӣ дар ташкил ва гузаронидани «инқилобҳои ранга» аз он иборат аст, ки Интернет на танҳо маҷмуи беохири иттилоот, балки иттилооти батафсилеро пешниҳод мекунад, ки ин дар мавриди рӯзнома ё телевизион вуҷуд надорад.

**Калидвожаҳо**: технологияҳои иттилоотӣ, «инқилобҳои ранга», геополитика, бозингарони сиёсӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, Интернет, Твиттер, маводи маҷозӣ, оппозитсияи сиёсӣ.

**Аннотация:** В статье рассматривается роль информационных технологий в организации и проведении «цветных революций». Автор отмечает, что информационная революция привнесла в поле геополитики новое измерение - виртуальное измерение пространства, заставив людей пересмотреть нормы и правила политических отношений и политической борьбы. Подчеркнуто, что одной из самых эффективных техно-

логий в борьбе с геополитическими противниками в XXI веке являются «цветные революции», которые нацелены на тот или иной политический режим государства – противника, при этом воздействовать или даже заменить ее бескровно и с наименьшими затратами сил и средств по сравнению, например, с военной интервенцией или даже экономической блокадой. Делается вывод, что неоспоримым преимуществом интернета перед традиционными СМИ в организации и проведении «цветных революций» является то, что Интернет предлагает не только бесконечный набор информации, но и подробные сведения, чего нельзя сказать о газетах или телевидении.

**Ключевые слова**: информационные технологии, «цветная революция», геополитика, политические акторы, социальные сети, Интернет, Твиттер, виртуальные материалы, политическая оппозиция.

**Abstract:** The article discusses the role of information technology in the organization and implementation of «color revolutions». The author notes that the information revolution has brought a new dimension to the field of geopolitics - the virtual dimension of space, forcing people to reconsider the norms and rules of political relations and political struggle. It is emphasized that one of the most effective technologies in the fight against geopolitical opponents in the 21st century is «color revolutions», which are aimed at one or another political regime of the enemy state, while influencing or even replacing it bloodlessly and with the least expenditure of forces and means. compared, for example, with military intervention or even an economic blockade. It is concluded that the indisputable advantage of the Internet over traditional media in organizing and conducting «color revolutions» is that the Internet offers not only an endless set of information, but also detailed information, which cannot be said about newspapers or television.

**Keywords:** information technology, «color revolution», geopolitics, political actors, social networks, internet, twitter, virtual materials, political opposition.

Инқилоби иттилоотӣ ба соҳаи геополитика ченаки нав – ченкунии маҷозии фазоро оварда, аз нав одамонро маҷбур кард, ки меъёрҳо ва қоидаҳои муносибатҳои сиёсӣ, муборизаи сиёсиро бозбинӣ кунанд. Маълум гардид, ки амали муштараки (муборизаи) «сард»-и электронӣ бо кӯмаки васоити ахбори омма, технологҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ аз рӯйи қувва ва ноилшавӣ ба натиҷаҳои ниҳоӣ аксар вақт аз ҷангҳои пешинаи «гарм»-и даврони саноатӣ бартарӣ дорад. Тавре ки замоне М. Маклюэн пешгӯйӣ карда буд, қалами маҷалланигорӣ рӯз ба рӯз назар ба шамшер пуриқтидортар гардида, ҷои сарбозон ва танкҳоро ҳар чи бештар ранги матбаавӣ, аксҳо ва воситаҳои электронии коммуникатсияҳо мегиранд [4].

Дар ҳақиқат, имрӯз давлатҳо технологияҳои наве, ки қаблан барои мубориза барои манфиатҳои миллии худ дар арсаи ҷаҳонӣ ба кор бурда намешуданд, мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди намудҳои нави силоҳ методҳои анъанавии мубориза, ба монанди ҷанг, на ҳамеша ҳамаи мушкилотро ҳал мекунанд.

Сабабҳои ин ба таври ниҳоӣ равшан мебошанд: агар ба микёси муосири таслиҳот ва мавҷуд будани силоҳи ҳастаӣ дар аксари мамлакатҳо назар карда шавад, бархӯрдҳои классикии ҷангӣ метавонанд, ба таври одӣ инсониятро нобуд созанд. Аммо аз ин рақобати бозингарони сиёсӣ, иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонии геополитикӣ дар мубориза барои фазо коҳиш наёфта, баръакс, ба эътирофи аксари муаллифон, он пуршиддаттар гардида, бо кӯмаки методҳои навтари серҷанба бурда мешавад.

Яке аз технологияҳои хеле самарабахш дар мубориза бо рақибони геополитикӣ дар асри XXI «инқилобҳои ранга» ба шумор мераванд, ки ба ин ё он режими сиёсии давлат – ҳариф, зимнан, бехунрезӣ ва бо сарфи камтарини қувваҳо ва воситаҳо дар муқоиса бо, масалан, бо дахолати

ҳарбӣ ё ҳатто инҳисори иқтисодӣ, таъсир расонида ё ҳатто онро иваз мекунанд.

Бояд қайд кард, ки «инқилобҳои ранга» аз рӯйи ташкил, технологияи бисёртаркибаи сиёсие, ки як қатор методҳои муосиртарини бурдани мубориза сиёсӣ, ба монанди ҷанги электронӣ бо кӯмаки васоити ахбори оммавӣ, технологҳои сиёсӣ ва ташкилтҳои ғайриҳукуматӣ, пиар – маъракаҳо, flash mob ва бисёри дигарро дар бар мегирад, хеле мураккаб мебошанд. Аммо ба гумон аст, ки ин воситаҳои муборизаи сиёсиро бидуни Интернет, ки, бешубҳа, заминаи фазои муосири киберӣ, пойгоҳи муттаҳидкунанда барои аксарияти технологияҳои нави сиёсӣ ба ҳисоб меравад, барои худ тасаввур кардан мумкин бошад. Пайдо шудани тори умумиҷаҳонӣ на танҳо бурдани маъракаҳои сиёсиро тағйир дод, балки инчунин дар ҳаракатҳои эътирозӣ ва, махсусан, дар «инқилобҳои ранга» мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт.

Дар замони худ ҳамчун яке аз омилҳои муайянкунанда дар пирӯзии «инқилоби ранга» дар Украина истифодаи назар ба ҷонибдорони ҳокимияти амалкунанда самарабахштари имкониятҳои муосири Интернет ва ВАО-и электронӣ гардид. Таҷрибаи Украина нишон дод, ки натиҷаи муборизаи сиёсӣ на танҳо бо таносуби миқдории ҳаҷми пахшкунӣ «барои ҳокимият» ё «барои оппозитсия», балки инчунин бо сифати пахшкунӣ, маҳорати ба даст овардан, ташкил кардани аудитория муайян карда мешавад. Дар ин ҷода нақши назаррасро Интетнет бозидааст. Сарфи назар аз он, ки аудиторияи интернетӣ дар минтақаи Иттиҳоди Аврупо дар он вақт начандон бузург буд (тақрибан 10 – 15%-и ҳамаи аҳолии болиғи Украина) [2, 321], ба ҷомеаи шабакавӣ муяссар гардид ба кори «инқилоби ранга», пеш аз ҳама, ба туфайли фаврияти инъикоси воқеаҳо саҳми муҳим гузорад. Ҳатто зимни мавҷудияти каналҳои оппозитсионии телевизионӣ телевизион қодир нест ҳодисаҳоро чунин мукаммал, ошкоро, фаврӣ, амиқ инъикос кунад, тавре ки инро сомонаҳои мустақили интернетӣ анҷом медиҳанд; нашрияҳои коғазӣ дар ин росто аниқ ба нашрияҳои шабакавӣ бохта, фурсати нишон додани вокунишро ба ҳодисаҳо надоранд.

Интернет имкон дод, ки аксияҳои эътироз дар речаи онлайн, яъне дар гуфтугӯи мустақими ҳамаи иштирокчиён ба нақша гирифта шаванд. Мубодилаи хабарҳо ҷараён гирифта, аъзои ҷомеаи шабакавӣ дар бораи амалҳои муштарак, ба монанди, масалан, баргузории пикет дар назди бинои Шӯрои вазирон ба тавофуқ меомаданд.

Дар маҷмуъ, дар Интернети минтақаи Украина дастгирии «инқилоби ранга» бартарӣ дошт. Онро баъзе ширкатҳо – провайдерҳо, намояндагони соҳибкории телекоммуникатсионӣ низ дастгирӣ намуданд. Операторони алоқаи «Силверком» ва «Визор» ба муштариёни худ канали ройгони дастрасиро ба Интернет, инчунин ба сомонаҳои оппозитсионии иттилоотию таҳлилии «Ҳақиқати Украина» ва «Майдон» пешниҳод намуданд [3, 321-324].

Дар таъмини дастгирии «инқилоби ранга» бо воситаҳои Интернет мутахассисони хориҷӣ низ иштирок карда буданд. Пиар – ширкати маъруфи амрикоии «Rock Creek Creative», ки дар канори шаҳри Вашингтон воқеъ гардидааст, тасдиқ намуд, ки дар вақташ ба оппозитсияи украинӣ дар «таҳияи стратегия, бренд ва сиёсати иттилоотӣ барои сомонаи интернетии «инқилоби ранга» мусоидат кардааст. Портали интернетии иттилоотии «инқилоби норинҷӣ» дар якчанд серверҳои дар мамлакатҳои номбарнашудаи Аврупо ҷойгир карда шуда, тамоми таъминоти барномавӣ (нармафзор) барои портал, тибқи баъзе маълумот, дар Чехия ба қайд гирифта шуда буд. Дар асоси иттилоот аз Интернет нашрияи мустақил низ ташкил карда шуда буд, ки маводи он дар майдон ва минтақаҳо пахн карда мешуданд. Ин «Нашрияи мардумии мустақил» ба аксияи ҷиддии захираҳои иттилоотию сиёсии Интернети украинӣ табдил ёфт.

Дар сомонаҳои оппозитсионӣ варақаҳо, хабарҳо ҷойгир карда шуда, ода-

моне, ки ба Интернет дастрасӣ доштанд, ин иттилоотро чоп карда, дар хиёбон тақсим мекарданд. Ба сифати муқобалаи самарабахш ба сензура мақалланигорони шабакавӣ пахши шабнарӯзиро аз хиёбонҳо ва майдонҳои Украина ташкил намуданд.

Оппозитсия дар Интернет ба туфайли дастгирии молиявии сомонаҳои он ва бино ба ҷонибдории ба мақсадҳои «инқилоби ранга»-и он мақалланигороне (аксаран аз пойтахт), ки сомонаҳои мустақилро таъсис медиҳанд, ба таври назаррас ҳузур дошт. Президент Ющенко маъракаи хеле фаъоли интернетиро мегузаронид. Ӯ ва ситоди вай дорои сомонаҳои муҳим, зуд – зуд навшаванда буданд. Ситодҳои минтақавӣ иттилоотро мустақилона аз тариқи хатҳои худ паҳн мекарданд. Рақибон дар он давра аз ин ҷиҳат заиф буданд [5, 215-217].

Ҳокимият кӯшиш мекард Интернетро «филтр» кунад. Масалан, сомонаи латифаҳо дар бораи сарварони амалкунанда барои Украина «баста шуд». Аммо, ВАО-и шабакавӣ ба чунин гардиши воқеаҳо омода буда, бидуни таъхир ва мушкилот дар минтақаҳои хориҷии шабакавӣ: com, net, org худро ба қайд гирифта, суроғаҳои худро ба байналмилалӣ иваз карда, серверҳо – нусхаҳои «оинавӣ»-ро берун аз Украина ташкил намуданд.

Ҳамин тавр, Интернет ба амалисозии «инқилоби ранга» муносибати бевосита дорад, зеро маҳз он ба яке аз омилҳои муҳимтарин дар вақти воқеаҳои соли 2004 дар Украина мубаддал гардид. Интернет ба рафт ва натиҷаи ҳодисаҳо чунон таъсири сахт расонид, ки ин ба бархе аз муҳаққиқон имкон дод «инқилоби ранга»-ро «инқилоби интернетӣ»-и аввалин ном гиранд [1, 94].

Дар вақти ин ҳодисаҳо тарафдорони «қувваҳои норинҷӣ», воқеан, аз Интернет хеле фаъолона истифода мебурданд, то инҳисори иттилоотиро вайрон карда, хабарҳоро то ҳамаи сокинони Украина расонанд. Гуфтан номумкин аст, ки натиҷаи дохилисиёсии «инқилоби норинҷӣ» комилан ҳаммаъно буд, бо вуҷуди ин, натиҷаи сиёсати хориҷӣ аз мағлубияти бешаки қувваҳои сиёсии тарафдорони Россия иборат буд.

Ҳодисаҳо дар аввали моҳи апрели соли 2009 дар Молдова ба дараҷаи назаррас ба монанди сенарияи умумии «инқилобҳои ранга» инкишоф ёфтанд. Ҳамчун асос барои тазоҳурот норизогии қувваҳои оппозитсионии сиёсӣ бо ҳисобкунии овозҳои интихобкунандагон гардид. Ба хиёбонҳои пойтахт гурӯҳҳои эътирозкунандаи фаъолони сиёсӣ баромаданд. Дар натиҷаи бархӯрдҳо миёни онҳо ва қувваҳои ҳифзи тартибот вазъият қариб пурра аз зери назорат баромад. Чунин ҳисобида мешавад, ки дар ин ҳодисаҳо нақши калонро чунин воситаҳои интернетӣ, ба монанди «Твиттер» (www.twitter.com), блогҳо ва шабакаҳои дигари иҷтимоӣ бозиданд. Маҳз ҳамин барои номидани ин ҳодисаҳо ҳамчун «инқилобҳои твиттер» асос гардид [7].

Бояд қайд кард, ки шабакаҳои иҷтимоӣ дар Интернет интишори васеъро ба даст оварданд. Ҳамин тавр, шабакаи иҷтимоии Facebook зиёда аз 200 млн. ва шабакаи иҷтимоии чинии Qzone – 376 млн истифодабарандагонро дар бар мегирифт.

Дар фазои пасошӯравӣ шабакаҳои иҷтимоӣ низ аз маъруфияти зиёд бархӯрдор буда, захираҳои интернетии аз ҳама бештар истифодашаванда «Одноклассники» ва «В контакте» ба шумор меравад. Ҷолибияти шабакаҳои иҷтимоӣ бо он алоқаманд аст, ки онҳо ба истифодабарандагон канали маҷмуии коммуникатсияро пешниҳод мекунанд, ки дар шакли дастрас ва содакардашуда маҷмуи калони хизматрасониҳоро барои худизҳоркунӣ ва мавқеъгирӣ дар фазои иҷтимоӣ таъмин менамоянд.

Шабакаи иҷтимоии насли нав «Твиттер» ба истифодабарандагон имконияти навсозии иттилоотро дар саҳифаи шахсии худ аз тариқи телефони мобилӣ пешниҳод менамояд. Андозаи матни гузошташанда бо 140 рамз маҳдуд карда шудааст, лекин ҳамин қофӣ буд, то ки дар маркази пойтахти Молдова анбуҳи калон ва таҷовузгарӣ оммаи мардум ҷамъ карда шавад.

Ҳамзамон, бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки, гарчанд Интернет бо аудиторияи маҳдуд кор мекунад, аммо дар аксари мавридҳо ин маҳз ҳамон аҳолии фаъоле ба ҳисоб меравад, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад. Ва инқилобҳоро, тавре маълум аст, на аксарият, балки ақаллият анҷом медиҳад.

Ҳамаи ин омилҳо маҳз ба амсилаи коммуникатсияҳои интернетӣ такя мекунанд, ки инро мо метавонем ҳамчун варианти сиёсати интернетӣ ишора кунем. Ҳадди ақал, дар ин ҷо на танҳо назорати камтар аз ҷониби ҳокимият, балки инчунин зудҳаракатии калон дар тавлиди ғояҳои нав мавҷуд аст.

Интернет тасаввури дохилшавии одамро ба доираи гурӯҳи одамони ба худ монанд, ки манфиатҳояшон монанд мебошанд, эҷод мекунад. Шаклҳои нави иртибот, ки Интернет яке аз онҳо ба шумор меравад, имкониятҳои навро барои ба роҳ мондани маъраваҳои сиёсӣ, вариантҳои нави бурдани чорабиниҳои иттилоотӣ фароҳам меорад.

Интернет дорои ғояҳо, маводи асосии сафарбаркунии радикалӣ мебошад. Ғояҳо ба осонӣ аз тариқи марзҳо гузашта, тавре мегӯянд, «ғояҳо ба замон ва насл бештар, назар ба ягон мамлакат тааллуқ доранд». Дар ҳар ҳолат, объекти маҷозиро назар ба объекти моддӣ (филтрҳо камтаранд) осонтар интиқол дода, дар муҳити нав ҷорӣ кардан мумкин аст. Инчунин варианти телефонҳои мобилӣ истифода мешаванд.

Дар вақти «инқилоби ранга» дар Украина бо кумаки паёмакҳо, ки ба телефонҳои мобилӣ фиристода мешуданд, одамон ба гирдиҳамоӣ барои дастгирии номзад ба президентӣ ҷамъ меомаданд. «Канали панҷум»-и оппозитсионӣ дар давраи «инқилоби норинҷӣ» дар Киев хабарҳои худро тавассути телефони мобилӣ бо рақами ягонаи 625 барои ҳар гуна шабакаи оператори алоқаи мобилӣ паҳн мекард. Ҳамаи чунин ва, шояд, воситаҳоиояндаи коммуникатсия дорои хусусиятҳои умумии навъи зерин: оммавияти афзоянда; методҳои аз кор мондаи куҳнаи назорат; фарогирии аҳолии фаъолтарин буданд [5, 17].

Ин хусусиятҳои хеле муфид барои интиқоли хабарҳои сиёсӣ ба шумор меравaнд. Интернет паёмадҳои мутамарказонӣ ва ғайримутамарказониро дошта метавонад. Он метавонад бо дигарон муттаҳид созад ва метавонад аз ҳам ҷудо карда, дар ҷомеа ҳавзаҳои алоҳидаро таъсис диҳад.

Низомҳои маҷозӣ аз дидгоҳи ивазкуниҳои иҷтимоӣ ба ворид кардани объектҳои манфии маҷозӣ, масалан, бо кумаки айбдоркунии ҳокимият дар ин ё он каҷравиҳо аз меъёр муносибтар мебошанд. Барои мисол, объекти (хабари) манфии маҷозӣ ба объекти воқеӣ, масалан, ба яке аз сарварони мамлакат нисбат дода мешавад. Дар натиҷа, айбдоркунии маҷозӣ ба айбдоркунии воқеӣ, пешбаранда, шояд, ба ивазкунии низоми иҷтимоӣ табдил меёбад [5, 393-395]. Интишори шабакаии иттилоот, ки ба Интернет хос аст, барои сабти чунин навъи «номатлубӣ» барои қудрат муҳити идеалӣ ба ҳисоб меравад.

Майдони амал аз ин нуқтаи назар аз қитъаҳои фазои воқеияте ташкил меёбад, ки бо қитъаҳои фазои маҷозӣ бадал мешаванд. Дар ин зимн ҳам барои оппозистия, ҳам барои қудрат ҳеҷ мумкин нест аз майдони сирф воқеӣ даст кашанд, зеро дар ин сурат имконият ҳам барои сафедкунӣ, ҳам барои ваъдакунӣ, ки ҳангоми бунёди тарҳҳои муайяни маҷозӣ самарабахштар мебошанд, аз байн меравад. Ба ин монанд майдони аксуламал бунёд карда мешавад, ки дар он нақши фазои маҷозӣ на камтар қавӣ боқӣ мемонад.

Интернет бо маводи маҷозии мутталамкунанда, ки танҳо ҷузъан ҳақиқат, назар ба он ки хусусияти дахлдори хосси коммуникатсияҳои интернетӣ муқаррар мекунад, қабул карда мешавад, пур мебошад.

Ба назари мо, бозингари қавии сиёсӣ ҳам дар фазои воқеият, ҳам дар фазои маҷозӣ як хел кор карда, ба рақиб имкон намедиҳад, ки ташаббусро аз ӯ кашида гирад.

Аксари муҳаққиқони муосир қайд

мекунанд, ки методҳои нави интиқоли иттилоот имкониятҳои ҳар чи бештарро барои дасткории шуур фароҳам меоранд. Дар ҷомеа шумораи одамоне, ки бо равандҳои коркард ва тавлиди иттилоот машғуланд, зиёд мешавад. Азбаски методҳои пешниҳоди иттилоот дар робита ба пайдоиши Интернет тағйир ёфтаанд, баъзе барномаҳои дарозмуддатро мувофиқи имкониятҳои компютер ташаккул додан мумкин аст.

Дар бораи баъзе воқеиятҳои тори муосири умумиҷаҳонӣ ҳарф зада, бояд қайд кард, ки назорат аз болои Интернет воқеан ба як давлат – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тааллуқ дорад. Идоракунии номҳои доменӣ аз ҷониби ташкилоти амрикоии ғайритиҷоратӣ зери номи «Корпоратсия оид ба аз худ намудани номҳо ва рақамҳои доменӣ (Internet Corporation for Assigned Names and Numbers) амалӣ карда мешавад. Фарзан ИМА дар ҳар лаҳза метавонад номи домении ҳар гуна мамлакатро «хомӯш карда», истифодаи хизматрасониҳои Интернетро дар ин мамлакат имконнопазир гардонад. Ҳамин тавр, масалан, дар вақти ҷанг дар Ироқ давлати амрикоӣ на якчанд бор фаъолияти васеъшавии «.ik»-ро, ки ба Ироқ тааллуқ дорад, қатъ кард.

Дар муноқишаи Гурҷистон ва Россия дар Гурҷистон қисми русзабони Интернет баста шуд, ки ин дар ҷанги дар он вақт ба роҳ мондашуда бар зидди Россия фишанги муассир ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки дар ҳоли ҳозир Интернет ба таври маҳдуд озод мебошад.

Вазъияти бавуҷудомада ба аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон маъқул намебошад. Соли 2010 Россия номҳои домениро дар асоси сириллик ҷорӣ мекунад. Дар навбати худ, Фаронса якчанд маротиба барои интиқол додани идоракунии Интернет ба ташкилоти байналмилалӣ бароmad карда, қайд намудааст, ки номи миллии доменӣ қисми таркибии соҳибистиқлолии мамлакат ба шумор меравад. Ин масъала якчанд маротиба дар ассамблеяҳои СММ низ гузошта шудааст, аммо ҳалли он суст сурат гирифта истодааст.

Ба ақидаи мо, тамоюлҳои муосири рушди геополитикаро бидуни назардошти рушди шабакаи ҷаҳонии Интернет мукаммал ҳисобидан номумкин аст. Паёмадҳои геополитикии «инқилобҳои ранга», пеш аз ҳама, бо он алоқаманданд, ки онҳо аз таваҷҷуҳи калон на танҳо ва на он қадар барои сокинони Украина ва Молдова, чи қадар барои мақсадҳои геополитикии созмонҳои байналмилалӣ (аз ҷумла, НАТО) бархӯрдор мебошанд.

Интернет чунон воқеияти геополитикие маҳсуб меёбад, тавре ки релефи маҳал ё мавҷудияти баромад ба укёнуси ҷаҳонӣ мебошанд. Миқдори истифодабарандагони Интернет ва назорат аз болои трафики интернетӣ дар шароити мусоир омили муҳимтарини геополитикие ба шумор меравад, ки шояд дорои таъсири бештар, назар ба ВАО-и анъанавие бошад, ки эътимод ба онҳо дар режимҳои бадалшаванда дар сатҳи на он қадар баланд қарор дорад.

«Инқилоби Твиттер», ки дар аввали моҳи апрели соли 2009 дар Молдова ба вуқуъ пайваст, нишон дод, ки иқтидори амалии ин технологияи сиёсӣ ҳанӯз пурра сарф нашудааст. Шояд, натиҷаи асоситарини геополитикии ин инқилоби ноком аз он иборат аст, ки он қувваи ташкилкунанда ва сафарбаркунандаи технологияҳои нави иттилоотиро нишон дод.

«Инқилоби Твиттер» дар Молдова боиси бекор кардани натиҷаҳои интихобот ва ивазкунии ҳизби амалкуннадаи сиёсӣ нагардид, аммо, ба ин нигоҳ накарда, он пояҳои давлатиро ба таври ҷиддӣ ба ларза даровarда, тахминҳои муҳаққиқонро дар бораи нақши афзояндаи Интернет дар маъракаҳои сиёсӣ ва геополитикӣ тасдиқ намуд [6].

Бо пайдо шудани Интернет ба сари аҳолӣ ҳаҷми бузурги иттилоот, аз ҷумла тобиши сиёсӣ ва ҳатто ифротидошта фурӯ мерезад. Ва тавре ки ҳодисаҳои Молдова нишон медиҳад, мардум аксар вақт қодир нест, ки ин иттилоотро ба таври муносиб арзёбӣ кунад. Ин махсусан ба ҷавонони дорои психикаи таҳким-

наёфта ва фарҳанги заифи сиёсӣ дахл дорад, ки ба осонӣ зери таъсир, аз ҷумла тавассути Интернет, қарор мегиранд, ва дар аксари ҳолатҳо бо надонистани он, ки онҳо ин ё он аксияҳои сиёсиро содир карда истодаанд, ба сайди сабуки дасткорон табдил меёбанд.

Дар ин росто бояд воқеаҳои фоҷеавиро дар Қирғизистон, ки моҳи апрели соли 2010 ба вуқуъ пайвастанд, зикр кард, ки онро аксари таҳлилгарон ҳамчун «инқилоби лолаҳо-2» номгузорӣ кардаанд. Бешубҳа, ин як навъ сояи (проексияи) ҳодисаҳои «инқилоби лолаҳо»-и панҷ соли пеш ба шумор меравад, ки ба сари қудрат режими К. Боқиевро оварда, барои ивазкунии зиддиконститутсиони қудрат дар мамлакат собиқаи заминавиро ба вуҷуд оварда буд [4].

Ин вазъият чунин далелро тасдиқ мекунад, ки «инқилобҳои ранга» аксар вақт қодир нестанд, ба сари қудрат режими дар ҳақиқат демократӣ, коршоямро биёранд, балки онҳо бештар ба тақвият ёфтани вазъи бесуботӣ ва қутбишавии мамлакат мусоидат мекунанд.

Ниҳоят, бартарияти баҳснопазири Интернет дар назди ВАО-и анъанавӣ дар ташкил ва гузаронидани «инқилобҳои ранга» аз он иборат аст, ки Интернет на танҳо маҷмуи беохири иттилоот, балки инчунин иттилооти батафсилеро пешниҳод мекунад, ки ин дар мавриди рӯзнома ё телевизион вуҷуд надорад. Хабари интернетӣ дар қиёс бо хабари телевизионӣ ё рӯзномавӣ ба зер қодир аст: он аз нуктаи назари истифодабарандаи иттилоот бештар ниҳонӣ буда, фарогирии аудиторияи калонтар буда, иттилоотро бо роҳи ҷустуҷӯ дарёфт кардан мумкин аст, ки ин дар телевизион вуҷуд надошта, дар мавриди манбаъҳои чопӣ он мушкил буда, он аз ҷониби ҳокимият мавриди назорати камтар қарор дорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Ятимов С.С. Равоншиносӣ ва амнияти ҷамъиятӣ (Дар доираи шуури муқаррарӣ). Манбаъи электронӣ:http://javonon.tj/news/ politics/ ravonshinos-va-amniyati-amiyat-dar-doirai-shuuri-mu-arrar-/Санаи муроҷиат:10.10.2022.
2. Быков И.А. Геополитические последствия «революции твиттера» в Молдавии // Проблемы глобальной политики и безопасности в современной России: Материалы между-народ. науч. конф. – СПб.: Балт. гос. техн. ун-т, 2009. – С. 94.
3. Гарр Т.Р. Почему люди бунтуют. – М., СПб., 2005.
4. Маклюэн Г.М. Понимание Медиа. Внешнее расширение человека/ Пер с англ. В.Николаева; Закл. ст. М. Вавилова, 2-е изд. – М.: «Гиперборея», «Кучково поле», 2007. – 464 с. (Приложение к серии «Публикация Центра Фундаментальной Социологии»). ISBN 978-5-91679-58-6.
5. Независимая газета, 2010, 15 апреля.
6. Почепцов Г. Революция com. Основы протестной инженерии. – М., 2005.
7. Яковина И. Твиттерная революция // Lenta.ru [Электронный ресурс]. URL: http://lenta.ru/artic-les/2011/01/27/twrewolt.
8. Morozov E. Moldova’s Twitter Revolution // The New Foreign Policy. – 2009. C.7April.URL:http://neteffect.foreignpolicy.com/posts/2009/04/07/moldovas_twitt
9. Консепсияи сиёсати давлатии иттлоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008.
10. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳо ба суботи сиёсии ҷомеа ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо//Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: Маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 05.12. 2019). – Душанбе: ДМТ, 2019. – 411 с.
11. Сафаров Б.Р. Технологияҳои сиёсӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити дигаргуниҳои ҷаҳони муосир (таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) Дис… барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.с. – Душанбе, 2022. – 164 с.

# ОСОБЕННОСТИ ОБНАРУЖЕНИЯ И ФИКСАЦИИ ЭЛЕКТРОННО-ЦИФРОВЫХ СЛЕДОВ, СОДЕРЖАЩИХСЯ НА РЕСУРСАХ СЕТИ ИНТЕРНЕТ

# ХУСУСИЯТҲОИ ОШКОР ВА САБТИ ИЗҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ-РАҚАМӢ, КИ ДАР ЗАХИРАҲОИ ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ МАВҶУДАНД

# FEATURES OF DETECTION AND FIXATION OF ELECTRONIC DIGITAL TRACES CONTAINED ON INTERNET RESOURCES

**Салимов Б.А.**
**Salimov B.A.**

*Заместитель начальника кафедры Высшей школы ГКНБ Республики Тадикистан, соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, подполковник юстиции.*

*Муовини сардори кафедраи Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, подполковники адлия.*

*Deputy head of the department of the Higher school of the State committee for National Security of the Republic of Tajikistan, applicant for the department of criminalistics and forensic activities of the faculty of law of the Tajik National University, lieutenant colonel of justice.*

*Научная специальность:* 12.00.12 – криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

*Scientific specialty:* 12.00.12 – criminalistics; forensic activities; operational investigative activities.

*Рецензент:* Назаров А. – заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук.

*Тақриздиҳанда:* Назаров А. – мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ.

*Reviewer:* Nazarov A. - head of the department of criminalistics and forensic activities of the faculty of law of the Tajik national University, doctor of law.

**Аннотация:** Статья посвящена актуальным вопросам обнаружения и фиксации доказательственной электронно-цифровой информации, содержащейся на ресурсах сети Интернет. Рассмотрены особенности производства отдельных следственных действий, посредством которых осуществляется собирание, проверка и оценка электронных доказательств.

**Ключевые слова:** электронно-цифровая информация, компьютерная сеть, Интернет, интернет-переписка, интернет-сервис, электронные носители информации, фиксация, доказательство, дистанционный осмотр, дистанционный обыск.

**Аннотатсия:** Мақола ба масъалаҳои мубрами ошкор ва сабти иттилооти исботкунандаи электронӣ-рақамӣ, ки дар захираҳои шабакаи Интернет мавҷуданд, бахшида шудааст. Хусусиятҳои гузаронидани харакатҳои алоҳидаи тафтишотӣ, ки тавассути

онҳо далелҳои электронӣ ҷамъоварӣ, тафтиш ва арзёбӣ мегарданд, мавриди баррасӣ карор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо:** иттилооти электронӣ-рақамӣ, шабакаи компютерӣ, Интернет, мукотибаи интернетӣ, хидмати интернетӣ, ҳомилҳои электронии иттилоот, сабт, далелҳо, азназаргузаронии фосилавӣ, кофтукови фосилавӣ.

**Annotation:** The article is devoted to topical issues of detection and fixation of evidentiary electronic digital information contained on the resources of the Internet. The features of the production of individual investigative actions, through which the collection, verification and evaluation of electronic evidence is carried out, are considered.

**Key words:** electronic digital information, computer network, Internet, Internet correspondence, Internet service, electronic storage media, fixation, evidence, remote inspection, remote search.

Использование возможностей сети Интернет в современном обществе, помимо позитивных результатов, приводит также к расширению источников социальной опасности, в том числе связанных с криминалом. Неуклонно растет число преступлений, совершаемых с использованием глобальной сети Интернет. В связи с чем, как справедливо отмечает А.А. Балашова, «значительный массив доказательственной электронно-цифровой информации содержится на внешних информационных ресурсах, доступ к которым осуществляется посредством сети Интернет» [1, 105] .

Заминаи мазкур ҳамчун ҷанбаи осебпазир дар олами ислом таваҷҷуҳи кишварҳои Ғарбро ба худ ҷалб намуд ва минбаъд дар шакли як идеологияи ихтилофангез барои роҳандозӣ намудани тарҳҳои мухталиф дар Шарқ пазируфта шуд. Бунёдгузори ин идеология яке аз дастпарварони макотиби исломшиносии Ғарб Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб буда, худи идеология низ дар марказҳои исломшиносии Ғарб шакл гирифтааст [6, 130-134].

Ҳамин тавр, коргардонҳои бозиҳои геосиёсӣ шуруъ аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ба раванди сиёсисозии ислом вусъат бахшида, дар заминаи идеологияҳои ихтилофангез ташкилотҳои мухталифи террористию экстремистӣ созмон ёфтанд. Аз ҷумла, соли 1928 дар пояи идеологияи салафиҳо ташкилоти экстремистию террористии «Ихвон-ул-муслимин» аз ҷониби Ҳасан ал-Банно дар ибтидо ҳамчун созмони динӣ-ибодатӣ дар Миср таъсис дода шуд [12, 70]. Баъдан соли 1938 барномаи он пурра хусусияти сиёсӣ гирифта, тадриҷан идеологияи тундрави худро ба Ховари Миёна ва дигар кишварҳои ҷаҳон паҳн намудааст. Соли 1952 ТЭТ «Ҳизб-ут-таҳрир» дар асоси идеяи ихвониҳо аз ҷониби Тақиюддини Набаҳонӣ дар Фаластин таъсис ёфтааст [5, 202]. Минбаъд бар мабнои идеологияи ҳамин созмонҳо, ки аллакай дар ислом заминаи ихтилофотро ташкил карда буданд, як қатор ташкилотҳои байналмилалии террористию экстремистӣ, ба монанди «ал-Қоида» (1988), «Ҳаракати Толибон» (1994), «Давлати исломӣ» (2014), ТЭТ «Ҳизби наҳзати ислом» (солҳои 70-уми асри гузашта), Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (соли 1996), «Ҷамоати Ансоруллоҳ» (охирҳои соли 2006 ва аввалҳои соли 2007) ва дигарҳо созмон ёфта, зери дастури хоҷагони худ то ҳол ба содир намудани амалҳои мудҳишу даҳшатбори террористӣ машғул мебошанд.

Боиси таассуф аст, ки баъди хуруҷи неруҳҳои Амрико ва ҳампаймонони ӯ, моҳи августи соли 2021 ташкилоти байналмилалии террористии «Ҳаракати Толибон» дубора қудрати сиёсиро дар Афғонистон ба даст оварда, кӯшиши дар шакли «Аморати Исломии Афғонистон» дар арсаи байналмилалӣ ба расмият шинохта шуданро дорад. Ин падидаи нав

дар раванди сиёсисозии ислом буда, шаҳодат аз оғоз шудани марҳилаи расмишавии терроризми муосир медиҳад.

Ходими илмии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия Қурбонов Р.В. иброз медорад, ки «терроризм ҳамчун таҳдид ба таври объективӣ ба вуҷуд намеоянд, баръакс, онро бо мақсади идора намудани минтақаҳои мураккаб (аз нуқтаи назари Ғарбиҳо), аз байн бурдани низомҳои сиёсии номақбул (барои рақибони ин низомҳо), коҳиш додани имконияти рушду инкишофи онҳо ва ниҳоятан, барои амалӣ намудани рақобати геополитикӣ аз ҷониби субъектҳои мушаххас ба вуҷуд оварда мешаванд» [2, 75].

**Вазъи номусоиди иқтисодӣ** низ боиси пайдоиши терроризм мегардад. Аслан он дар ҳолатҳои сатҳи пасти таъминоти моддии шаҳрвандон, ба меҳнату фаъолият ва шуғли муайян фаро гирифта нашудани қисмати зиёди аҳолӣ, яъне сатҳи баланди бекорӣ, болоравии сатҳи камбизоатӣ, аз лиҳози иқтисодӣ ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ, равандҳои таваррум (беқурбшавии асъори миллӣ), мавҷудияти мушкилоти зиёди ҳалношудаи иқтисодӣ, вайрон гардидани сохтори иқтисодии кишвар, монополияи иқтисодиёт, ҷиноятикунонии иқтисодиёт, густариши фасод, бухронҳои шадиди иқтисодӣ зоҳир гардида, ба пайдоиш ва инкишофи терроризм мусоидат менамояд. Аз ҷумла, бухрони иқтисодӣ манфиати табақаи миёнаи аҳолиро поймол менамояд, ки метавонад ноустувории сиёсиро дар шакли корпартоиҳо, пикетҳо ва ғайра ба вуҷуд орад. Бекорӣ ҷавононро ба гурӯҳҳои гуногун муттаҳид месозад, миқдори зиёди вақти озод ба он оварда мерасонад, ки ширкат дар корҳои гурӯҳ (фаъолияти террористӣ) шакли асосии фаъолияти онҳо мегардад.

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи зуҳуроти хатарзои зиддинсонӣ муайян карда шуд, ки дар баробари сабабҳои зикршуда, омилҳои зерин низ барои пайдоиш, паҳншавӣ ва инкишофи терроризми муосир замина мегузоранд:

1. **Дастрасӣ пайдо кардани ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба технологияи муосири иттилоотӣ**, яъне дар тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротиву террористӣ, даъват ва ҷалби шаҳрвандон ба саффи ин ташкилотҳо, омода намудани амалҳои террористӣ, инчунин маблағгузории онҳо васеъ истифода гардидани шабакаҳои интернетӣ мебошад.

Ин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид буд, чунин қайд кардаанд: «Яке аз омилҳои густариши экстремизм ва терроризм истифодаи васеи технологияи муосири иттилоотӣ, махсусан сомонаҳои интернетӣ аз тарафи ташкилотҳои террористӣ бо мақсади таблиғоти ифротгароӣ, ҷалби аъзои нав ба саффи худ, омода ва ҳавасманд намудани онҳо ба амалҳои харобиовар мебошад» [**11**].

Дар олами ВАО Интернет яке аз аситарин ва умумитарин воситаи дарёфти ахбор ва мавод ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, сайтҳои роҳнамо, ки аксаран сарчашмаҳои ташвиқ намудани маводи террористию экстремистӣ маҳсуб мешаванд, тадриҷан зиёд гардида истодаанд. Акнун ҷомеаи иттилоотӣ ба тӯдаи таҳдидҳои шадиди иттилоотӣ аз тарафи экстремистон ва террористон рӯ ба рӯ шудааст. Айни ҳол барои ин шабакаҳо ва хизматгузориҳои «В Контакте», «Одноклассники», «YouTube», «Facebook», «Instagram», «Livejoumal», «RuTube», «Foursguare», «Twitter» ба кор бурда мешавад. Имрӯз шумораи зиёди шабакаҳо ва барномаҳои мухталифи интернетӣ мавриди истифодаи террористону созмонҳои террористӣ қарор дорад. Онҳо метавонанд дар як лаҳза бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ иттилооти мухталифи хусусияти экстремистию террористидоштаро паҳн намоянд. Масалан, қаблан мубаллиғони ташкилотҳои террористию экстремистӣ бо одамон рӯ ба рӯ истода

таблиғот мебурданд. Ҳоло бошад, онҳо метавонанд бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ, дар фурсати ниҳоят кӯтоҳ шумораи зиёди одамонро ба таблиғот фаро гиранд.

2. **Қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовару силоҳу аслиҳа омили асосии пайдоиш ва густариши терроризм дар замони муосир маҳсуб меёбанд.** Омили мазкур яке аз сарчашмаҳои маблағгузории терроризм ва таъминоти молиявии ташкилотҳои террористӣ мебошад. Дар ин бора, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Конфронси сатҳи баланд дар мавзуи «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил» (17.05.2019) махсус қайд карда буданд, ки «маблағҳои аз муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар бадастовардашуда яке аз сарчашмаҳои асосии таъмини молиявии терроризм мебошанд» **[12]**.

3. **Бинобар қудрати сиёсиро дар Афғонистон ба даст овардани ташкилоти байналмилалии террористии «Ҳаракати Толибон» оғози шудани марҳилаи расмишавии терроризми муосир мебошад.** Ин падидаи нав дар арсаи байналмилалӣ буда, метавонад дар оянда боиси фаъол шудани дигар ташкилотҳои экстремистию террористӣ, махсусан созмонҳои дар қаламрави Афғонистон фаъолиятдошта ва халқҳои хуфтаи онҳо дар кишварҳои ҳаммарз (минтақа), инчунин ашхоси алоҳидаи хурофотпарасту таассубгаро гардад. Дар баробари ин, эҳтимоли интиқоли ғояҳои тундгароёнаи ифротӣ ва фарҳанги иртиҷоӣ (ба мисли пӯшидани либосҳои ғайримиллӣ, гузоштани ришу мӯйҳои бетартиб ва дигар амалҳои тақлидии ғайрианъанавӣ) ба кишварҳои минтақа дар назар дошта шудааст.

4. **Таълимоти ғайриқонунии динӣ, ки сарчашмаи таблиғкунандаи идеологияи ифротӣ ва қадами нахустин ба ҷониби ҳалқаҳои ибтидоии террористӣ маҳсуб меёбад.** Раванди ба таълимоти ғайриқонунии динӣ фаро гирифта шудани наврасону ҷавонон ҳамчун ангезаи таҳрикдиҳандаи болоравии сатҳи таассубу хурофот, бунёдгароии динӣ ва моилсозии ҷавонон барои гаравиш ба гурӯҳу созмонҳои экстремистию террористӣ арзёбӣ мегардад. Танҳо дар давоми солҳои 2019-2021 аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон 1833 ҳолати таълими ғайриқонунии динии ҷавонону наврасон ошкор ва пешгирӣ карда шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки бештари нафарони ба таълими ғайриқонунии динӣ машғулбуда, пойбанди равияву ақидаҳои бегона ва хурофот буда, ба мағзшӯӣ ва мафкурасозии наврасону ҷавонон машғул мебошанд. Аз ин лиҳоз, яке аз омилҳои пайдошавии зуҳуроти номатлуби терроризм маҳз таълими ғайриқонунии динӣ мебошад [9].

5. **Таҳсили ғайрирасмии наврасону ҷавонон дар муассисаҳои динӣ.** Масалан, ҳоло дар Покистон қариб 50 000 мактабу мадрасаҳо фаъолият доранд, ки дар пойгоҳҳои бархе аз онҳо наврасону ҷавонон зери пӯшиши таълими динӣ ба таълимоти ҳарбӣ, экстремистӣ ва террористӣ машғул мебошанд [9].

6. **Дониши нокифояи динӣ ва дунявӣ,** ки боиси фирефтаи мубаллиғони тундгарои ифротӣ ва террористӣ шудани ҷавонон мегардад.

7. **Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Дар бештари ҳолатҳо муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити кишварҳои хориҷӣ ҳангоми ба мушкилӣ дучор шудан, зери таъсири идеологии мубаллиғони бунёдгарои динӣ қарор мегиранд. Махсусан, мушкилоти иқтисодӣ ва холигии маънавию равонӣ боиси ба осонӣ гаравидани муҳоҷирон ба ташкилотҳои экстремистию террористӣ мегарданд. Аксари онҳо гаравиш ба гурӯҳу созмонҳои экстремистию террористиро роҳ ва василаи ягонаи раҳоӣ аз мушкилот мефаҳманд.

8. Таъсири маънавию ахлоқии оила ва муҳити истиқомат, ки аксар вақт боиси болоравии ҳувияти динии наврасон ва минбаъд шомилшавии онҳо ба ташкилотҳои

экстремистию террористӣ мегардад.

**9. Ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди шадиди тамаддунҳо.** Дар раванди бархӯрд ва омезиши тамаддунҳо ихтилофҳои гуногуни фарҳангию динӣ ба вуҷуд омада, ба пайдоиш ва инкишофи терроризм мусоидат намуда истодаанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи сабабҳои пайдоиш ва омилҳои инкишофи терроризм дар набарди муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб нақши меҳварӣ ва калидӣ дорад. Зеро танҳо дар натиҷаи омӯзиш мо метавонем заминаҳои пайдоиш, хусусият ва ҷиҳатҳои осебпазири зуҳуротро амиқ муайян намуда, тадбирҳои мақсаднок ва нишонрас бобати ошкору пешгирии он роҳандозӣ намоем.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Ализода Б.П., Абдухолиқов А.М., Искандаров Қ.И., Ниёзов А.С., Нуриддинов Ҳ. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон. – Душанбе: ҶДММ Шуҷоиён, 2010. – 225 с.
2. Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): диссертатсияи номзади илмҳои сиёсӣ. – Бохтар, 2022. – 70-89 с.
3. Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ – сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 110 с.
4. Муллоҷонов П. Сафаров С. Муқаддимаи низоъшиносӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2006. – 259, 262 с.
5. Назиров Д. Проблема терроризма, религиозного экстремизма и пути их преодоления. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – 14-15 с.
6. Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он. – Душанбе, 2018. – 148 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 15.04.2009.
8. Раҳимзода Р.Ҳ. Афғонистон: воқеият ва таҳлилҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 199 с.
9. Рӯзномаи «Садои мардум», №126 (4388), 07.10.2021.
10. Рӯзномаи «Паёми Душанбе» (08.08.2019), мақолаи «Сабабҳои ба вуҷуд омадани хатари террористӣ ва роҳу пешгирии он», Исматуллоева А.
11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфаронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез». – Душанбе, 2018.
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси сатҳи баланд дар мавзуи «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил». – Душанбе, 17.05.2019.
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба «Рӯзи дониш». – Душанбе, 01.09.2019.
14. Ҳафиззода Ш.Х., Юсуфзода А.Ҳ. Асосҳои умумии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ-амалӣ. – Душанбе, РТМТ ва Н-и ВКД, 2020. – 70 с.
15. Ҷӯразода Ҷ.Ҳ. Роҳу усулҳои пешгирӣ ва муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез (маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 250 - 251 с.
16. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 191 с.
17. Щербаков Л.В. Женская насильственная престкпность в современной России: криминологические проблемы: Автореф. дис. д-ра. юрид. наук. – Москва, 2008. – 12 с.

# ОЛАМИ ДУНЯВӢ, ҲОФИЗАИ ТАЪРИХӢ ВА ФАЛСАФАИ ВУҶУДИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

# СВЕТСКОЕ МИРОВОЗЗРЕНИЕ, ИСТОРИЧЕСКАЯ ПАМЯТЬ И ЭКЗИСТЕНЦИАЛЬНАЯ ФИЛОСОФИЯ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

# THE SECULAR OUTLOOK HISTORICAL MEMORY AND EXISTENTIAL PHILOSOPHY OF TAJIK S NATION

**Назаров У.Қ.**
**Nazarov U.Q.**

*Унвонҷӯйи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

*Соискатель Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистан.*

*Researcher of Institute of studying problems of Asia and Europe of the National Academy of sciences of Tajikistan.*

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур инъикоси баъзе паҳлӯҳои ҳувияти дунявӣ ва ҳофизаи таърихии миллати тоҷик ҳамчун халқи тамаддунофар, тарранумгар ва пиёдасози арзишҳои дунёмадорӣ, шахсиятсозӣ, давлатмеҳварӣ, ҳунарварзӣ, инсонпарварӣ, арҷгузорӣ ба кору пайкор, авлавияти илму пажӯҳиш, дорандаи рӯҳияи солим ва иродаи қавии шикастнопазир дар муқобили мушкилоти рӯзгор ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Мақола тобиши равшаннамоӣ ва маорифапарварӣ дошта, ба хонанда паёмеро медиҳад, ки ҳувияти тоҷикон амалгаро ва башиддат хилофи ақидаҳои ҷазмбоварона (догматикӣ) буда, дар набардҳои шадиди таърихии хатарзо забон, фарҳанг, таърих ва анъанаҳои миллиро ҳифз намудааст.

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-адабӣ муаллиф ба хулосаи мантиқие расидааст, ки аз бомдоди таърих тоҷикон бо давлатсозӣ ва миллатсозӣ машҳури замон ва вирди забони ҷаҳониён гаштаанд ва бо бо ҳунари нодири шаҳрдорӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр, Шарқи Наздик ва Ҳиндустон ҳарфи аввалу охирро мезаданд.

Муаллиф муътақид аст, ки таърихи 5 ҳазорсола, анаъанаи ҷашни ободкори наврӯзӣ ва адабиёти зиёда аз 1000 солаи форсу тоҷик паёми равшан ва босароҳатро ба муштоқон медиҳад, ки танҳо бо такя ба ибораву рафтори сарнавиштсози «дониш андар дил чароғи равшан аст», «ҷаҳонро тавон бо хирад ёфтан», «ақлу хирад бас аст сипоҳу сипар маро» ва «гавҳари қимат зи гавҳарҳо дар олам одам аст» ва ба инобат гирифтани онҳо метавон ояндаи ҳаёти инсон ва ҷомеаро сохт.

Дар фарҷоми мақола барои тақвияти иқтидор ва зеҳнияти ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҷиҳати рақобатпазир будан дар муқобили таҳдиду хатарҳои нави амниятӣ пешниҳодҳои амалӣ манзур гаштааст.

**Калидвожаҳо**: миллат, давлат, дунявият, ҳувият, ҳофизаи таърихӣ, адабиёт, ҷазмбоварӣ, фалсафаи вуҷудӣ, хирад, ақлгароӣ.

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются некоторые аспекты светской идентичности и исторической памяти таджикского народа как воплотителя светских ценностей, идеи государственности, создателя искусства, гуманизма и трудолюбия. В

мировоззрении таджиков особый акцент направлен на анализу такие черты, как изучение науки, обладание здоровым духом и несгибаемой волей перед лицом житейских неурядиц.

Статья носит просветительско-познавательный характер и сообщает читателю, что самобытность таджиков противоречит догматическим представлениям. Язык, культура, история и национальные традиции народа в силу национальных черт характера, на протяжении истории защищены в ожесточенных битвах.

На основе изучения научной и художественной литературы автор пришел к логичному выводу, что таджики с незапамятных времен прославились ведением государственного строительства, а уникальные навыки в градостроительстве Хорасана, Мавераннахр на Ближнем Востоке и Индии позволили таджикам распространять знания по всему региону.

Автор считает, что 5-тысячелетняя история, традиции празднования Навруза и более чем 1000-летняя таджикско-персидская литература дает приверженцам позитивный посыл о том, что только опираясь на постулаты «знание — яркий свет в сердце», «мир можно покорить только мудростью», «человек — самая драгоценная субстанция в мире» можно сформировать будущую жизнь человека и общества.

В заключении статьи в целях привития навыков конкурентоспособности перед лицом новых вызовов и угроз приведены практические предложения по укреплению интеллектуального потенциала граждан Таджикистана.

**Ключевые слова**: нация, государство, секуляризм, идентичность, историческая память, литература, догматизм, экзистенциальная философия, мудрость и рациональность.

**Annotation:** In this article, some aspects of the secular identity and the historical memory of the Tajik nation as a civilized nation, the creator and the embodiment of the values of secularism, personalization, state-oriented, arts, humanitarianism, dedication to hard work, the priority of science and research, the owner of a healthy spirit and a strong unbreakable will in the face of everyday problems is drawn into the thread of analysis.

The article has an enlightening and educational tone and gives the reader a message that the identity of Tajiks is real and strongly contradicts dogmatic ideas, and protected the language, culture, history and national traditions in the fierce historical battles.

Based on the study of scientific and literary literature, the author has come to a logical conclusion that since the dawn of history, Tajiks have become famous for their statehood and nationalization, and they have become the world's most famous language, and with their unique art of mayorship, they were the first and last word in Khorasan, the Middle East and India.

The author believes that the history of 5 thousand years, the tradition of celebrating Navruz and the Tajik and Persian literature of more than 1000 years gives a clear and comforting message to the fans that only by relying on the words and actions of the fate maker «knowledge is a bright light in the heart», «power the world with to find wisdom», «wisdom is enough for my shield» and «man is the most precious gem among the gems in the world» and taking them into account can shape the future of human life and society.

At the end of the article, there are practical suggestions for strengthening the capacity and intelligence of every Tajik citizen to be competitive in the face of new threats and security risks.

**Keywords**: nation, state, secularism, identification, historical memory, literature, dogmatism, existential philosophy, wisdom and rationalism.

***На шабам, на шабпарастам, ки***
***ҳадиси хоб гӯям,***
***Чу ғуломи офтобам,***
***ҳама з-офтоб гӯям.***

Маънавиёти миллати тоҷик аз аҳди қадим ҳамвора аз инъикосу пиёдасозии арзишҳои дунёмадорӣ, шахсиятсозӣ, давлатмеҳварӣ, ҳунарварзӣ, андешамандӣ, инсонпарварӣ, ҳаётдӯстӣ, шаҳрнишинӣ, арҷгузорӣ ба кору пайкор, авлавияти илму пажӯҳиш, рӯҳияи солим ва иродаи қавии шикастнопазир дар муқобили мушкилоти рӯзгор саршор будааст.

Ҳофизаи таърихии тоҷикон дар имтидоди давлатсозӣ амалгаро ва башиддат хилофи ақидаҳои ҷазмбоварона (догматикӣ) шинохта шудааст. Ҳамин хислату маниши бунёдӣ тавонистааст, ки тоҷикро ҳамчун «мурғи самандар» дар набардҳои шадиди таърихии хатарзо ҳифз намояд, забон, фарҳанг, таърих ва анъанаҳоро собитқадамона накш бар санг кунад.

Тоҷикон аз бомдоди таърих бо давлатсозӣ ва миллатсозӣ машҳури замон ва вирди забони ҷаҳониён будаанд. Чӣ тавре ки таърихшиносон дар асарҳои худ дарҷ кардаанд, тоҷикон бо ҳунари нодири шаҳрдорӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр, Шарқи Наздик ва Ҳиндустон ҳарфи аввалу охирро мезаданд. Эҳёи шаҳри Душанбе ва азнавсозии он ҳамчун нигини ангуштарӣ ва хонаи умеди тоҷикони дунё дар тӯли 31 соли охир нишонаи барҷастаи ин гуфтаҳост.

Таърихи 5 ҳазорсола, анаъанаи ҷашни ободкори наврӯзӣ ва адабиёти зиёда аз 1000 солаи форсу тоҷик паёми равшан ва босароҳатро ба муштоқон медиҳад, ки танҳо бо такя ба ибораву рафтори сарнавиштсози «*дониш андар дил чароғи равшан аст», «ҷаҳонро тавон бо хирад ёфтан», «ақлу хирад бас аст сипоҳу сипар маро» ва «гавҳари қимат зи гавҳарҳо дар олам одам аст» ва пиёда сохтани онҳо дар амал* метавон ояндаи ҳаёти инсон ва ҷомеаро сохт.

Миллати тоҷик дар Осиёи Марказӣ на танҳо нигаҳдорандаи арзишҳои миллӣ, балки муҳофизи дастовардҳои башарӣ дар минтақа низ ҳаст. Агар ба асолати сохти дунявият назар афканем, мебинем, ки тоҷикон ҳама замон дунёмадор ва зиндагисоз будаанд. Онҳо дарк мекардаанд, ки бо мушкилоти замона «бо теғи тези даҳр» (Н.Хусрав) мубориза бурдан даркор аст ва ба гуфти назарияпардоз Сидни ин суханҳоро дастури амал қарор медоданд: «Ҳаргиз магузоред, ки ҳирс ва ҳузну андуҳ бар шумо мусаллат шаванд. Ҳеҷ чиз мутаҷовизтар аз андуҳ нест. Бояд рустамона бо ӯ пайкор кард. Фирор аз мушкилот суде надорад, баръакс, бо мушкилот мебояд ҷангид, бо мушкилот мебояд дасту панҷа нарм кард. Дар он сурат мушкилот бо сарафкандагӣ нопадид хоҳад шуд»[7].

Чӣ тавре ки муаллифи мақолаи «Ҳувияти миллӣ» Н.Нурзода зикр кардаанд, ки дар адабиёти классикии мо дар бораи мактаби шахсиятсозии тоҷикон ақидаҳои зиддиятнок ва то андозае инкоркунандаи ҳамдигар мавҷуданд Чунончи, шоир Амир Хусрави Деҳлавӣ дар бораи хислатҳои рӯҳӣ-равонии шахсияти тоҷикон ишора менамояд:

**Тоҷики гарданкаши лашкаршикан,**
**Бештарӣ найзаввару теғзан.**

Ҳамин муаллиф бо истинод ба Геродот – таърихнигори юнонӣ, ки унвони «падари таърих»-ро меорад, ки солҳои 484-425 пеш аз мелод зистааст, дар бораи гузаштагони барӯманди мо мегӯяд: «Бартарии асоситарини тоҷикҳо ин шуҷоатмандии онҳост». Ҷойи дигар дар мавриди муаррифии халқиятҳои ҳудуди давлати паҳновари Ҳахоманишӣ, ки тамоми қаламрави Осиё ва Африқои он замонро фаро мегирифт, ёдовар мешавад: «Аз тамоми халқҳо тоҷикҳо (форсҳо) интизоми ҳарбии беҳтар доранд ва аз ҳама далертару ҷавонмардтаранд». Дар такя ба иттилооти ин муаррихон агар портрет ва ё симои психологии ориёиҳои пешин, яъне ниёгони худро тасвир кунем, чунин

хоҳад буд: мардуме шуҷоъ, ғолиб, ҷавонмард, озода, қатъӣ, дорои рӯҳияи ҷангии баланд, муттаҳид ва артишдор.

Аммо бубинед, ки муаррихону сиёсатмадорон ва адибон дар бораи ҳамин халқ баъд аз чанд аср чӣ гуфтаанд. Як тан аз сарлашкарони муғул дар бораи мардуми мо гуфтааст: «…тоҷик шеваи ҷангу муҳориба кардан намедонад». Сафири нахустини Британияи Кабир дар Афғонистон доир ба тоҷикон чунин изҳори назар кардааст: «мардуми тоҷик дар тамоми минтақаи Афғонистон, Ҳиндустон, Осиёи Миёна, Эрон ва Шарқ дар ҳама ҷо аз ҳама зиёданд, вале онҳо монанди ҷазирачаҳое, ки дар байни укёнуси калон ба ҳамдигар рабт надоранд, ҳамдигарро дастгирӣ намекунанд...»*[6].*

Дар раванди арзёбии хатарҳои шимолу ҷануби беруна, ки рушду нумуи тоҷиконро чашми дидан надоранд, моро лозим аст, ки фармудаи Ҷ.Франклинро ба инобат гирем: – Гоҳҳо беэҳтиётии андак ба бадбахтии калон меорад: аз нарасидани як мех наъл гум мешавад; аз нарасидани наъл асп гум мешавад; аз нарасидани асп савора аз даст меравад ва душман ӯро дармеёбад. Ҳамаи инро сабаб он буд, ки ғами мехи наъли аспро нахӯрдаем» [10].

Ин гуфтаҳо ба гузаштаи дур сидқ мекунанд, вале тоҷикон дар тӯли сад соли ахир дар умқи кӯҳистон шаҳрҳои калон сохтанд, давлатеро обод карданд, ки рашки ҳасудони таърихӣ гаштааст. Ин шарҳрҳо, бахусус Душанбе – пойтахти кишвар – рамзи аслии муттаҳидшавии тоҷикони дунё мебошад. Давлати ҳозираи тоҷикон пойдору устувор ва ободу босубот аст. Артиши тоҷикон муназзам ва пешоҳанг мебошад. Рӯҳияи ҷангии афсари тоҷик болост. Дар тӯли ҳамаи ин даҳ солаҳо марзбони тоҷик аз тамомияти арзӣ ва ҳудуди маъмурии ҶТ содиқона ва ихлосона муҳофизат мекунад.

Пири маънавии Бохтари таърихӣ – Ҷалолиддини Балхӣ, ки «Маснавии маънавӣ»-аш хонданбобтарин китоби қораи Амрико мебошад, сидқан эътиқодманд аст, ки «Эй бародар ту ҳамон андешаӣ, мобақо ту устухону решаӣ» ва бо ин гуфтанист, ки танҳо инсони андешапардозу мутафаккир, ки роҳу масири худу атрофиёнро бо мантиқи солим ва тазкияи рӯҳу равон месозад, посухгӯйи замони ҳол аст [2].

Тамаддуни ҳаётсози тоҷикон, ки дар он шиори аслии эътиборӣ «касе ҳандаса надонад, ба ин ҷо надароядˮ ва тараннуми инсони оқилу комил ҷанбаи мафкуравии онро ташкил менамояд, қалби ҷаҳониёнро дар тӯли таърих тасхир намудааст. Ҷавҳари ин фарҳанги оламшумул аз гуфтумони созгори манфиатҳои миллатест, ки ҳақдор ва соҳиби номбардори он ҳаст. Дар замони муосир бо каме тағйир он «гуфтугӯйи тамаддунҳо» ва «таъсирпазирии фарҳангҳо» номгузорӣ шудааст.

Ҳикояи ниҳоят хурди нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев, ки «Дар соҳили кӯл» ном дорад, бинобар созгор афтодан ба рӯҳу равияи ин мақола илҳомбахши ҳар як инсони ободкор аст. Ин намунаест, муште аз хирвор ва қатрае аз укёнуси андешаҳои даҳрии фарҳанги оламшумули тоҷик. Ҳикоя бо он ки ҳаҷман хурд буда, ҳамагӣ аз 123 калима иборат аст, олами маънавии як инсони миёнаомории ҳаётдӯстро дар худ таҷассум кардаву ғунҷонидааст. Дар ҳикоя чӣ тавре ки пажӯҳишгар Баҳром Фирӯз зикр кардаанд, рисолати инсони ҳамеша дар ҳаракату такопӯ ва ҳадафманд бозгӯйӣ шуда, пайванди наслҳо ва оромиву субот бо ҳунари нависандагии моҳирона рӯйи коғаз омадааст. Барои таъсирпазирии бештар ва ҳаловати маънавӣ тибқи усули «шунидан кай бувад монанди дидан» аз каломи волои нависандаи фидокору мактабдор ҳикояро айнан меорем:

«Бачаҳои бисёре дар кӯл оббозӣ мекунанд. Садоҳои хандаву бозӣ ва ҷастухези шодиомези онҳо дар фазои дараи кӯҳистон ғулғула андохтааст. Марди солхӯрдае дуртар аз соҳил дар рӯйи алафи сабз нишаста, тани то миён бараҳнаи худро офтоб медиҳад. Дар паҳлуяш як ҷуфт бағаласо. Вай оҳиста пойи шими худро боло карда, соқи чӯбинашро мемо-

лад ва ба оби зулоли кӯл бо ҳасрат менигарад.

Дар осмон чанд ҳавопаймои реактивӣ раххҳои сафед мекашанд; раххҳои кач, рост, мудаввар. Аксе он раххо ба оби соф афтида, морсон мелаппанд ва мехазанд.

Мард ба осмон муддате чашм медӯзад. Нуқтаи дурахшонеро, ки аз паси он рахи тозаи сафед пайдо мешавад, дида табассум мекунад. Баъд назараш боз ба бачаҳои саргарми бозӣ афтида, лабханд аз чеҳрааш дур мешавад.

Рӯйи чашмонашро пардаи хаёл мепӯшад.

Нависанда барҳақ эътиқодманд аст, ки «Олами ноаён пурасрор метобад, сирру асрор бошад, ҳамеша ҷозиба дорад» ва дар ҳикоя паёми дунёмадориро ба ҳамагон манзур менамояду аз тақдири ҷомеа бо такя ба ҷаҳонбинии оянданигарӣ ишораҳои хушнавои таъсирбахш ва пешрафтаро мекорад [9].

Пайомади ба инобат нагирифтани қонунҳои зиндагӣ ва беэътино донистани кӯшишу ғайрат ҳамчун меҳвари бозсозии фалсафаи худӣ дар сурате ки дар ҷомеа фориғболиву бепарвоӣ, коҳиливу танбалӣ ва ғафлатписандӣ ҳукмфармо гардад, ҳолате дар ҷомеа шакл мегирад, ки нависандаи чирадасти тоҷик Урун Кӯҳзод аз он басо «айниёна» ҳушдор додааст: «Оқибати ҳама нобаробариҳо, сабабгори ақибмонии ҳамаҷонибаи мардуми мо дар хурофотпарастиаш аст. Хурофот як намуди бемориест, ки аз насл ба насл гузашта, дар зеҳну биниши мардуми мо реша давондааст. Аксари мардуми мо, мутаассифона, ҳам дар гузашта, ҳам имрӯз фикр доранд, ки худи одам ба чизе ё коре қодир нест, шарт нест, ки вай хоҳад, кӯшиш кунад, бахри ҳалли душворие талош намояд, ҳар чизе ё коре мешавад, дар пешонии ӯ навишта шудааст, вай бояд сабурона инро таҳаммул намояду шукр гӯяд. «Ту ғам нахӯр, ту кӯшиш накун, заҳмат накаш, ҳамааш беҳуда, ҳар чизе дар насибат бошад, ҳамонро мебинӣ» [3].

Маънавиёти миллӣ раванди худҷӯш набуда, ба қонунҳои рушду инкишоф такя мезанад, идомабахши анъана ва суннати адабиёт ва илми тоҷик будааст ва ин масъалаҳоро бо пайдарҳами мантиқӣ бозтоб додааст. Суханро агар дар бораи нақши харобкори рӯҳияи иртиҷоӣ дар имтитоди таърих оғоз намоем, Хайёми дунявимашраб ба ёдамон меояд. Умари Хайём дар бораи пайдоиши олам нигоҳи ҷасурона ва то андозае инкоркунандаи қонунҳои шахшудаи асримиёнагӣ дорад. Ӯ инсони оқилро ба андеша ва боз ҳам ба сони Мавлоно ба фикрронӣ ва амал во медорад:

**Қавме мутафакиранд дар**
**мазҳабу дин,**
**Ҷамъе мутаҳайиранд дар**
**шакку яқин.**
**Ногоҳ мунодие омад зи камин,**
**Эй бехабарон роҳ на он буду**
**на ин** [11].

Ин ҳақиқати бебаҳс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз ҷониби ягон гурӯҳ ва ҳукумате то ҳоло сарфи назар нашудааст, ки тоҷикон нақши меҳварӣ дар минтақа доштаанд ва доранд. Ҳарчанд ки ҳокимони сулолаҳои вақт дар минтақа меомаданду мерафтанд ва ба қавмҳои бегона мансуб буданд, бо мурури замон зери ҳавову ҳавас ва таъсири фарҳанги шахсиятсози тоҷикӣ-ориёӣ қарор мегирифтанд ва марҳилаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз соҳибони забон зиёдтар дар ҳимояи фарҳанги бумӣ саъю талоши зиёдтар менамуданд. Аз сӯйи дигар, ин тағйироти ҳувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ ҳам дар пай дошт, зеро халқҳое, ки ба шимолу шарқи Ҳинд дар асри 14 аз Хуросон омаданро оғоз карданд ва ин фарҳангпазирӣ ва ин раванд, ки таҳлилу таҷзияи он аз мавзуи ин мақола берун аст, то ҳоло идома дорад. Аз тарафи дигар чун онҳо ба ҳудуди комилан тоҷикнишин сарозер мешуданд, табиист, ки дорои заминаи қавии мардумӣ ва пойгоҳии васеи иҷтимоӣ набуданд.

Устод Садриддин Айнӣ дар саргаҳи ривоҷ ва паҳн намудани ақидаҳои дунявӣ

ва ифшо намудани сирати рӯҳияи пасмондаи ақибгаро саъю талош кардааст. Дар китобҳои таърихии худ ҳам нақши илму ҳунар ва шахсиятҳои миллиро басо гуворо нигоштааст [1].

Нависандаи бузурги тоҷик Сотимхони Улуғзода дар бораи хештаншиносӣ басо ҳадафманд нигоштааст: «Маънии зиндагӣ ҳамин аст: худро афрӯхтану роҳи дигаронро мунаввар кардан. Ҳар кас ба ин дунё ба ташвиши худаш меояд, аниқтараш меоранд ӯро. Аммо дар натиҷаи донишу биниш ва андӯхтани таҷрибаи рӯзгор тадриҷан дар бораи маънии ҳастӣ ва мавқеи худаш дар ҷомеа сарфаҳм рафта мехоҳад, ба нафъи қавму халқи худаш, дар маҷмӯъ башар хидмате карда бошад. Охир, рисолати инсон дар рӯйи замин ва маънии ҳастии мо дар ҳамин аст» [5].

Нафароне, ки ба равоншиносии муосир шинос мебошад, медонанд, ки олимони ғарбӣ Роберт Кийосаки, Брайан Тресси, Наполеон Хилл ва ғ. дар бораи шахсиятсозии инсонҳо китобу асарҳои зиёд доранд. Вале, пештар аз ин файласуф ва ҳаким Мавлоно Балхӣ, зодаи Вахшонзамин дар ҷустуҷӯйи инсони ормонӣ «аз деву дад малуламу инсонам орзуст», мегӯяд:

**Ҳар касеро бозсозӣ боядо,**
**Гар насозӣ, худшиносӣ н-оядо!**

Имрӯз доираҳои манфиатҷӯ аз хориҷи мамлакат мехоҳанд аз эҳсоси динӣ ва эътиқодии мардум суиистифода кунанд, арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии давлатдории дунявиро хилофи манфиатҳои пинҳону ошкори худ тафсир намоянд.

Мардуми Қафқоз як мақол дорад: «Мегӯянд, ки умр агар парвоз диҳад, парвози уқобона диҳад, агар марг диҳад, марги мардона диҳад ва агар дӯст диҳад, дӯсти фидокору душман диҳад, душмани росткор бидиҳад» [9].

Аз ин рӯ, тоҷикон бояд аз собиқа бештару пештар дар гирди роҳбарияти олии кишвар муттаҳидтар шаванд ва нишонаҳои олии сарсупурдагиро дар рости ҳифзи нангу номуси миллат ҳаргиз фаромӯш накунанд. Ҳамзамон, ба эҳтимоли қавӣ, андешидани тадбирҳои зерин моро ҳатман ба сарманзили мақсуд дар ин ҷаҳони пурталотум мерасонад:

– **Як**, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аз хурд то калонсол ба касби донишу маърифат ва ҳунар, хусусан ба андӯхтани таҷрибаи технологии ҷаҳони муосир рӯ биёрад. Дар ин росто, бозомӯзии донишҳои муосири ҳарбӣ ва устувории рӯҳӣ-равонӣ бо такя ба дарсҳои илмӣ амри муҳим арзёбӣ мегардад.

– **Ду**, дар ҳолате ки ҳама телефону компютерҳои муосир доранд, бо харҷ кардани ҳамагӣ 2-3 соат дар рӯз тарзу усулҳои журналистикаи оммавиро омӯзанд ва онро тадриҷан дар амал ба нафъи касби илму ҳунар, миллат ва давлат пиёда намоянд.

– **Се,** дар тӯли 31 соли охир тоҷикон аз кишвару мамлакатҳои зиёд дидан карданд, ҳоло шумораи донандагони забонҳои хориҷӣ ба маротиб зиёд аст. Ин абзор ва силоҳи истиснoии мо тоҷикон аст. Ин донишҳои забонҳои хориҷиро барои ҳимояи арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии тоҷикон дар фазои маҷозӣ ва чопӣ дар хориҷи кишвар масраф намоянд.

– **Чор,** ҷавонони тоҷик тамоюли динмадорона аз худ нишон медиҳанд. Вале иқрор бояд шуд, ки сиёсикунонии дин моро хушбахт намекунад. Эътиқоди динӣ танҳо дар чорчӯбаи ахлоқ бояд маҳдуд гардад. Масири рушди халқи мо дар шахсиятсозии соф тоҷикона ва риояи манфиатҳои миллӣ бозтоб меҳӯрад. Аз оши аз коса сурхтар парҳез бояд кард.

– **Панч**, урдуи миллионнафараи муҳоҷирони меҳнатии мо бояд дар кору пайкор муаррифгари аслии арзишҳои миллӣ бошанд. Ҳама ба касбу ҳунар, фарҳангу варзиш ва илм рӯ биёранд ва ёфтаву сафаровардаҳои худро дар ҷумҳурӣ бо риояи анъанаи тоҷикӣ амалӣ кунанд. Дар соҳаи худ ва ҳунари худ авлавиятро касб намоянд.

– **Шаш**, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи

ҳаётафзо дар минтақаҳои сарҳадӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад, зеро дар он фаросӯи дарёи Панҷ ва на танҳо дар он ҷо қувваҳое мавҷуданд, ки фалсафаи вуҷудии халқи тоҷикро инкор мекунанд.

– **Ҳафт**, тарғиби шахсиятҳои таърихӣ, ки дар ташаккулёбии худшиносии миллии тоҷикон саҳми босазои худро гузоштаанд, талаби замон мебошад. Боз кардани саҳифаҳои пурифтихори миллӣ дар шуури ҷавонон вазифаи аввалиндараҷаи волидайн ва маориф мебошад.

**Ҳамин тариқ**, бо боварии комил гуфтан лозим аст, ки дурнамои давлатсозии тоҷикон ба оянда раҳнамун сохта шуда, бо такя ба асолати миллӣ рушду нумуъ хоҳад кард. Тамаддуни шуҳратёри тоҷик бо тафакури дунявиаш мавқеи хос дорад, яксӯбин ва таблиғгари масири созандаи ҷаҳонбинии илмӣ ва худшиносии миллӣ буда, барои тарбияи инсони ормонӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қ. 1, 2. – Душанбе, 1989.
2. Балхӣ Ҷ. Маснавии маънавӣ. // Сарчашмаи электронӣ: www.donish.org (Санаи руҷуъ: 23.01.2023).
3. Кӯҳзод Ӯ. Мусоҳиба. //»Адабиёт ва санъат» аз 10.03.2022.
4. Ғаффоров У. Сотим Улуғзода (Аз силсилаи «Ҳаёти одамони наҷиб»). – Душанбе, 2014.
5. Муҳаммадиев Ф. Дар соҳили кӯл. //Сарчашмаи электронӣ: http:wikipedia.org (Санаи руҷуъ: 01.02.2021).
6. Нурзода Н. Ҳувияти миллӣ. // Сарчашмаи электронӣ: www.ravshanfikr.tj (Санаи руҷуъ: 20.12.2022).
7. Сидни Ш. Если наступит завтра. // Сарчашмаи электронӣ: www.litres.ru/sidni-sheldon. (Санаи руҷуъ: 19.05.2021).
8. Фирдавсӣ А. Шоҳнома. // Сарчашмаи электронӣ: http:wikipedia.org (Санаи руҷуъ: 07.07.2020).
9. Фирӯз Б. Дар бораи Ф.Муҳаммадиев. // Сарчашмаи электронӣ: http://old/kmt/tj// (Санаи руҷуъ: 23.04.2022).
10. Франклин Ҷ. // Сарчашмаи электронӣ: http:wikipedia.org (Санаи руҷуъ: 12.05.2019).
11. Хайём У. Гулчини рубоиёт. – Душанбе, 2020.

# СИНТАКСИЧЕСКИЙ СПОСОБ ОБРАЗОВАНИЯ ЛЕКСИКИ И ТЕРМИНОЛОГИИ «БЕЗОПАСНОСТИ» В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

# ТАРЗИ СИНТАКСИСИИ ЛУҒАТСОЗӢ ВА ИСТИЛОҲОТИ «АМНИЯТ» ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

# SYNTACTICAL WAY OF FORMATION OF VOCABULARY AND TERMINOLOGY OF «SECURITY» IN MODERN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

**Худойназарова З.Ч.**
**Khudoinazarova Z.Ch.**

*Профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, полковник.*

*Профессор кафедры общественных дисциплин Высшей школы ГКНБ Республики Тадикистан, соискатель кафедры инстранных языков Национальной академии наук Таджикистана, полковник.*

*Professor of the department of social sciences of the Higher school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, competitor of the department of foreign languages of the National Academy of sciences of Tajikistan, colonel.*

**Ихтисоси илмӣ:** 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ.

**Научная специальность:** 10.02.20 – сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание.

**Scientific specialty:** 10.02.20 – the comparative-historical, typological and comparative philology.

**Аннотация:** В статье проводится сопоставительный анализ видов предложений на таджикском и английском языках. Автор на основе изученного материала рассматривает тему синтаксического способа образования лексики и терминологии «безопасности» в таджикском и английском языках. При исследовании структуры и типа предложений представлен синтаксический анализ предложений в сопоставляемых языках. В статье также разъясняется значение слов «синтаксис» и «предложение» с использованием толковых словарей и различной литературы. В то же время, автор попытался с использованием произведений поэтов и писателей классической и современной таджикской литературы привести примеры с видами предложений в виде прозы и поэзии. В ходе проведенных исследований автор приходит к выводу, что корме существующих различий в структуре обоих языков наблюдается множество сходств.

**Ключевые слова:** безопасность, синтаксис, лексика, терминология, предложение, сопоставление, таджикский язык, английский язык, сравнение, различие.

**Аннотатсия:** Дар мақола таҳлил ва муқоисаи намуди ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гузаронида шудааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур мавзуи тарзи синтаксисии луғатсозӣ ва истилоҳоти амният дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар асоси маводи омӯхташуда мавриди баррасӣ қарор додааст. Сохт ва намуди ҷумлаҳо тадқиқ гардида, таҳлили синтаксисии ҷумлаҳо дар забонҳои муқоисашаванда пеш-

ниҳод карда шудааст. Дар мақола инчунин маънои калимаҳои «синтаксис» ва «ҷумла», бо истифодаи фарҳангҳои тафсирӣ ва адабиётҳои мухталиф, шарҳ дода шудааст. Дар мавриди худ, муаллиф кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз асарҳои шоиру нависандагони адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикӣ ва англисӣ, бо намуди ҷумлаҳо дар шакли назм ва наср мисолҳо орад. Аз рӯйи тадқиқотҳои гузаронидашуда муаллиф ба хулоса меояд, ки ғайр аз вуҷуд доштани тавофутҳо дар сохтори ҳарду забон, шабоҳатҳои зиёде низ мушоҳида карда мешавад.

**Калидводжахо:** бехатарӣ, синтаксис, лексика, истилоҳ, ҷумла, иқтибос, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, муқоиса, тавофут.

**Annotation:** The article provides a comparative analysis of the types of sentences in Tajik and English languages. The author, on the basis of the studied material, considers the topic of the syntactic method of forming vocabulary and security terminology in the Tajik and English languages. When studying the structure and type of sentences, is presented a syntactic analysis of sentences in the compared languages. The article also explains the meaning of the words «syntax» and «sentence» using explanatory dictionaries and various literatures. At the same time, the author tried, using the works of poets and writers of classical and modern Tajik literature, to give examples with types of sentences in the form of prose and poetry. According to the research, the author comes to the conclusion that, in addition to the existing differences in the structure of both languages, there are also many similarities.

**Key words:** security, syntax, vocabulary, terminology, sentence, borrowing, Tajik language, English language, comparison, difference.

**Цель данной статьи** – описание и сопоставительный анализ синтаксических способов образования лексики и терминологии в области безопасности в таджикском и английском языках**.**

Мысль в речи обычно выражается в предложениях. А предложения образуются в результате грамматической связи слов. Без словосочетаний невозможно построить предложение.

Предложение является полной единицей, формировавшееся грамматикой. Исходя из этого, наша речь, прежде всего, состоит из предложений. Интонация играет важную роль в предложении, как средство для выделения основной мысли. Например: **Ҷанг сар шуд. – (War started). Сарбозонро ба ҷанг фиристоданд. – (Soldiers were sent to the war). Муҳориба давом дорад. – (The battle is going on).**

Главная особенность предложения состоит в том, что в нём подтверждается или отрицается действие и состояние предмета. Например: Вафо ба иктишоф рафт. – (Vafo went to the intelligence). Вай тамоми шаб хоб накард. – (He didn’t sleep all night.) Вазъият ором аст.- (The situation is calm).

В зависимости от участия второстепенных членов предложений в таджикском и английском языках простые предложения делятся на две группы: **хуллас – unextended** (нераспространённое), **тафсилӣ – extended** (распространённое).

В обоих языках предложения делятся на два вида: простые распространённые – ҷумлаи содаи тафсилӣ – simple extended sentence и простые нераспространённые предложения – ҷумлаи содаи хуллас – simple unextended sentence.

Предложения, которые состоят из главного члена предложения, то есть хабар – predicate и мубтадо – subject называются простыми нераспространёнными предложениями. – Ҷумлаи содаи хуллас (simple unextended sentence).

К примеру: Далер парронд. Далер – мубтадо – subject, парронд –хабар. Daler shooted. – Daler – subject, shooted–predicate.

Простое предложение, состоящее кроме подлежащего и сказуемого, также из второстепенного члена предложения, называется простым распространённым

предложением. – Ҷумлаи содаи тафсилӣ (simple extended sentence). Например: Дастаи роҳзанони Иброҳимбек сарҳадро убур карданд [8,7 ].

В данном предложении даста – мубтадо (subject), убур карданд – хабар (predicate), сарҳадро – пуркунанда (object), роҳзанони Иброҳимбек – муайянкунанда (attribute).

The gang group of Ibrohimbek crossed the border. – The gang – subject, crossed – predicate, the border – object, group of Ibrohimbek – attribute.

Душман ба остонаҳои Ленинград, Москва, Ростов омада буд. [18, 18]. – Душман – мубтадо(subject), омада буд – хабар (predicate), ба остонаҳои Ленинград, Москва, Ростов – ҳоли макон(adverbial modifier of place).

Enemy came to the threshold of Leningrad, Moscow and Rostov. –Enemy – **subject,** came – **predicate,** to the threshold of Leningrad, Moscow and Rostov – **adverbial modifier of place.**

В исследуемых языках мысль выражается с помощью предложения. Исходя из этого, предложение состоит из главного (мубтадо – subject, хабар – predicate), второстепенного (пуркунанда – object, муайянкунанда – attribute, ҳол – adverbial modifier). Это деление встречается как в таджикском, так и в английском языках.

Джаматов С. в своих трудах рассматривает образование лингвистических терминов и определяет лексические, синтаксические способы формирования частей речи: мубтадо – subject, хабар – predicate, пуркунанда – object, муайянкунанда – attribute, ҳол – adverbial modifier.

Мыльцева Н. разделяет члены предложения на главные и второстепенные: главные – мубтадо (the subject) и хабар (the predicate); второстепенные – дополнение (the object), определение (the attribute), обстоятельсто (the adverbial modifier).

Предложения по виду делятся на простые и сложные, восклицательные, по структуре на односоставные и двусоставные.

Простые предложения по структуре делятся на односоставные и двусоставные предложения. В двусоставных предложениях необходимо использовать подлежащее и сказуемое. К примеру: Рафиқ генерал тасдиқ кард [9,12]. Рафиқ – мубтадо, тасдиқ кард. – хабар. Comrade general confirmed. – Comrade general – subject, confirmed – predicate.

Особым видом синтаксической связи следует считать предикативную синтаксическую связь, которая в целом характеризует собой отношение между подлежащим и сказуемым и, следовательно, имеет непосредственное отношение предложению [1,100].

**Односоставные предложения** образуются с одним из второстепенных членов предложения (прежде всего, со сказуемым). Оташ – Fire! Ҳозирбош!- At ease! Диққат! – Attention! Озод! – Stand at ease! Ба рост гард! – Right turn! Бонги хатар! – Alarm! Омодабош! – Ready military condition! Ба пеш! – Go ahead! Ба дав марш! – Quick match! Таваҷҷуҳ ба чап! – Eyes left! Таваҷҷуҳ ба миёна! – Eyes front! Саф каш! –Fall in! Тир пур кун! – Load ready!

Предложение является основным и важнейшим средством **синтаксиса и языка.** Оно используется для выражения мысли между людьми. С помощью предложения мы можем излагать все свои мысли и взгляды, желание и просьбу, чувства, узнать мнение собеседника, а также о неизвестных нам вещах. Такие значения выражаются с помощью повествовательных – ҳикоягӣ – narrative, (вопросительных – повелительных и повествовательных предложений).

**Повествовательные предложения** разделяется между собой паузой, поэтому за каждым из них ставится точка. Повествовательное предложение от других предложений отличается по специальному тону. Предложение начинается со спокойного тона и постепенно немного повышается и понижается. Например: Вазъият мушкил ва хатарнок... Аз се тараф мудофиаи дарвозаҳои Москва ба

дасти мо ва ҳамсояҳои мо супурда шудааст. Немисҳо бо тамоми қувва зӯр зада истодаанд, ки ҳамин шабу рӯз ба Москва зер карда дароянд. Аммо ба чор тараф сар зада сӯрохе намеёбанд [18,9]. Вазъият – **мубтадо,** мушкил ва хатарнок – **хабари номӣ.**

The **situation** is **difficult** and **dangerous**. We and our neighbors were given a task to defense of Moscow gate from the three sides. Germans are trying with all forces to enter to Moscow this day and night.

**Situation** – subject, difficult and dangerous – nominal predicate.

В английском языке порядок слов в предложении строго определен, так как отношение между словами определяется местонахождением в слове. Порядок слов зависит от типа предложения.

В английском языке **в повествовательном предложении** – declarative sentence (ҷумлаи хабарӣ) в начале стоит подлежащее – мубтадо – subject, в середине – сказуемое – хабар – predicate, в конце – дополнение predicate пуркунанда – object и обстоятельство – adverbial modifier.

| I | II | III | IV |
|---|---|---|---|
| Subject | Predicate | Object | the adverbial modifier |
| The police | are setting up | an incident room | near the murder spot |

Так, например: **The bomb exploded in the city canter. Several soldiers were killed in the fighting** [25,162].

В данном повествовательном предложении: The bomb – мубтадо - subject, exploded – хабар - predicate, in the capital – ҳоли макон – adverbial modifier of place, today – ҳоли замон – adverbial modifier of time.

В таджикском языке в повествовательном предложении сказуемое используется в конце. Например, Сарони ду давлат оташбас эълон намуданд. – Сарони ду давлат – **мубтадо – subject**, оташбас - пуркунанда– **object**, эълон намуданд – **хабар –predicate**.

В английском языке каждый член предложения занимает определенное место, и в нем нет окончаний. К примеру: **We (1) was informed (2) of enemy's plan (3).** Мо (1) аз нақшаи душман(3) огоҳ шудем(2).

В английском языке предложение состоит из подлежащего и сказуемого: **It is a sniper.** – Ин снайпер аст. It is terrible. – Ин даҳшат аст. – «**I am afraid.**» – Ман метарсам. Второстепенные члены предложения могут отсутствовать. Например: Бомба таркид. – **Bomb exposed**. – Бомба-мубтадо – subject, таркид – хабар(феъл) – predicate(verb).

**Подлежащее** более продуктивно используется в таджикском и в английском языках. Подлежащее в таджикском языке обычно стоит в начале предложения, однако в некоторых случаях его можно использовать в середине и в конце предложения. В прозе и в разговорной речи подлежащее иногда стоит после сказуемого. Сказуемое в таджикском языке обычно встречается в конце, середине и в начале предложения. В современном литературном таджикском языке сказуемое обычно употребляется в конце предложения: **Саворони пайдошуда бо ҳамон гуна силоҳ, ки чокарон доштанд, яъне бо шамшеру ханҷару найзаҳо мусаллаҳ буданд** [20,14]. **Муборизони ҳар ду тараф дар фаввораи гарди тафсон ба ҳам омехта, шамшер мезананд ва найза мекӯфтанд** [20,15].

Как синтаксический термин сказуемое играет огромную роль в образовании терминословосочетаний, относящихся к «ҷумла-sentence в обоих языках, как хабари сода – simple predicate, хабари феълӣ – verbal predicate, хабари номӣ - nominal predicate [10,275].

В английском языке сказуемое стоит на втором месте, за исключением его использования в поэзии:

You have no enemies, you **say**?
Alas! My friend, the boast is poor;

He who has mingled in the fray of duty,
that the brave endure,
Must have made foes! If you have none,
Small is the work that you have done.
You've hit no traitor on the hip,
You've dashed no cup from perjured lip,
You've never turned the wrong to right,
You've been a coward in the fight.
*Charles Mackay (1814-1889)* [12,14]

В таджикском языке в образовании предложений сказуемое стоит в конце. В поэзии Ф. Ниязӣ встречается использование сказуемого в конце предложения :

Эй Ватан, ба ту мо вафо кунем,
Хизмати туро хуб адо кунем.
Гар талаб кунӣ ҷон, фидо кунем,
Аз хатар туро мо раҳо кунем.
Дар мубориза қаҳрамон шавем,
Зидди душманон беамон шавем.
То ризо шавад ин Ватан зи мо.
Ифтихори халқ дар ҷаҳон шавем.
[18,105]

По мнению таджикских и русских лингвистов, в английском языке, наряду с другими членами предложения, сказуемое, являясь основой, используется более продуктивно. Сказуемое играет основную роль в построении предложения.

Предложение, в котором мысль и цель рассказчика выражается посредством просьбы, называется вопросительным предложением. Особенность вопросительных предложений состоит в том, что в них удивление, подозрение, сожаление выражается в вопросительной форме. Например: Аз штаби армия ҳеҷ кас телефон накардааст? [18,7] Военкомат рафта будӣ, чӣ шуд? [18, 1] Фамилияи шумо чист, рафиқ ҷанговар? [18, 70] Кӣ шуморо ба армия даъват кард? [18, 71]

**Вопросительные предложения** выражаются двумя способами:

1. С помощью интонации (оҳанг). В таких предложениях важную роль играет логическое ударение, то есть часть предложения, о которой идет речь по сравнению с другой части предложения произноситься усиленно. В этом случае логическое ударение выражается с вопросительным тоном и это вопросительное слово в зависимости от сути речи, можно использовать в начале, середине и в конце предложения.

В творчестве Сатым Улугзаде мы обнаружили следующие вопросительные предложения, выражающие военную лексику: Ровиёни ахбор аксар воқеаҳои таърихро саҳл гирифта, бештар ба зоҳири онҳо аҳамият додаанд; қиссаҳоро ба назм тавре бояд баён кард, ки муассир ва омӯзанда бароянд. – **Интиқоми хуни Эраҷро менависӣ? Боз куштор, лашкар-кашӣ, ҷанг?** [20, 13]

Имом то далелу бурҳон наёранд, мо ба шикояташон эътибор нахоҳем кард, – гуфт шайх. **Эшон чӣ далелу бурҳоне оварда метавонанд?** [20,18]. Меҳрон ҳар қадар ки фикр мекард, ҳамон қадар ба танг меомад. Дар сари ӯ ҳатто хаёли ба ягон тараф, ба панохи ягон душмани Абӯалии Симҷӯр гурехтан ҳам чарх мезад**. «Ҷанги калон дар пеш?» Бо кӣ?** [20,27] Парешаб як навкари чӯбдор маро пурсида ба меҳмонхонаамон омад. «Бароед, – гуфт, – шуморо ҷаноби ҳоким талаб доранд». Аввал тарсидам – барон чӣ талабидаанд? **Магар аз ман гуноҳе содир шудааст?** [10,50] Аскофӣ қалёнро кашида як-ду сулфиду ба шоир ногаҳон чунин суоле дод: **Имрӯз вазъи Хуросон чӣ гуна аст?** [20,78]

2. С помощью слов и вспомогательных вопросов: с помощью наречия и вопросительных местоимений: **кӣ (who), чӣ (what), кадом, чандум (what, which), чӣ хел, чанд (how), чӣ қадар (how many, how much, чаро (why), канӣ (where), аз они кӣ (whose).** Фирдавсӣ якчанд рӯзе, ки мунтазири омадани вай буд, як сатр ҳам навишта натавонист. Дар бораи худсарӣ ва бедодии ҳокимон фикр мекард: чаро онҳо ин кадар аз адолат дуранд, чаро аз Худо натарсида дар ҳакки раиятҳо чунин ҷабру ситам раво медоранд? [10,30] Молик дар пеши қатори лашкар асп давонда мепурсид: – Кӣ ба набарди ин чокири суғдӣ мебарояд? [20, 176]

Предложение, в котором мысль выражается с помощью ощущения и волнения, приказа и просьбы называется восклицательным предложением. Восклицательное предложение выражается с помощью специальной восклицательной интонации и междометия.

Восклицательное предложение образуется с помощью разных видов глагола повелительного наклонения. Во всех этих случаях важную роль играет интонация. Silence must be our policy! – Хомӯшӣ бояд сиёсати мо бошад!

А.Фирдоуси в произведении «Шахнаме» использовал восклицательные предложения в виде поэзии:

Хурӯшон ҳамерафт найза ба даст,
Ки «Эй номдорони яздонпараст!
[15, 98]
Бибуррам пайи аждаҳоро зи хок,
Бишӯям ҷаҳонро зи нопок пок!
[15,110]
Туро бод пирӯзӣ аз осмон!
Мабодо ба ҷуз доду некӣ гумон!»
[15,126]
Чунин гуфт: «Гар корзор аст кор,
Чи шери даманда, чи ҷангисавор!»
[15,145]
Писандиву ҳамдостонӣ кунӣ,
Ки ҷон дориву ҷонситонӣ кунӣ!
[15,169]
Ҳаме гуфт, к-»Эй довари додгар,
Бад-ин бегунаҳкушта - андар нигар!
Ба ханҷар сараш хаста дар пеши ман,
Танаш хӯрда шерони он анҷуман!
[15,173]

В Шахнаме «Фирдоуси» С. Улугзаде в прозе также встречаются восклицательные предложения:

Ҳоким ба ғазаб омад: – Шумо дар куҷо ва пеши кӣ нишастаед? Дар дорулҳукума пеши волии вилоят нишастаед, суханро дониста гӯед, хоҷа! – Дониста мегӯям, – ҷавоб дод Фирдавсӣ. – Ин ҷасорат аст! [19,36]

Агар дар ин асно аз тарафи кӯча ногаҳон ғалоғула ва тапар-тапари сумми аспон баланд намешуд ва ҷавонмарде тозон вориди саҳни масҷид шуда: – Лашкар омад! Сипаҳсолор омад! – гуён фарьёд намекашид, Фирдавсӣ шояд дучори ҳуҷуми муридони шайх мегардид [19,41].

Қаср аз «кӯра» чандон дур набуд. Ҳафтоду нуҳ марди хашмгину пуркин ба он ҳамла бурда, дарбонҳоро кушта, ба қаср зада даромаданд. Дар айвону даҳлезҳои он ҳар ки пеш омад, кушта шуд. – Ба занон даст накобед, мо бо занон намеҷангем! – фарёд мезад Виркан [19 ,210].

Шоҳзода Вағдварз ба лаби ҷарӣ истод. – Зинда таслим нашавем- хитоб кард ӯ. – Падруд, бародарон! Аввал ман! – инро гуфта , вай худро ба ҷар ҳаво дод .

Предложением называется сочетание слов и отдельное слово, выражающее отдельное слово. Слова, входящие в состав предложения и отвечающие на какой-нибудь вопрос называются членами предложения [5, 223].

В английском языке слово – предложение имеет два значения:

1. Предложение – это группа слов, которые говорят нам о чем-то или задают вопросы. В письменном виде предложение обычно начинается с большой буквой и заканчивается с маленькой буквой: The army attacked the town [23, 19].

2. Второе значение предложения – ҷумла – sentence означает наказание – ҷазо – punishment, которое назначается кому-то судьей по закону суда. Например: The charge **sentenced** the men to two years in prison [24,322].

В зависимости от цели высказывания, предложения делятся на повествовательные – хабарӣ, вопросительные – саволӣ (interrogative), повелительные и восклицательные, а также могут быть как утвердительными, так и отрицательными. По структуре предложения делятся на простые – сода (Simple sentence) нераспространённые (Unextended sentences) и распространенные (Extended sentences). Сложные-сложносочиненные (Compound sentences) и сложноподчиненные (Complex sentences).

В повествовательном предложении место подлежащего всегда перед сказуе-

мым. Различие вопросительных предложений и повелительных предложений заключается в интонации. Например: There was a lot of opposition to the plan. [24, 247] The terrorist put a bomb in the station. [24, 372] Soldiers must always obey orders. [24, 248] She struggled to get away from the attacker. [24, 357]

В английском языке отрицательное предложении имеет только одно отрицание. Отрицательное предложение можно образовать с помощью неопределенных местоимений с отрицательным значением: ҳеҷ гоҳ-never, ҳеҷ кас – nobody, не-no, ҳеҷ чиз-nothing. К примеру: Ҳеҷ кас шоҳиди ин ҳодиса набуд. – Nobody was the witness of this incident. We have never faced with such crime. – Мо ҳеҷ гоҳ бо ин гуна ҷиноят рӯ ба рӯ нашудем. There is no evident for accusing him. – Ягон далел барои айбдор кардани ӯ вуҷуд надорад. Never in all my life have I seen such horrible thing. – Ман ҳеҷ гоҳ дар ҳаётам бо чунин чизи даҳшатнок рӯ ба рӯ нашудам. Never fear, everything will be all right. – Ҳеҷ гоҳ натарс, ҳамааш хуб мешавад [ 21,1027 ].

В английском языке различаются следующие вопросительные предложения – ҷумлаҳои саволӣ: общие – умумӣ (general quetions), специальные – махсус(special questions), альтернативные – алтернативӣ (alternaive questions), разделительные – ҷудокунанда (disjunctive questions).

В вопросительных предложениях – Ҷумлаҳои саволӣ (Interrogative sentences) сказуемое стоит перед подлежащим. Вопросительные предложения имеют обратный порядок слов. Общие вопросы – Саволхои умумӣ (General questions) требуют ответа «Ҳа-Yes», «Не-No». Вспомогательный глагол ставится в начале предложения перед подлежащим. Примеры с использованием модальных и вспомогательных глаголов: Can you keep a secret? [24,319] Is this legal? Are you an agent of special service? Do you have a weapon? Is there any connection between violence on TV and crime? [24, 69]

Специальные вопросы- Саволҳои махсус (Special questions) требуют специальных вопросов или дополнительной информации. Только в специальных вопросах, относящихся к подлежащему используется прямой порядок слов. Они создаются с помощью вопросительных слов таких как: What? Where? Who? Why? When? How? How much? How many? Whose? Whom?

Так, например, What suspicious activities have you seen? What threats have been made? Who is the leader of opposition? How many refugees returned to their Motherland? When did this incident happen? Why didn’t you do the task in time? Whose pistol is it? Whom did you suspect in this crime? Whom do you battle with?

Альтернативный вопрос – Саволҳои алтернативӣ (интихобӣ) (Alternaive questions) подразумевает выбор одного из двух лиц, действий, состояний, качеств и может быть поставлен к любому члену предложения.

Альтернативный вопрос задается с использованием союза или ё (or) и может начаться с глагола и местоимения. Ответ на этот вопрос выборочный, то есть из двух ответов на вопрос, мы выбираем один из них. Ответы могут быть краткими или полными. Часть вопроса, которая стоит перед союзом or произносится повышенным тоном, та часть, которая стоит после союза, произносится пониженным тоном. Например: Мабод ки дар ягон ҷангу хунрезӣ ба вай захме расад ё ҳатто Худо накунад, ки кушта шавад [20,200] .

Is it a secret or a top secret document? Was she the spy in the service of Englishman or Germans? Was her meeting with Mussolini in Ostia in 1932 year chance meeting or bring about by secret plotting? [16, 11] Are you speaking related to political or social news? Does he work in the State Committee for National Security or in the Ministry of Internal Affairs? Can you shoot by pistol or buy submachine gun? What did the terrorists or drug smugglers intend to do?

Шумо дар Федератсияи Россия хизмат кардед ё дар Тоҷикистон? Ин амалиёт аз ҷониби кормандони мақомоти амният гузаронида шуд ё аз тарафи кормандони корҳои дохилӣ? Ҷанговарон бояд аз тарафи ғарб ҳамла кунанд ё аз тарафи ҷануб?

В разделительных вопросах беседа непринужденная, помогает поддержать разговор. Разделительные вопросы, как и общие вопросы, означают утверждение или отрицание мысли, которые встречаются в вопросе. Они как-будто состоят из двух частей. Первая часть состоит из рассказа или отрицания, а вторая часть состоит из короткого общего вопроса.

В английском языке в отличие от таджикского языка, эти вопросы будут звучать по-разному в зависимости от формы сказуемого. К примеру: You must obey the law, mustn't you? The police observed a man leaving home, didn't he? [24,242]. They met me in secret, didn't' they? [24,319] Military operation is very serious work, isn't it? Nowadays the situation in the region and world remains tense, doesn't it? The enemy isn't attacking from the North, is he? [24,110] We had not interesting discussion about politics, had we? [ 24, 94] They didn't fight for in defense of their country, did they? [24, 86] The soldiers didn't fire at the enemy, did they? [24,132]. Opposition forces couldn't cross the border, could they?

В таджикском языке разделительные вопросы звучат по-другому: Вазифаи мо хизмат ба Ватан аст, ҳамин тавр-не? Онҳо сирри давлатии амнияти миллиро ифшо намуданд, ҳамин тавр не? Мо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мубориза бо Германияи фашистӣ бар душман ғолиб омадем, ҳамин тавр не? Вазъият амалҳои фавриро талаб мекунад, ҳамин тавр-не? Мо бояд амнияти кишвар ва шаҳрвандонро таъмин намоем, ҳамин тавр-не?

Таким образом, разделительные вопросы делятся на два вида. Если первая часть вопроса состоит из утвердительного предложения, то во второй части глагол употребляется в отрицательной форме. Если вторая часть вопроса состоит из отрицательного предложения, то вспомогательный и модальный глагол во второй части употребляется в утвердительной форме.

Как видно из примеров, порядок слов в таджикском и английском языках не совсем совпадает.

Существуют и безличные предложения- ҷумлаҳои бешахс (impersonal) в обоих языках. В безличных вопросах неизвестно где и не имеет значение, кто совершает действие, в них нет подлежащего. Такие вопросы выражаются местоимением **«it».** В таких предложениях чаще всего речь идет о погоде, времени, днях недели, временах года. А в некоторых случаях безличное предложение также можно построить с использованием инфинитива, существительного и прилагательного. К примеру, It's time to attack. It is dangerous. It is deadly enemy. It is a signal. It is a command. Бо сарнайза ҷанг оғоз карданд [20,177]. Лашкари ҳар ду тараф кӯфтаву хуншор ақиб гашт [20,185]. Ин ҷанги бародаркуш аст. Ин таҳдиду хатар ба тамоми аҳолии кураи замин аст.

Безличные предложения также можно встретить в цитатах из народного творчества: Қаҳрамонӣ бе муҳокима ҳам ҳис карда мешавад ва барои ҳамин ҳам ҳамеша ҳақ аст. – Heroism feels and never reasons and therefore is always right. Душмани ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ дӯст шуда наметавонад. – Real enemy never can be a friend. Хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳтар. – There is no place like home. [11,7]

**В заключении можно сделать следующие выводы:**

1. В таджикском языке синтаксис, являясь, одним из главных разделов грамматики делится на две группы: синтаксис простого и сложного предложения.

2. В таджикском и английском языках члены предложения делятся на главные и второстепенные.

3. Предложения по виду делятся на простые и сложные, для выражения мысли на повествовательные, повелительные и восклицательные, по структуре на односоставные и двусоставные.

4. В обоих языках предложения делятся на два вида: простые распространённые – ҷумлаи соддаи тафсилӣ – simple extended sentence and и простые нераспространённые предложения – ҷумлаи содаи хуллас – simple unextended sentence.

5. В английском языке порядок слов в предложении строго определен, так как отношения между словами определяются местонахождением в слове.

6. Подлежащее и сказуемое более продуктивно используются как в таджикском, так и в английском языках.

7. В английском языке сказуемое стоит только на втором месте, за исключением его использования в поэзии.

8. Сказуемое играет основную роль в построении предложения в обоих языках.

9. Сказуемое в таджикском языке используется в конце предложения, а в английском языке в середине предложения.

10. Сказуемое играет огромную роль в образовании терминословосочетаний, относящихся к «ҷумла – sentence в обоих языках, как хабари сода – simple predicate, хабари феълӣ – verbal predicate, хабари номи – nominal predicate.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Аракин В.Д. Типология языков и проблема методического прогнозирования. – Москва, 1989. – 157 с.
2. Акимова. Г.Н. Синтаксис русского языка. – Санк-Пертербург, 2009. – 341с.
3. Долгова О.В. Синтаксис как наука о построении речи. – Москва, 1980. – 191 с.
4. Козлова Л.А. Сравнительная типология английского и русского языков. – Барнаул: Алт ГПУ, 2019. – 180 с.
5. Мыльцева Н.А. Универсальный справочник по грамматике английского языка. – Москва, 2005. – 272 с.
6. Масюченко И.П. 222 правила современного английского языка. – Москва, 2004. – 448 с.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. – Душанбе, 1970. – 259 с.
8. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик. Синтаксис. – Душанбе, 2015. – 324 с.
9. Смирницкий А.И. Синтаксис английского языка. – Москва, 1957. – 286 с.
10. Саймиддин Д. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков. – Душанбе, 2017. – 412 с.
11. Сатцкая П.М. П.Ҷамшедов .Забони англисӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Душанбе, 2003. – 287с.
12. Ҷамшедов П. English. Забони англисӣ барои синфи 11. – Душанбе, 2003. – 287с.
13. Черниховская Н. Английский простыми словами. – Москва, 2012. – 320 с.
14. Ятимов С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ. – Душанбе, 2015. – 192 с.

**II. Художественная литература:**
15. А.Фирдавсӣ . «Шоҳнома». Ҷилди 1. – Душанбе , 2007. – 480 с.
16. Кларетта Петаччи. Секретный Муссолини. – Москва, 2013. – 528 с.
17. Ниязи Ф. «Не говори, что лес пустой». – Москва, 1982. – 271 с.
18. Ниязи Ф. «Вафо». – Душанбе, 2015. – 339 с.
19. Улуғзода С. «Фирдавсӣ». – Душанбе, 1988. – 272 с.
20. Улуғзода С. Ривояти суғдӣ. – Душанбе, 2002. – 220 с.

**III. Словари:**
21. Oxford Advanced Learner’s Dictionary. – 1796 с.
22. Назарзода С., Сангинов А. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
23. Н.В.Адамчик. Большой англо-русский словарь. – Минск, 1998. – 1167 стр.
24. Oxford Elementary Learner’s Dictionary. – 2004. – 428с.
25. Chris Gough. English vocabulary organizer. – England, 2001. – 224 с.

# НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАИ ИСТИЛОҲ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

# НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ НА ПРОБЛЕМУ ТЕРМИНА И ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

# LOOKING AT THE PROBLEM OF TERMIN AND TERMINOLOGY IN THE TAJIK LANGUAGE

***Илёсова Ф.Т.***
***Ilyosova F.T.***

*Муаллими кафедраи забонҳои хориҷии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон,унвонҷуи кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, лейтенанти хурд.*

*Преподаватель кафедры иностранных языков Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан, соискатель кафедры иностранных языков факультета журналистики Таджикского национального университета, младший лейтенант.*

*The lecturer of the department of foreign languages of the Higher school of the SCNS of the Republic of Tajikistan, competitor of the department of foreign languages, faculty of journalism, Tajik National University, junior lieutenant.*

*Научная специальность:* 10.02.20 – сравнительно-историческое сопостоватилное; типологическое языкознание.

*Ихтисоси илмӣ:* 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ; типологӣ-муқосавӣ.

*Scientific specialty: 10.02.20 – comparative linguistics - historic; typologic - comparative.*

*Тақриздиҳанда: Низомова С.Ф. – мудири кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, номзади илмҳои филология, дотсент.*

*Рецензент: Низомова С.Ф. – заведущий кафедры таджиского языка Таджиского Государственного Медитуниверситета кандидат филологических наук, доцент.*

**Аннотатсия:** Мақола ба яке аз мавзуъҳои муҳимми забоншиносӣ бахшида шудааст. Дар мақола андешаҳои забоншиносону муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ дар атрофи мавзуи истилоҳ ва истилоҳофаринӣ дар забони тоҷикӣ оварда шудаанд. Мақола ба таври муфассал шарҳу тафсири чанде аз истилоҳоти тарҷумашиносиро, ки ҳар кадом вазифаи мушаххаси худро дар мавридҳои гуногун иҷро менамояд, бо забони тоҷикӣ инъикос намудааст.

**Калидвожаҳо:** бонк, воридот, содирот, пул, ва асъор, ҳарф, маблағгузорӣ, инверсия, синтаксис, морфология, тарҷума, истилоҳ, истилоҳшиносӣ, таҳлил.

**Аннотация:** Статья посвящена одной из важных тем языкознания – вопросу о термине и терминологии в таджикском языке. В статье представлены мнения зарубежных и отечественных лингвистов и исследователей о термине и терминообразовании в таджикском языке. В статье подробно отражено объяснение и толкование некоторых переводческих терминов, каждый из которых выполняет свою специфическую функцию в таджикском языке.

**Ключевые слова:** банковское дело, импорт, экспорт, деньги, валюта, буква, инвестиция, инверсия, синтаксис, морфология, перевод, терминология, терминология, анализ.

**Annotation:** The article is devoted to one of the important topics of linguistics, namely «Review of the issue of terminology and terminology in the Tajik language». The article presents the opinions of linguists and researchers on the topic of terminology and term creation in the Tajik language. The article reflects in detail the explanation and interpretation of some translation terms, each of which performs its specific function in different cases, in the Tajik language.

**Keywords:**banking, import, export, money, currency, letter, investment, inversion, syntax, morphology, translation, terminology, terminology, analysis.

Истилоҳ ва истилоҳгузинӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва доманадори илми забонишиносӣ буда, дар забоншиносии тоҷик таърихи куҳан дорад. Бидуни он ки то замони Шӯравӣ истилоҳот ҳамчун як бахши илми забоншиносӣ мавриди пажӯҳиши донишмандон напазируфта бошад ҳам, авалин ишораҳо дар осори ниёгон, фарҳангҳо ва луғатҳои тафсирӣ ба назар мерасанд. Агар ба ин ё он фарҳанг ҳангоми таҳлили вожаҳо нигарем, ба кадом соҳа мансубият доштани истилоҳот таъкид гардидааст. Масалан, муаллифи «Бурҳони қотеъ» ҳангоми тафсири вожаҳо ба баромад ва хосси кадом соҳа будани онҳоро қайд кардааст. Чунончи, ***погура, ки пойи одамӣ муқобил ба хиқӣ шавад ва онро ба арабӣ доъулфил хонанд; ва баъзе гӯянд заҳмате ва озорест, ки ба сабаби заҳмати дигар ба ҳам расида бошад***... [22, 216]. Мисоли дар боло зикрёфта истилоҳоти соҳаи тиббӣ аст.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки истилоҳот ҳамчун як бахши алоҳидаи илм зикр нагардида бошад ҳам, он дар нигоштаҳои илмиву адабии олимону донишмандон мавқеи устувор дошт. Чунончи, дар «Донишнома»-и Сино имкониятҳои дохилии забон дар истилоҳсозӣ барҷаста мушоҳида мегардад.

Забоншинос П.Нуров дар асараш «Истилоҳшиносӣ» чаҳор қоидаи сохта шудани истилоҳоти илмиро дар асарҳои адибону олимони классикии тоҷик муайян намудааст:

1. Истилоҳгузинӣ, яъне интихоби муодил (ҳамто)-ҳои тоҷикии калимаистилоҳҳои арабӣ: ҳаракат-ҷунбиш, ашёчиз, тағйирот-гардиш...

2. Истилоҳсозӣ, яъне сохтани муодил (ҳамто)-ҳои истилоҳҳои арабӣ бо истифодаи қолабҳои калимасозию ибораороии забони тоҷикӣ...

а) сохтани муодилҳои тоҷикии истилоҳҳои арабӣ дар шакли ибораистилоҳҳо: ҳаракати барсӯ-ҳаракати фурӯсӯ, қобили ҳаракат-ҷунбишпазирии чизи зудҷунб ...;

б) ба асоси калима ҳамроҳ кардани пешвандҳои (но- ва бе) ва пасвандҳо (-ӣ, -иш, -о, -а, -ан ва ғ.);

в) калимабандӣ-таркибпазир, қисматпазир, гармгоҳ, миёнгоҳ, иқлимпазирӣ ва ғ.

3. Истилоҳгардонӣ, яъне истилоҳ гардондани калимаи забони умум дар забони илмӣ. Чунончи, калимаи «гирд», ки маънии луғавии «доирашакл будан» аст, чун истилоҳи илмӣ маънии нави гардонда гирифтааст: ҷунбиши гирд.

4. Истилоҳпазирӣ, яъне иқтибосу истеъмоли истилоҳоти арабӣ: ҷисм, тӯл, арз, сабаб, макон, замон ва ғ. [17, 15-16].

Заминаи асосии ташаккул ва такомули истилоҳоти миллии забони тоҷикӣ осори адибону донишмандон ва луғатнигорони классикӣ ҳисоб мегардад.

Давраи дуюми ташаккулёбии истилоҳоти забони тоҷикӣ даврони Шӯравӣ ҳисоб меёбад, зеро дар ин давра нахустин маротиба истилоҳот ҳамчун як бахши илми забоншиносӣ мавриди пажӯҳиш ва ковишҳои илмӣ қарор гирифт.

Олими шинохта Тӯрақул Зеҳнӣ, ки яке аз муборизони тоза нигоҳ доштани забони адабӣ дар аввали садаи 20-уми асри XX маҳсуб меёфт, дар мақолаи «Фикри ман дар бораи забони чопагӣ» яке аз роҳҳои босавод кардани оммаро чунин иброз намудааст: «…ба онҳо луғат ва истилоҳ, ҷумлабандӣ, тарзи баён ёд диҳем, луғат ва истилоҳоти тозаро омӯзем, зеро ки мар-

думи тоҷик пеш аз ин аз илму фан тамоман бехабар, аз забони адабӣ ва чопагӣ бебаҳра буданд...» [5, 57].

Дар аксарияти мақолаҳои олимони аввали садаи XX Т. Зеҳнӣ [4], С. Ализода [4], Р. Ҳошим [4], Б. Азизӣ [4], О. Исматӣ [4] ва дигарон ақидае ё назаре дар мавриди истифодаи истилоҳот зикр гардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар масъалаи корбурди истилоҳот дар забони тоҷикӣ бетараф набудаанд ва барои ба низом даровардани истилоҳоти забони миллӣ кӯшиш ба харҷ медоданд.

Соли 1930 дар аввалин Анҷумани забоншиносӣ, бо мақсади ба низом даровардани истилоҳоти забони тоҷикӣ, қарор қабул намуд, ки он банд чунин аст: «Ба мақсади муайян кардани истилоҳоти илмӣ, дарсӣ ва сиёсӣ Анҷуман лозим медонад, ки дар назди комиссариати маорифи Тоҷикистон Кумитаи луғат ва истилоҳот ташкил карда шавад ва ин кумита ба зудӣ ба кор сар кунад ва вазифаи ба зудӣ нашр кардани китобҳои луғат ва истилоҳотро назди худ бигзорад» [8, 12].

Албатта, ин кӯшиши аввалине буд дар ин самт, ки баъдан соли 1935 дар бораи таъсиси «Кумитаи Марказии Алифбои нав ва терминология (истилоҳот)» Қарори КИМ ҶСШ Тоҷикистон ба тавсиб расид. Баъди як соли ин қарор санади расмӣ соли 1936 бо номи «Установкаи терминологияи забони тоҷикӣ» ба нашр расид. Соли 1971 бошад, дастурамале бо унвони «Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ» ба нашр расид, ки пайомади онро забоншинос С. Назарзода чунин баҳо додааст: Дастуруламали севум 35 сол баъди «Установка», соли 1971 зери унвони «Принсипҳои асосии терминологияи забони тоҷикӣ» аз чоп баромад. Тартибдиҳандаи он Я. И. Калонтаров буд. Ин «Принсипҳо» усулҳои истилоҳсозии забони тоҷикиро ба сурати умум фаро гирифта, аз тарафи «Комитети терминологии АФ РСС Тоҷикистон» тасдиқ шуда, «дар зери таҳрири академик М. С. Осимӣ ва Н. А. Маъсумӣ» таҳия гардидааст. Ин санад бино ба муаррифиномае, ки пеш аз оғози китоб омадааст «...барои шуъбаҳои соҳавии Комитети терминологӣ, тартибдиҳандагони луғатҳои терминологӣ, мутарҷимон, коркунони нашриёт ва муаллимон дастуруламал мебошад. Дастуруламали сеюм, мутаассифона, то ҳол охирин санади расмиест, ки ба масъалаи истилоҳсозии забони тоҷикӣ, роҳҳои такомул ва тартибу низоми он бахшида шудааст.

Ҳамин тавр, дар заминаи илми истилоҳшиносии рус пажӯҳиши илмии истилоҳоти миллии тоҷикӣ ба миён омад.

Давраи ниҳоят ҳассосу ҷолиб барои ташаккули истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ даврони Истиқлолият маҳсуб меёбад. Дар майдони илми истилоҳшиносӣ чеҳраҳои нав пайдо гардида, ин риштаи илмро боз ҳам густариш доданд. Дар ин давра хизмати забоншиносон Ш. Рустамов, М. Шакурӣ, Д. Саймиддинов, М.Қосимова, С.Назарзода, Н.Пиров, Мирзо Ҳасани Султон ва дигаронро бузург аст.

Дар баробари муваффақиятҳое, ки дар таҳқиқи истилоҳот дар забоншиносии тоҷик ба назар мерасад, норасоиҳои низ ҷой доштанд. Чунончи, академик М.Шакурӣ аз тарҷумаи бебарори истилоҳот изҳори нигаронӣ намуда, дар ин ҷода ҷалби тарҷумонҳои болаёқати забондонро зарур ва ҳатмӣ медонад: «Дар истилоҳот то он ҷо ки имкон ҳаст, гурехтан аз тарҷума яке аз шартҳои асосист, зеро тарҷума ҳатто дар сурате, ки хеле хуб анҷом ёфтааст, нисбатан чизи сунъист, як андоза аз табиият дур аст. Роҳи асосӣ на тарҷума, балки ёфтани муодили тоҷикии истилоҳ ё сохтани он аст. Муодили тоҷикии истилоҳро аз андӯхтаҳои таърихи забон бояд ҷуст ё ба равияи истилоҳоти мавҷуда аз худ бояд сохт. Чун ин меъёрро корбаст мегирем, маълум мегардад, ки муодили баъзе истилоҳот тамоман дигар аст. Барои ин ки масъала равшан шавад, мо истилоҳоти русиро бо тарҷумаи пештара ва тавсияи нав меоварем:

Свидетельство о браке – шаҳодатнома дар бораи никоҳ – хати никоҳ, никоҳнома;

Свидетельство о расторжении брака – шаҳодатнома дар бораи бекор кардани никоҳ – хати талоқ, талоқнома;

Свидетельство о рождений – шаҳодатнома дар бораи таваллуд – зоднома;

Запись акта об усыновлении (удочерении) - қайди санад дар бораи ба писари (духтарӣ) кабулкунӣ – сабти фарзандхондӣ [19, 188].

Низоми истилоҳот дар ҳар як давру замон бо дигар гардидани авзои сиёсию иҷтимоӣ, илмию техникӣ истилоҳҳо ва калимаҳои нав ба навро тақозо менамояд.

Назари ақаллияти олимону донишмандон дар қоидаи интихоб ва эҷоди истилоҳот якранг аст. Нахуст бояд аз имконоти дохилии худи забон пурра истифода кард ва сипас дар мавридҳои зарурӣ аз дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла аз забонҳои дигар истилоҳотро иқтибос мекунанд [11, 56 ].

Истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ як фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳар чи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст [11, 20].

Мушкилии истилоҳ ва ба як низоми муайян даровардани истилоҳоти миллӣ таваҷҷуҳи Сарвари кишварро ба худ ҷалб намудааст, ки дар Рӯзи бузургдошти забони модарӣ чунин ибрози андеша намудааст: «Масъалаи истилоҳот ва махсусан таҳияи истилоҳоти илмӣ, ки барои ба забони илм табдил ёфтани забони модарии мо аҳамияти аввалиндараҷа дорад, аз масъалаҳои ҳалталаб барои ҷомеаи мо ба шумор меравад. Бо таъсис ёфтани Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала бояд зери назорати ҷиддии ин муассиса қарор гирад. Пеш аз ҳама, таҳия ва ҳамгунсозии истилоҳоти забон, таҳияи китобҳои дарсӣ, вожаномаю фарҳангҳои истилоҳот, маводи таълимӣ ва ғайра бояд ҳатман аз ташхиси забоншиносӣ гузаранд ва баъд аз он ба чоп тавсия шаванд» [23, 2010].

Доир ба вижагиҳои истилоҳот, хусусан сермаъноӣ, муродифшавии истилоҳот назари олимону мутахассисон гуногун аст. Аммо дар истилоҳоти имрӯза муродифшавӣ мушоҳида мегардад, ки ин падида таҳқиқоти амиқу илмиро талаб мекунад.

Дар таърифи забоншиносон аломат ва вижагиҳои истилоҳот зикр гардидааст. Чунончи, забоншинос М.Норматов аломатҳои зеринро ба истилоҳот нисбат медиҳад:

1) истилоҳҳо аксар якмаъно мешаванд;

2) истилоҳҳо оммафаҳм нестанд, зеро онҳо соҳагианд;

3) истилоҳҳо ба маънои маҷозӣ намеоянд;

4) истилоҳҳо асосан синониму антоним надоранд;

5)аксарияти истилоҳҳо серистеъмол нестанд;

6) истилоҳҳо мисли калимаҳои одӣ аз забонҳои дигар ба осонӣ ва озод тарҷума намешаванд» [12, 59].

Забоншинос Мирзо Ҳасани Султон вожаи «истилоҳ»-ро чунин шарҳ медиҳад: *«Вожаи истилоҳ аслан дар арабӣ аз феъли навъи* ***Vlll istalaha*** *ба маънии 1) беҳ шудан,ислоҳ гаштан; 2) сулҳ кардан (бо касе); 3)мувофиқа кардан (дар бобати чизе, созиш кардан, шарт бастан, пазируфтан) омадааст. Онро дар забоншиносӣ бо калимаи* ***термин****, ки аз* ***терминус*** (terminus)*- и лотинӣ ба маънои* ***ҳад****,* ***ҳудуд****,* ***андоза*** *гирифта шудааст, баён менамоянд.* ***Истилоҳ*** *ё худ* ***термин*** *калима ё ибораест, ки мафҳуми муайяни ягон соҳаи илм, санъат, техника ё истеҳсолотро дар бар мегирад* [10, 6].

Д.С. Лотте ба чунин хусусиятҳо молик будани истилоҳотро қайд намудааст:

1) якмаъноӣ;

2) систематикӣ;

3) аниқияти маҳдудии маъно;

4) аз обуранги бадеӣ ва хусусияти муассирӣ маҳрум будан;

5) муродиф, муодил, айният надоштан;

6) кӯтоҳ ва хушоҳангӣ [7, 12-34].

Н. Офаридаев дар мақолааш «Ҳамгунсозӣ ва корбурди истилоҳот дар забони давлатӣ» дар мавриди ташаккулёбии истилоҳоти миллӣ сухан ронда, таъсири забонҳои абадкудратро ба низоми истилоҳот таъкид намуда, дар мавриди ташаккули истилоҳоти миллӣ чунин андеша дорад: «*Ташаккул ва рушди истилоҳоти забони тоҷикӣ дар бахши илм, техника, технология ва дигар соҳаҳо ба рушди бахши мушаххаси ин ё он соҳа вобастагӣ дорад. Бояд зикр кард, ки ҳангоми тарҷума, бозгардон ва офариниши истилоҳоти гуногун боядҷиҳатҳои маънои истилоҳот ба эътибор гирифта шавад. Истилоҳ маъмулан аз назари маъно доираи васеи мафҳумҳо, аломат, ҳаракату амал, миқдор ва ғайраро ифода мекунанд*» [4, 46].

Забоншинос бар он ақида аст, ки сабаби ҳамгуна доштани истилоҳот ин таъсири забонҳои англисӣ, форсии нав, забони русӣ ва ғайра мебошад. Ин раванд роҳи ҳалли хешро дорад. Ин ҳодиса оҳиста-оҳиста бартараф хоҳад шуд.

Дар мақола дуруст қайд шудааст, ки «*истилоҳот бояд мушаххас, якмаъно бошад ва мафҳумро пурра ифода карда тавонад, зеро ин қабати луғат вазифаи муҳимми иттилоотрасониро бар дӯш дорад*» [4, 50].

Истилоҳҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ кам нестанд ва омили ин ҳодисаи забониро забоншинос Мирзо Ҳасани Султон чунин шарҳ додааст: *«Иқтибос гирифтани истилоҳот аз забонҳои дигар ба табиат ва қоидаҳои дастурию овоии забон вобаста аст. Яъне, дар сурати мавҷуд набудани муодили тоҷикии истилоҳ ва имкон надоштани истилоҳсозии нав дар ин замина асл, ё ғайримустақим ба воситаи забони севум иқтибос гирифта мешвад. Масалан: академия, кумита, аспирант, докторант, полковник, сулфур, карбон, оксиген, ҳидроген, бонк, мониторинг, ҳолдинг, трансфер, форвард ва ғайра [*10**,** 60*]* .

Истилоҳҳо дар забон ба маънои мушаххас истифода бурда мешаванд. Истилоҳоти миллӣ бояд дар асоси қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ сурат гирад. Дар раванди истилоҳсозӣ тамоми хусусиятҳои он ба эътибор гирифта шавад.

Вожаҳои баёнгари мафҳуми ин ё он бахши ҳаёт дар навбати худ истилоҳҳои ҳамон соҳа низ ба шумор меравад. Масалан, истилоҳҳои **бахши мусиқӣ –** рубоб, суруд, рақс, чанг; **бахши тиб –**дору, дармон, табиб, ташхис, муоина; **бахши риёзӣ –** зарб, каср, муодила, баробар; **бахши илми забон** – овоз, ҳарф, сарф, феъл, наҳв, мубтадо ва ғайра [6, 132 – 133].

Дар даврони Истиқлолият дар баробари таҳқиқи масъалаҳои гуногуни забоншиносии муқоисавӣ ба масъалаи таҳқиқу баррасии муқоисаи масъалаҳои гуногуни соҳаҳои забон асару мақолаҳо навишта шуда, ба мушкилоти истилоҳот дахолат намудаанд.

Забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ дар рушди забоншиносии муосир нақши муҳимме дар таҳқиқи забонҳо дорад. Дар заминаи ин метод хусусиятҳои нодиру бемисл ва ё муштараки ин ё он забон ошкор мегарданд. Забоншиносӣ дар навбати худ, бахшҳои мухталифи баҳси худро дорад, ки истилоҳшиносӣ ҷузъе аз онҳост. Рушди бесобиқаи илму технология ба он оварда расонд, ки ҳамарӯза даҳҳо калимаву истилоҳоти нав ба лексикаи забонҳо ворид мегарданд. Зимнан, мушкилоти омӯзиш, тарҷума, стандартикунонӣ ва муайян намудани ҳудуди истифодабарии истилоҳот ба миён меоянд. Агар ба мавзуи истилоҳшиносӣ ва ё истилоҳофаринӣ дар маҷмуъ назар афканем, дармеёбем, ки ҳар соҳаи илм ба худ истилоҳоти мушаххасеро дорост.

Муҳаққиқону забоншиносони ҳам хориҷӣ ва ҳам ватанӣ дар ин ҷода мақолаҳову рисолаҳои илмӣ, фарҳангҳои истилоҳоти соҳавӣ таҳия намудаанд, ки дар ин самт хидмати Ҷамшедов П., Ҷураев Т.К, Камолова С.Д, Каримов Ш.Б, Мамадҷонова Л.М, Мирзоев З, Мирзоев Х.Х, Муродбекова М.Х, Муҳаммадиева

З. А, Нағзибекова Б.М, Назарова Н.С, Наимов Р, Пулатова Н.Ю, Раззоқбердиев Ш, Саидов Ҳ.А, Собирова С.Г, Солиева М.А, Сулаймонов С, Султонова Р.М, Худоиева Н.Н, Назарова З.А, Нормаҳмадов А.С, Азизова М.Х ва дигарон калон аст.

Дар забоншиносии хориҷӣ низ дар баробари дигар соҳаҳои илм истилоҳоти махсусро доро мебошад. Аз мушоҳидаҳо ҷунин хулоса бар- меояд, ки то кунун ба таври муқоисавӣ омӯзиши истилоҳоти соҳаи тарҷума дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат нагирифтааст. Аммо дар забони англисӣ ин соҳаи илм ба таври амиқу дақиқ омӯхта шудааст ва дар ин замина мақолаҳо ва рисолаҳо, фарҳангҳову донишномаҳои муфид ба чоп расидаанд. *Аз ҷумла, SAGER, Juan. 1998. Terminology: Theory. In BAKER, M. (ed.). Routledge Encyclopedia of Translation Studies. London/New York: Routledge, 1998, pp. 258-262; VENUTI, Lawrence. 1998. Strategies of Translation. In BAKER, M. (ed.). Routledge Encyclopedia of Translation Studies. London/New York: Routledge, 1998, pp. 240-244; NIELSEN, Sandro. 1994. The Bilingual LSP Dictionary; Principles and Practice for Legal Language.Tübingen : Gunter Narr Verlag.Delisle, J., Lee-Janke, H. and Cormier, M. C. (eds) (1999), Terminologiede la traduction / Translation Terminology / Terminologia de la traducciyn/ Terminologieder Ьbersetzung. Amsterdam / Philadelphia: Benjamins. Key Terms in Linguistics Howard Jackson Key Terms in Semiotics Bronwen Martin and Felizitas Ringham Key Terms in Syntax and Syntactic Theory Silvia Luraghi and Claudia Parodi; Key terms in translation studies Giuseppe Palumbo ва ғ.*

Термин (истилоҳ) дар соҳаи худ фақат як маъноро ифода менамояд. Якмаъноӣ хусусияти асосии истилоҳ мебошад. Як калима метавонад дар якчанд соҳа термин бошад, вале дар ҳар соҳа чун омоним он маънои дигар дошта, ба маънои махсуси дар ҳамон соҳа қабулшуда истифода мешавад, мисол:

1) инверсия (дар забоншиносӣ) : ҷойи ивазкунии аъзо. Мисол: Гургони дупо рабуданд **онҳоро**.

2) инверсия (дар кимё): тақсимшавии қандҳои мураккаб ба сода зери таъсири ферментҳо ва кислотаҳо;

3) инверсия (дар биология): намуди мутатсия, яъне тағйирот дар хромасомаҳо;

4) инверсия (дар риёзиёт): мувофиқ омадани рақамҳо;

5) инверсия (дар геометрия): яке аз намудҳои махсуси инъикоси ҳамворӣ ва паҳноӣ бо воситаи радиуси чаппа;

6) инверсия (дар физика) ба ҷойи пастшавии ба тропосфера хос баландшавии ҳарорати ҳаво дар фазо [6, 132 - 133].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тафсири истилоҳоти боло чунин натиҷагирӣ мешавад:

– истилоҳоти фаровон дар самти тарҷума корбурд карда мешаванд;

– истилоҳот дар раванди тарҷума дорои вазифаҳои мушаххаси худ мебошанд;

– як истилоҳ ҳамзамон метавонад чандин маъно дар дигар самтҳо дошта бошад;

– як гурӯҳе аз истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар ҳар ду забонҳо якранг (бе тарҷума) истифода мешаванд; ва ғ.

Аз солҳои ҳаштодуми асри XX сар карда, ба ҳаёти мардуми тоҷик дигаргунии фарҳангӣ, бедории миллӣ, худшиносӣ эҳсос карда мешуд, ки ин падида барои беҳтар гардидани вазъи истилоҳоти миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард, ки ин маъниро академик М.Шукурӣ чунин арзёбӣ намудааст: «*Азбаски миллати тоҷик дар ҳудуди даҳаи ҳаштоду навад ба оғозгоҳҳои таърихи худ, ба саргаҳу сарчашмаҳои ҳастии маънавии худ бештар рӯй овард, дар истилоҳот ҳам кӯшише баргаштан ба асли худ намудор шуд. Дар забони миллӣ аз ҷумла дар истилоҳот барои озод шудан аз фишори таъсироти манфии беруна, аз қайду банд ва маҳдудиятандозиҳои давраи мустамлика, аз ниҳилизми таърихӣ, ки ҳастии маънавии миллатро аз анъанаҳои инкишофи таърихии он, аз*

*табъияти аслии вай маҳрум месохт, ҷидду ҷаҳде ба амал омад»[19, 201].*

Дар воқеъ, баъди солҳои навадум истилоҳоти миллӣ, сарфи назар аз норасоӣ ва мушкилот, ташаккул ва такомул ёфт.

Имрӯз бо шарофати Истиқлол барои ба низом даромадани истилоҳоти миллӣ, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Ҳар сол барои ҳаллу фасли мушкилоти истилоҳоти миллӣ чандин конфронсу ҳамоишҳо ва мизҳои мудаввар гузаронида мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар доираи як мақола баррасӣ намудани ин мавзуъ ғайриимкон аст, аз ин рӯ, мо баъзе андешаҳои худро ба рӯйи қалам овардем.

## АДАБИЁТ:


1. *Апухтин В.Б.* Система записей в последовательном переводе // Л.Л. Не-любин, А.А. Дормидонтов, А.А. Васильченко и др. Учебник военного перевода. Английский язык. Специальный курс. Под.ред. д.ф.н., проф. Л.Л. Нелюбина. – М., 1984. – С. 357-396.
2. *Ахманова О. С.* Указатель основных английских переводов // О.С. Ахманова. Словарь лингвистических терминов. – М., 1966. – С. 537-570.
3. Байзоев А. М. Язык «Донишнома» Абуали ибн Сина терминология и словообразование). Автореф. канд. дисс. – Душанбе, 1992. – 22 с.
4. Забон ва худшиносии миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо). Китоби якум. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 231 с.
5. Зеҳнӣ Т. Фикри ман дар бораи забони чопагӣ. Забон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе, 2007. – 231 с.
6. Каримзода Назрулло; Ҳафиззода Дӯстмурод. «Забони тоҷикӣ» (Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултети иқтисод ва идора). – Душанбе: Эр-граф, 2019.
7. Лотте Д.С. Основные принципы построения научно-технической терминологии в науке и технике. – М.: Наука, 1969, – 200 с.
8. Лотте Д.С. Лингвинистические проблемы научно-технической терминологии. – М.: Наука, 1970. – 271 с.
9. Лотте Д. С. Проблемы языка науки и техники. – М.: Наука, 1972. – 300 с.
10. Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳшиносӣ ва истилоҳнигории тоҷикӣ. Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2019. – 196 с.
11. Назарзода С. Назаре ба усулҳои истилоҳсозии забони тоҷикӣ. Танзим ва корбурди истилоҳот дар забони давлатӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014, – 128 с.
12. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 239 с.
13. Нуров П.Г. Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти илмӣ дар забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1995.
14. Нуров. П. Г. Истилоҳоти илмии техникии тоҷикӣ ва хусусиятҳои забонии он. // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон, 2014, №4/3 (137). – С. 48-52.

15. Нуров. П. Г. Нақши тарҷума дар ташаккули истилоҳоти илмию техникии тоҷикӣ// Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2015, №1. – С. 333-337.
16. Нуров П.Г. Дурнамои рушди забони илмии тоҷикӣ ва истилоҳоти он // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. – 2014. -№1 (39). – С.90 97.
17. Нуров П.Г. Истилоҳшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2018.– 139 с.
18. Нуров П.Г. О роли русского языка в становление и развитии современной научно-технический терминалогии таджикского языка. // Известия Академии наук. Отделение общественных и гуманитарных наук, 2005, №4, С.70-74.
19. Шакурӣ М. Забони миллӣ ва ҷаҳонгаройӣ. – Душанбе, 2010. – 219 с.
20. Baker, M. (1998). Encyclopedia of Translation Studies, London and New York: Routeledge.
21. Bassnett, S. (1980). Translation Studies. London and New York: Routeledge; revisited edition, 1991
22. Муҳаммадҳусейни Бурҳон. Бурҳони қотеъ.Ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
23. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Рӯзи бузургдошти забони модарӣ, 05.10.2010.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**(Маҷаллаи илмии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон

**НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ**
**(Научный журнал Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан)**

734018, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2
Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан

**SCIENCE AND SECURITY**
**(The scientific journal of high school SCNS of the Republic of Tajikistan)**

734018, Dushanbe city, N.Qaraboev street, 54/2
High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan
Phone: +(992 37) 233-55-19

Ба матбаа 10.02.2023 ирсол гардид.
Барои чоп 14.02.2023 ба имзо расид.

Қоғази офсетӣ. Андозаи 60х84 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 28.0. Адади нашр 100 нусха.

Дар матбааи РТМТ-и КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаст.
734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ.Икромӣ, 8